**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 1 (39), 2025**

Маҷалла 08 июни соли 2023 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозор Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Қобилҷон Хушвахтзода, Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Комил Бекзода, Маҳмадалӣ Музаффарӣ,.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗУЪҲО

## ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА ДАВЛАТДОРИИ ДУНЯВӢ

***Забеҳулло Беҳрӯз***. *Назарияи ҳифз ва бақои давлат дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ*........ 4

**Рахимзода Дорюш (Составитель).** *Высказывания и тезисы*.......... 18

**Асадзода Назрӣ.** *Арзишҳо. Арзишҳои миллӣ ва низоми арзишҳо. Нақши таъйинкунандаи онҳо дар ташаккули ҳувийяти миллӣ ва мавқеъгирии давлатӣ*........ 50

**Саидзода Ҷамолиддин.** *Муъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ*............. 68

**Собириён Меҳр.** *Муҳит ва шароити рушди давлатҳо дар доираи созмонҳои ҳамгироии иқтисодӣ*........ 84

## РАВЗАНАИ ОШНОӢ

**Нурзода Нозим.** *Шахсияти отифӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ*........ 101

## ТАҚРИЗ ВА ТАҲИЯ

**Нурзода Нозим.** *Бозшиносии таърихи миллӣ – масъулияти касби нависандагӣ (бардоштҳои куллӣ дар заминаи романи "Нони шарикӣ"-и устод Мирзонасриддин)*........ 114

**Фарҳуд Фарангис.** *Дин абзори сиёсат дар барандозии Ҷамшед дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ. Таҳияи Беҳрӯзи Забеҳулло*........ 139

## ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА ДАВЛАТДОРИИ ДУНЯВӢ

**Беҳрӯзи ЗАБЕҲУЛЛО**
*адабиётшинос, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ*

# НАЗАРИЯИ ҲИФЗ ВА БАҚОИ ДАВЛАТ ДАР “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ

Фирдавсӣ “Шоҳнома”-ро танҳо барои ҳифзу гиромидошти забони порсӣ эҷод накардааст. Бар хилофи тасаввури сунатӣ ва талқиноте, ки дигарон дар зеҳни мо ҳазорон сол афкандаанд, ҳадафи асосии Фирдавсӣ дар эҷоди “Шоҳнома” масъалаи ҳифз ва бақои давлати миллӣ будааст.

Яке аз нуқтаҳои заъфи мо дар тули таърих ин буда, ки бардоштҳо ва фаҳми мо аз китобҳои илмӣ, таърихӣ, ҳамосӣ ва адабии ниёконамон бар вифқи мурод ва таъбиру тафсирҳои муҳаққиқони бегона шакл гирифтааст ва мо худ ҳаргиз барои шарҳу тавзеҳи онҳо кӯшиш накардаем ва ба афкору таҳлилҳои муғризонаи бегонагон дар бораи сарнавишти хеш гардан ниҳодаем. Ин заъфро бори аввал Иқболи Лоҳурӣ дар нисбати дарки нодурусти мусулмонон аз андешаҳои Ҷалолиддини Балхӣ матраҳ кардааст, ки:

*Шарҳи ӯ кардему ӯро кас надид,*
*Маънии ӯ чун гизол аз мо рамид.*
*Рақси тан аз ҳарфи ӯ омӯхтанд,*
*Чашмро аз рақси ҷон бардӯхтанд [ 6, 450].*

Албатта, манзури Иқбол аз ин эрод тоҷикон набуда, балки тамоми уммати исломиро дар назар дошт, ки руҳи бедорию боландагии “Маснавии маънавӣ” ва ё ҳадафи аслии Мавлоноро аз эҷоди ин шоҳасари ирфонӣ хуб дарк накарда, дар асри 19-20 назди истеъмор тан ба хорию зиллат ниҳода буданд.

Ҳамин ҳолат ба сарнавишти тамоми бузургони мо ва осорашон дар мавзуҳои гуногун дучор гардидааст. Академик Акбари Турсун низ ҳамин назарияро ҷонибдорӣ карда, менависад: “Барҷастатарин ва аёнтарин аломати шарқзадагиро гузаштагароӣ унвон мекунам. Ин падида ба худии худ айбу аҷаб надорад. Ҷиҳати ташвишовари вай чизи дигар аст: гузаштагароиҳои тоҷикона сириштан омиёна буда, бад-ин иллат созанда нест. Аввалан, гуфтаниам, ки ифтихори мо аз мероси гаронмояи гузаштагони фарзонаамон ҳадди аксар ифтихори огоҳона нест. Ҳақиқатан ҳам гузаштагароиҳои тоҷикон худнамоии хушку холиест тиҳӣ аз мазмуну маънии волои таърихию фарҳангӣ” [16].

Ин як саволи бисёр муҳимму асосӣ аст, ки чаро мо ба чунин ҳолат гирифтор шудем?

Вазъият дар атрофи осори Фирдавсӣ, Сино, Хайём, Ҳофиз, Носири Хусрав ва дигарон низ ба ҳамин минвол аст. Мо камтар аз даричаи ҷаҳонбинии устуравӣ ва миллии хеш ба ин осори мондагор нигоҳ андохтаем.

“Шоҳнома”-и безавол низ маҳкуми ҳамин сарнавишт будааст. Ҳар ки бо ҳар ҳадафе ҳар чи дар бораи ин шоҳасар қазоват карда бошад, мо бечуну чаро онро пазируфтаем. Фирдавсӣ на танҳо барои эҳёи забони порсӣ хидмат кардааст, балки саҳми ин китоб дар ҳизфу посдории фарҳанг, ҷаҳонбинӣ, расму оин ва суннатҳои қавми ориё беназир аст. Аммо ҳадафи асосии Фирдавсӣ аз эҷоди “Шоҳнома” ҳифзу

бақои давлати миллӣ ва аз ин тариқ эҳёи азамати гузаштаи Эронзамин будааст.

Расул Раиси Ҷаъфарӣ, пажуҳишгари таърихи иқтисоди Эрон низ бар ҳамин назар аст, ки “бар хилофи он тасаввури роиҷ, ки гӯиё Фирдавсӣ “Шоҳнома”-ро ба хотири ҳифзи забони Порсӣ сурудааст, ман таъкид мекунам, ки ин шоҳасар бо ҳадафи эҳё ва ҳифзи давлатдории миллӣ дар муқобили арабҳо ва ҳукуматҳои маҳаллии туркӣ офарида шудааст”. Ӯ дар қисмати “Гуфтор андар офариниши китоб” ҳадафи хешро ин гуна шарҳ медиҳад:

*Яке паҳлавон буд деҳқоннажод,*
*Далеру бузургу хирадманду род.*
*Пажӯҳандаи рӯзгори нахуст,*
*Гузашта суханҳо ҳама боз ҷуст [12, 2].*

Яъне мутобиқи гуфтаи Фирдавсӣ дар абёти мазкур ҳадаф аз ҷамъоварии достонҳои куҳан, зинда нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, ба даст овардани истиқлол ва эҳёи азамати аздастрафтаи Эрон будааст.

Устод Айнӣ ҳам яке аз сабабҳои таълифи рисолаи “Дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ”-ро роиҷ шудани ривоятҳои дурӯғин дар миёни мардум дар бораи Фирдавсӣ ва сабаби таълифи “Шоҳнома” баён кардааст. Ӯ сипас равиши таҳқиқии забоншиноси маъруфи олмонӣ Нёлдекаро, ки ғоя ва ҳадафи асари бадеиро бо такя бар муҳтавои худи асар ва саргузашти нависандаи он баррасию баҳогузорӣ мекард, ситоиш намуда, таъкид медорад, ки дар рисолаи худ дар бораи Фирдавсӣ аз равиши ӯ истифода кардааст: “Ман ҳам барои навиштани ин мақолаи худ усули донишманди мазкурро ба худ роҳбар қарор дода, хостам, ки “Шоҳнома”-ро аз назар гузаронида бароям” [1,13].

Барои дарки дурусти ҳадафи Фирдавсӣ қабл аз ҳама бояд дар бораи авзои сиёсию иҷтимоии замони ӯ маълумоти дақиқ

дошта бошем. Бо муқоисаи мутуни давраҳои гуногун бо якдигар метавон таъсироти муҳитӣ ва иҷтимоиро дар он равшан кард. Волфганг Изер (1926-2007), забоншиноси олмонӣ ва яке аз асосгузорони назарияи "зебоишиносии қабулкунанда" мегӯяд, ки "миёни матн ва муҳити иҷтимоие, ки матн дар он шакл гирифтааст, робитаи амиқ вуҷуд дорад". Шахсияти фардии муаллиф барои шинохти асар бисёр муҳим аст. Ковишҳо дар заминаи вижагиҳои шахсии шоир ва иртиботи он бо асар дар мактаби сабкшиносӣ боиси падид омадани мактаби сабкшиносии таквинӣ (ҷенетик стайлистикс) шуд, ки асоси он баррасии иртиботи байни асар ва равони нависанда аст. "Шоҳнома" дар замоне эҷод гардид, ки аз як сӯ ҳокимияти миллии мо – давлати Сомониён рӯ ба завол ниҳода, аз сӯйи дигар ҷойи арзишҳои бостонии Аҷамро арзишҳои сифатан нави исломӣ фаро мегирифт. Ва Фирдавсӣ тавонист ба ранҷу азоби тоқатфарсо нигоҳ накарда, бо сухани ҷаззоби шоирона Аҷамро аз нав зинда карда, мероси бузурги фарҳангӣ ва анъанаҳои ватандӯстии халқашро барои наслҳои оянда ба ёдгор бимонад" [8, 243]. Шарти дигари пешбинӣ ҳаводиси сиёсию иҷтимоии ҷаҳони муосир низ вобаста ба шинохте аст, ки мо аз гузашта дошта бошем. Чунончи Пол Кенедӣ, муҳаққиқи таърихи давлатҳо дар китоби хеш "Зуҳур ва суқути қудратҳои бузург" менависад: "Шояд беҳтарин роҳи дарки он чи дар пеш аст, нигоҳе иҷмолӣ ба зуҳур ва суқути қудратҳои бузург дар панҷ қарни гузашта аст...Такопӯе барои дигаргунӣ вуҷуд дорад, ки муҳаррики умдаи он таҳаввулоти иқтисодӣ ва текнулужикист, ки сипас бар сохторҳои иҷтимоӣ, бар низомҳои сиёсӣ, бар қудрати низомӣ ва бар вазъи якояки кишварҳо ва импературиҳо асар мегузорад" [5,730].

Бар хилофи иддаои баъзе хушбоварон ва содапиндорон, ки мегӯянд Ғазнавиён дар хидмати фарҳангу тамаддуни мо буданд, воқеияти таърихӣ инро собит намекунад. Дуруст аст,

ки онҳо дар ибтидо барои тақвияти мавқеияти сиёсию иҷтимоии хеш аз зерсохторҳои сиёсӣ ва фарҳангии гузаштагони мо ба хубӣ сӯистифода мекарданд, аммо ин як амри муваққатӣ ва фурсатталабона буд, зеро онҳо ба он сахт ниёз доштанд. Фирдавсӣ низ авзои нобасомони замонаи хеш дар бахши "Гуфтор дар бунёд ниҳодани китоб" ин гуна тасвир кардааст:

*Замона саросар пур аз ҷанг буд,*
*Ба ҷӯяндагон-бар ҷаҳон танг буд.*
*Бар ин гуна якчанд бигзоштам,*
*Суханро нуҳуфта ҳамедоштам...*
*Ҳамам ин сухан бар дил осон набуд,*
*Ба ҷуз хомушӣ ҳеч дармон набуд [12,3].*

Яъне Фирдавсӣ ба сароҳат ёдовар мешавад, ки Ғазнавиҳо тарафдори арзишҳои миллии ориёиҳо набуда, онро қабул надоштанд. 400 шоире, ки дар дарбори онҳо гирд омада буд, ҳама машғули иншои мадҳия ва расмӣ кардани мақому ҷойгоҳи ҳамин сулола гардида, аз арзишҳои миллии хеш сарфи назар карда буданд. Шодравон Худоӣ Шарифзода бар ин назар буд, ки "Шоҳнома китобест, ки илова бар ҳифзи забон, фарҳанг, таърих, хирад ва интиқоли таҷрибаҳои башарӣ ба хотири давлатдорӣ ва сиёсатмадорӣ эҷод шудааст: "Шеъри замони Сомониён дар анвои ғиноӣ ба сурати назми арабӣ, вале бо тору пуди мазмуни эронӣ бофта ва оростаи ҳамосаи ба куллӣ хоси адаби форсӣ ба ҳам омадааст.

Агар андаке пеш, ба замони султон Маҳмуд ва писараш султон Масъуд биравем, мебинем, ки бастани роҳи дувуми заминаҳои инкишофи адабӣ, яъне сурудани мавзуъҳои ҳамосаи миллӣ яке аз корҳои носавоби хонадони Ғазнавиён дар оғози ҳукуматашон буд" [14,18].

Таърих гувоҳ аст, ки танҳо Сомониён, ки ҳадафи ташкили давлати миллӣ дар сар доштанд аз эҷоди "Шоҳнома"

тарафдорӣ намуда, Фирдавсиро аз ҷиҳати молӣ ҳам пуштибонӣ мекарданд:

*Бад-ин нома чун даст кардам дароз,*
*Яке меҳтаре буд гарданфароз...*
*Маро гуфт, к-"Аз ман чи ояд ҳаме,*
*Ки ҷонат сухан баргарояд ҳаме,*
*Ба чизе, ки бошад маро дастрас,*
*Бикӯшам, ниёзат наёрам ба кас"....*
*Ба Кайвон расидам зи хоки нажанд,*
*Аз он некдил, номдор, арҷманд [11, 5].*

"Исмоили Сомонӣ аз мубориза‌и оммаи халқ барои истиқлолият истифода бурда, нахустин бор пас аз истилои араб сарзамини дар натиҷаи задухӯрдҳои дохилӣ парешонгардидаро ба ҳам муттаҳид намуд ва давлати бузурги мустақиле ба вуҷуд овард. Вай дар баробари барҳам додани ҳукумати Саффориён ҳокимияти худро на танҳо дар Мовароуннаҳр ва Хуросон мустаҳкам кард, балки ба як қатор вилоятҳои шарқӣ ва шимолии Эрон соҳиб гардида, истиқлолияти ҳақиқии давлати ташкилкардаи худро нисбат ба хилофати Араб таъмин намуд" [4,382]. Қобили зикр аст, ки дар тамоми таърихномаҳо муаррихони гузашта аз корномаи Сомониён ба некӣ ёд кардаанд. Таваҷҷуҳи Сомониён ба густариши илму фарҳанг ва талоши онҳо барои барқарории адолати иҷтимоӣ забонзади ҳамаи муҳаққиқон будааст. Онҳо аз тариқи густариши сиёсати фарҳангпарварона мехостанд ба ҳадафҳои сиёсии хеш даст пайдо кунанд. "Сомониён баръакси Тоҳириён дарёфта буданд, ки бидуни эҳёи дубораи сунатҳои фарҳанги куҳани эронӣ, давлати онон ба истиқлоли воқеъӣ намерасад. Онҳо мухолифату рӯёрӯӣ бо ҳукумати араб – ба тариқи Саффориён-ро низ салоҳ намедонистанд. дар ҳоле, ки ба зоҳир фармонбардори хулафои Аббосӣ буданд, ботинан аз султаи арабҳо бар Эрон ранҷ мебурданд ва пайваста дар назар

доштанд, ки шояд буғзи гулӯгири онҳо шуда буд, ба таври зимнӣ ҳал намоянд”[7,722]. Яке аз ташвиққунандагон ва ҳомиёни Фирдавсӣ дар эҷоди ин ҳамосаи миллӣ Мансур ибни Муҳаммад волии Сомониён дар Тӯс будааст:

*Бад-ин нома чун даст кардам дароз,*
*Яке меҳтаре буд гарданфароз.*
*Ҷавон буду аз гавҳари паҳлавон,*
*Хирадманду бедору равшанравон.*
*Худованди рою худованди шарм,*
*Сухан гуфтани хубу овои гарм [11, 5].*

Ин ҳамон рӯзгоре буд, ки кашмакашу даргириҳои қабилаи ва маҳаллӣ дар давлати Сомониён авҷ гирифта буд ва ҳар тоифае бо истифода аз фурсат сари нофармонӣ аз ҳукумати марказӣ баланд карда буданд. Бар асари ҳамин кашмакашҳо буд, ки Мансур ибни Муҳаммад волии Тӯс ва ҳомии Фирдавсӣ нопадид мешавад ва аз ӯ нишоне боқӣ намемонад. Фирдавсӣ ин ҳодисаи талхро дар “Шоҳнома” ёдовар шуда, мухолифони давлати Сомониёнро “наҳангону мардумкӯшон” хитоб кардааст:

*Чунон номвар гум шуд аз анҷуман*
*Чун аз бод сарви сиҳӣ аз чаман.*
*На з-ӯ мурда бинам, на зинда нишон*
*Ба дасти наҳангону мардумкушон [11,6].*

Бармегардем ба мавзуи асосии мақола, ки оё ҳадафи Фирдавсӣ аз таълифи “Шоҳнома чӣ буд? Ҳакими хирадманд дар бахши “Гуфтор андар фароҳам овардани “Шоҳнома” чунин мефармояд:

*Сухан гуфта шуд, гуфтанӣ ҳам намонд,*
*Ман аз гуфта хоҳам яке бо ту ронд.*
*Сухан ҳар чи гӯям ҳама гуфтаанд,*
*Бари боғи дониш ҳама руфтаанд [11,5].*

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҳадафи Фирдавсӣ қиссаву афсона сурудан нест, чунки ин қиссаҳо қаблан дар дигар китобҳо зикр шуда буданд, балки ҳадафи асосии Фирдавсӣ ҳифзи давлат ва дар сояи он, эҳёи арзишҳои миллӣ будааст. Ӯ дар идомаи ҳамин бахш мақсади хешро аз таълифи "Шоҳнома" ин гуна баён медорад:

*Агар бар дарахти баруманд ҷой*
*Наёбам, ки аз бар шудан нест рой.*
*Касе к-ӯ шавад зери нахли баланд,*
*Ҳамон соя з-ӯ боз дорад газанд [11, 5].*

Манзури Фирдавсӣ аз "дарахти баруманд" ва "нахли баланд" давлати Сомониён будааст, зеро ҳифзи забону фарҳанг, расму оин ва арзишҳои миллӣ танҳо дар сояи давлати қудратманд ба даст меояд.

*Тавонам магар пойгаҳ сохтан,*
*Бари шохи он сарви сояфиган.*
*К-аз ин номаи номвар шаҳрёр,*
*Ба гетӣ бимонам яке ёдгор [11,5].*

Яъне, "Шоҳнома" ба хотири эҳёи андешаҳои миллии дар он номаҳои бостон зикрашон рафта ва бозгардонидани азамату иқтидори аздастрафтаи ниёкон суруда шудааст:

*Зи ҳар кишваре мӯбаде солх(в)ард*
*Биёвард, к-ин номаро гирд кард.*
*Бипурсидашон аз нажоди Каён,*
*В-аз он номдорони фаррух гавон.*
*Ки гетӣ ба огоз чун доштанд,*
*Ки эдар ба мо хор бигзоштанд? [11,5].*

Фирдавсӣ бо таълифи "Шоҳнома" ба ҳамин савол посух медиҳад, ки чигуна ниёкони мо тавонистанд, ки давлату қудрату, сарзамину сиёсату обруву ҳайсият дошта бошанд ва акнун мо надорем. Сирри иқтидори онҳо ва заъфу зиллати мо дар чист? Дар тули достонҳои "Шоҳнома" Фирдавсӣ ба

шаклҳои гуногун ба ҳамин савол посух додааст. Аз ҷумла, посухи ин савол дар пандномаи Хусрави Парвиз ба фарзанди нохалафаш Шерӯя ба хубӣ ошкор аст. Хусрави Парвиз ба фарзандаш мефаҳмонад, ки бо чи заҳмат онҳо давлат сохтаанд ва онро чигуна ҳифз кардаанд. Дар ҳақиқат дар ин андарзи Хусрави Парвиз назарияи ҳифзу бақои давлати миллӣ зикр шудааст.

*Ки Эрон чу богест хуррамбаҳор,*
*Шукуфта ҳамеша гули комгор.*
*Пур аз наргису нору себу биҳӣ,*
*Чу полиз гардад зи мардум тиҳӣ,*
*Сипаргам якояк зи бун барканад,*
*Ҳама шохи нору биҳӣ бишканад.*
*Сипоҳу силеҳ аст девори ӯй,*
*Ба парчин-ш бар найзаҳо хори ӯй.*
*Агар бифканӣ хира девори бог,*
*Чи богу чи дашту чи дарё,чи рог.*
*Нигар, то ту девори ӯ нафканӣ,*
*Дилу пушти эрониён нашканӣ.*
*К-аз он пас бувад горату тохтан,*
*Хурӯши саворону кин охтан.*
*Зану кӯдаку буми эрониён,*
*Ба андешаи бад манеҳ дар миён...*
*Ки ҳар к-ӯ силеҳаш ба душман диҳад,*
*Ҳаме хештанро ба куштан диҳад [12,787].*

Дар тамоми достонҳои "Шоҳнома" мавзуи Эрон ва ҳифзи низоми сиёсии он дар маркази таваҷҷуҳи Фирдавсӣ қарор гирифтааст. Фирдавсӣ бо зикри ин номаҳои куҳан, қасд доштааст, ки ҳамзамонони худро дар атрофи як ҳадафи воҳид муттаҳид намояд. Ҳадафи асосии "Шоҳнома" истиқлоли Эрон ва иззати эрониён ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, "Шоҳнома" барои ворисон ҳамчун як "донишкадаи сиёсӣ" аст, ки бояд аз

он сабақҳои таърихӣ омӯхт. Ободӣ ва озодии Эрон орзуи ягонаи ҳаким Фирдавсӣ аст, ки дар саросари ин шоҳасар ба шеваҳои гуногун таъкид мешавад:

*Зи шоҳию в-аз рою фарзонагӣ,*
*Нашояд чунин, ҳам зи мардонагӣ.*
*Нахонанд бар мо ҳаме офарин,*
*Чу вайрон бувад буми Эронзамин! [12,416]*

Бар асоси он чи дар "Шоҳнома" ҳаким Фирдавсӣ талқин мекунад, шарти асосии бақои давлат ҳифзи фарҳанг, забон ва арзишҳои миллӣ ба шумор меравад. Ин масъаларо Фирдавсӣ дар достони Дорои Дороб ба хубӣ ошкор мекунад. Доро ҳангоми назъи равон ба Искандар насиҳат мекунад, ки ба мардуми Эрон ва расму русум ва оинҳои миллии онҳо эҳтиром бигзорад:

*Биёрояд ин оташи Зардуҳушт,*
*Бигирад ҳамин Занду Усто ба мушт.*
*Нигаҳ дорад ин фоли ҷашни Сада,*
*Ҳамин фарри Наврӯзу Оташкада.*
*Ҳамон Урмузду маҳу моҳи Меҳр,*
*Бишӯяд ба оби хирад ҷону чеҳр.*
*Кунад тоза оини Луҳроспӣ,*
*Бимонад каӣ дини Гуштоспӣ [12, 330].*

Дар тамоми "Шоҳнома" вақте Фирдавсӣ дар бораи посдории фарҳанг, расму русум ва оинҳои ниёкон ишора мекунад ҳадафаш бақои давлат аст, зеро ҳамаи ин арзишҳо дар сояи давлати миллӣ метавонанд вуҷуд дошта бошанд. Бар асоси таъкидоти "Шоҳнома" ҳифзи давлат болотарин арзиши ҷавонмардӣ ба ҳисоб меравад. То ҷое, ки ҷаҳонпаҳлавон Рустам ҳангоми баҳсу мунозира бо Исфандёр мегӯяд, ки ӯ фарзандаш Сухробро ба хотири Ватан (давлат) қурбонӣ кардааст:

*Ҳамон аз паи шоҳ фарзандро*
*Бикуштам, далери хирадмандро,*
*Ки гурде чу Суҳроб дигар набуд,*
*Ба зӯру ба мардиву размозмуд [12,306].*

Шоҳ дар назди Ориёиҳо рамзи Ватан, давлат ва ҳайсияти миллӣ маҳсуб мешуд, бино бар ин, садоқат ва вафодорӣ ба шоҳ ҳамон сарсупурдагӣ ба Ватану миллат буд ва Рустам низ ба сабаби он, ки Суҳроб ба Эрон ҳамла карда буд, ин гуноҳи ӯро набахшид ва ба хотири Ватан аз баҳри фарзанди хеш гузашт.

Аз назари Фирдавсӣ иззату эҳтироми миллатҳо вобаста ба пойдории давлат аст, танҳо дар сояи ин нахли баланд (яъне давлат) аст, ки миллатҳо шукуфо шуда, пешрафт менамоянд. Давлат як сохтор аст, шабеҳи колбад, ки ҷони одамӣ дар дохили он шигифтиҳо менамояд. Бе вуҷуди колбад (бадан) руҳи инсон бекора аст. Чунончи Ҷалолиддини Балхӣ низ ҳамин назарияро тарафдорӣ кардааст. Мавлоно ҷисмро хонаи руҳ медонад ва муътақид аст, ки дар пайванди ин ду хайре нуҳуфта аст, ки барои мо номаълум аст. Аммо дар дафтари панҷум ин мавзуъро бозтар карда, мегӯяд, ки бақои ҷаҳону ҷисм ба руҳ вобаста аст ва руҳ низ бидуни ҷисм ба кор намеояд:

*Ҳикмат ин аздодро бо ҳам бибаст,*
*Эй қасоб, ин гирдрон бо гардан аст.*
*Руҳ бе қолаб надонад кор кард,*
*Қолибат беҷон фасурда буду сард.*
*Қолибат пайдову он ҷонат ниҳон,*
*Рост шуд з-ин ҳар ду асбоби ҷаҳон [3,444].*

Яъне ҳамчунон, ки руҳи одамӣ бо кумаки колбад рушду нумуъ мекунад, шарти шукуфоии миллатҳо низ вуҷуди давлат мебошад. Миллати бе давлат шабеҳи руҳи бе колбад аст. Аз ин

рӯ, дар саросари “Шоҳнома” баҳои Эрон ҳамчун давлат ба унвони волотарин арзиш таблиғ мегардад:

*Намонем, к-ин бум вайрон кунанд,*
*Ҳаме горат аз шаҳри Эрон кунанд...*
*Нахонанд бар мо касе офарин,*
*Чу вайрон бувад буми Эронзамин [12, 416].*
ё худ:
*Чу Эрон набошад тани ман мабод,*
*Бад-ин буму бар зинда як тан мабод [12,74].*

Чаро Фирдавсӣ назария давлатро ин қадар барҷаста тасвир кардааст? Зеро ӯ офати аз байн рафтани давлати миллиро баъд аз тасарруфи Эрон ба чашми сар дида, таҷриба карда ба чунин натиҷаи муҳим расидааст. Тамоми шоҳномапажуҳон дар ин мавзуъ ҳамдостон ҳастанд, ки “Шоҳнома” илова бар ривояти достонҳои куҳан, сохтаву пардохтаи зеҳни Фирдавсӣ ва афкори баланди ӯ будааст. Ӯ аст, ки ба ин достонҳо обуранги дигар бахшида, моҳияти асосии онҳоро бо такя бар ҳаводиси рӯзгор ошкор кардааст. Ба қавли Мир Ҷалолиддини Каззозӣ, шоҳномапажуҳи маъруфи эронӣ “Агар дар садаи панҷум (асри 10-уми мелодӣ) Фирдавсӣ сар бар намеёвард ва “Шоҳнома”-ро намесуруд, шояд ҳамакнун мо бо якдигар ба забони шевои форсӣ сухан намегуфтем ва ин гуна аз Эроне, ки бо он менозем, маҳрум будем. Ба ҳамин далел садаи панҷум дигарсон аст; садае ҳангомасоз, рӯзгорофарин, манишпарвар, садае, ки дар он сухани Порсӣ аз замин ба осмон рафт” [17].

Аз сӯи дигар, ҳар асари адабӣ аз шахсияти офарандаи худ таъсирпазир аст. Ҳар қадар ки шахсият ва ҷаҳонбинии адиб васеъу қавӣ бошад, ба ҳамон андоза асари адабӣ низ аз назари мавзуву муҳтаво ғанию мумтоз мегардад. Бо ҳамин қиёс Маликушшуаро Баҳор “Шоҳнома”-ро бозтоби руҳи қавӣ ва андешаи баланди Фирдавсӣ медонад:

*Ҷалолу рафъати гуфторҳои шоҳона,*

*Нишони ҳиммати Фирдавсияст бе каму кост.*
*Муҳовароти ҳакимонаву дироятҳо-ш,*
*Гувоҳи шоир дар ақлу ройи ҳикматзост [18].*

М. Баҳор сипас таваҷҷуҳи хонандаро ба ривояту устура, қиссаву афсона ва достонҳои пурмоҷарои "Шоҳнома" ҷалб намуда, таъкид менамояд, ки таърих, шиддати воқеаҳову фоҷеаҳои инъикосёфта дар ин асар, манзараҳои даҳшатноку ғурурофарин, масъалаи ҷангу сулҳ, шикасту пирӯзӣ, шавкати шоҳону шукӯҳи кишварҳо, шуҷоату мардонагӣ ва...ҳар он чи дар ин асари калонтарини ҳамосии ҷаҳон мушоҳида мешавад, бархоста аз истеъдоди фитрӣ ва қудрати эҷодии Фирдавсӣ будааст. Фирдавсӣ дар тамоми достонҳои "Шоҳнома" асоси пойдории давлатро бар чаҳор аркон устувор медонад; хирад, дод, дин ва ростӣ. М. Баҳор Фирдавсиро намунаи комили як шахсияти миллӣ медонад:

*Яке ба саҳнаи "Шаҳнома" бин, ки Фирдавсӣ*
*Ба сад либоси мухолиф ба бозӣ омада рост.*
*Амири кишваргир асту гурди лашкаркаш,*
*Вазири равшанрой асту шоири шайдост.*
*Муколамоти мулуку муҳовароти риҷол,*
*Ҳама қариҳаи Фирдавсии суханорост [18].*

Хулоса, бо такя ба далелҳои фаровон метавон ба ин натиҷа расид, ки мақсади Фирдавсӣ аз эҷоди "Шоҳнома" даъвои шоирӣ ё сухангустарӣ набуда, балки ҳадафи волотар – ҳифзи давлат ва эҳёи арзишҳои миллиро – пайгирӣ кардааст. Яъне, назарияи ҳифз ва бақои давлати миллӣ яке аз масъалаҳои меҳварӣ ҳангоми таълифи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ба шумор меравад, зеро бақо ва пойдории дигар арзишҳо, монанди арзишҳои фарҳангӣ, забонӣ, адабӣ, расму оинҳо ва ғайра танҳо дар сояи вуҷуди давлати миллӣ имконпазир мегардад. Аз ин рӯ, "Шоҳнома" на танҳо як шоҳасари адабӣ, балки бузургтарин мактабу манбаи таърихӣ ва сиёсии мардумони Ориёӣ ба шумор меравад.

## Адабиёт


1. Айнӣ С. Дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2023. – 180 саҳ.
2. Баргузидаи достонҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. – Теҳрон: “Интишороти остони қудси Разавӣ”, 1399. – 534 саҳ.
3. Балхӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. Ҷ 2. – Душанбе: “Адиб”, 2022. – 480 саҳ.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон. – Душанбе: нашриёти муосир, 2020. – 796 саҳ.
5. Кенедӣ П. Зуҳур ва суқути қудратҳои бузург. – Теҳрон, 1992. –1068 саҳ.
6. Куллиёти ашъори форсии Иқболи Лоҳурӣ. – Теҳрон: Чопхонаи илмӣ, 1370. –588саҳ. (с. 450).
7. Муҳташам Ҳ. Нақши Сомониён дар эҳёи забони форсӣ. (С. 722). – Номаи Оли Сомон (маҷмуаи мақолот). – Теҳрон, 1378.-958 саҳ.
8. Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эрграф, 2023. – 424 саҳ. (С.243).
9. Саидзода Ҷ. Фирдавсӣ – шоири паёмрасон. – Душанбе, 2022. – 574 саҳ.
10. Саидзода Ҷ. “Намунаи адабиёти тоҷик” “Шоҳнома”-и дигар аст. – Душанбе, 2024. – 416 саҳ.
11. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. – Теҳрон, нашри Қатра, 1387. – 1368 саҳ. (С.5).
12. Фирдавсӣ А. Шоҳнома / Тасҳеҳи Муҳаммади Аббосӣ. – Теҳрон, чопхонаи “Фарҳанг”, 1370. – 589 саҳ.
13. Фирдавсӣ А. Достонҳо аз “Шоҳнома”. Аз силсилаи “Ҳафтахтар”. Ҷилди 1. – Душанбе: "Адиб", 2022. – 352 саҳ.
14. Шарифзода Х. "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ва шеъри замони Фирдавсӣ. – Душанбе, 2014. – 400 саҳ. (с. 18)
15. Шарифзода Х. Достонҳои бузурги "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ. –Душанбе, 2014. – 400 саҳ.
16. https://www.facebook.com/share/p/1Npik7gwbU/
17. (https://www.khabaronline.ir/news/).
18. https://ravshanfikr.tj/sheri-ruz/she-ri-r-z-asidai-firdavs.html

**Дорюш РАХИМЗОДА (*Составитель*)**

## ВЫСКАЗЫВАНИЯ И ТЕЗИСЫ

В избранное собрание сочинений профессора Ятимова С.С. в одиннадцати томах, главным образом, включены научные монографии, касающиеся его специальности, по политическим проблемам международных отношений глобального и регионального развития, методологии исследования проблем формирования мировоззрения, публицистические статьи по актуальным вопросам научных теорий обеспечения безопасности на основе системного принципа, а также взгляды на некоторые задачи литературоведения, обучения и воспитания.

Вниманию читателей предлагаются наиболее значимые, на наш взгляд, тезисы автора.

Ссылки даются на издание – С. Ятимов. Асарҳо (Собрание сочинений). – Душанбе: «Ганч», 2019-2020.

### *Человек, Личность, нация в истории, политике и философии*

Основанием превращения человека в политический субъект, происходящим естественным образом, является его рождение на определённой земле, имеющей конкретное географическое название. Статус последнего, с правовой точки зрения, определён в соответствии с конституционными законами, обыкновенными законами, другими правовыми нормами государства. Иначе говоря, это положение подразумевает получение поневоле статуса правового и основы для дальнейшего приобретения им политического статуса. (Т.6. С.276.)

***

Именно *Личность* выводит государство (читай нацию) к берегам надежд из постоянно бушующего моря политической жизни, социально-экономических трудностей, военных угроз, активного стремления навязывания чуждой культуры. (Т.6. С.277)

***

Самым лучшим творением, созданным человеком, является произведение о самом Человеке. В нём на первый план выдвинуты усилия, взлёты и падения, в целом достижения Человека – его деятельность, место этого величественного, самого совершенного создания природы. (Т.8. С. 310)

***

Отражение объективной действительности в сознании людей – процесс исторический. Именно от содержания, формы, качества, способов передачи, практически значимых для нынешнего и последующих поколений информаций зависит развитие науки, следовательно, общества и государства. (Т.8. С. 276).

***

Обращение к истории, проблемам возникновения и развития предмета – вопрос сущностный. Он отражает диалектический процесс формирования действительности в изменении и развитии. Именно применение исторического метода демонстрирует в динамике противоречивый процесс анализа явлений в тот или иной период в сопоставлении и закономерной повторяемости. Выясняет отношения, формы, причинности отличия показного от реального. Воссоздаёт предмет целостно в зависимости от материально-чувственного, действительного его развития к текущему моменту.

Историзм, как принцип и метод исследования, обусловливает изучение предмета от простого к сложному, отображение объективного процесса, предшествовавшего нынешнему состоянию явления, создаёт обоснованные предпосылки для мысленного выделения одних свойств и связей предмета по отношению к другим. (Т.8. С.276-277)

### *Государство, политический субъект, политический лидер*

Настоящий политический лидер является жизненно важной потребностью государства и нации, формой проявления закономерности, фактором стабильности развития цивилизационного общества. (Т.6. С.278-279)

***

Великие национальные личности не только исправляют многие ошибки, которые по различным причинам имели место на протяжении истории, оставляют в наследство из своей эпохи наилучшие общенациональные достижения и ценности *(уважение, честь, авторитет, достоинство),* но и создают благоприятные условия для национального развития на последующие столетия.

Великая национальная личность – есть великое национальное достижение. (Т.6. С.282)

***

Жизненно важным вопросом в рамках определения ценностных качеств политических субъектов, в продвижении и защите национальных интересов являются умения обеспечить мир, стабильность, системную безопасность общества, в первую очередь, заложение основ развития фундаментальных направлений экономики государства, совершенствование его граждан. (Т.6. С.300)

***

Правообязанности политической власти к государству определяются конституцией. Последние два понятия неразделимы. Ни одна группа, политическое движение, общественное объединение более не наделено этим правом и ответственностью. (Т.7. С.214)

***

Государство – это не небесное явление или подарок. Оно – явление земное. Возникло на основе закономерностей процесса развития общественных отношений. Существует, функционирует и интерпретируется на базе форм общественного сознания, называемой наукой. (Т.7. С.215)

***

История государства – это история обеспечения его безопасности. Эти два понятия, с точки зрения политической логики и её результата – правовой логики, дополняют друг друга.

Возникновение, развитие теории и практики безопасности как важнейшего элемента государства, на почве закономерностей прогресса общества, имеет научно-теоретические основы. Хотя следует признать, что о возникновении государства существуют различные гипотезы. Этим явлением в мире и регионе пытаются «владеть» люди, группы, движения и определённые политические слои посредством распространения соответствующих представлений, концепций и теорий. Они придают ему исключительно идеологический оттенок. Подобное мировоззрение и практика, также как и термины «государство» и «безопасность», нуждаются в научном толковании. (Т.7. С.215)

***

До тех пор, пока существует государство – ценнейшая часть политической системы общества, нации и народностей,

приблизительно в такой же мере *(ценность, стоимость, равносильность)* существуют угрозы по его парализации, отвлечение, введение в заблуждение, ориентировка на ложный объект, попытки симплификации общественных отношений, утилизации основных ценностей, приостановки функционирования и, наконец, уничтожения. Эти угрозы не могут быть одинаковыми, на одном уровне, неизменными и абсолютными, а диалектически пропорциональны самой сущности государственного развития, характеру его телодвижения в политическом пространстве. (Т.7. С. 217)

***

Там, где речь заходит о государстве, в качестве определяющих понятий используются термины «закон», «правовые нормы».

Точка зрения, поверхностный взгляд, легкомыслие по отношению к этому институту не свойственно сущностным понятиям государства и государственности…

С научной точки зрения, имеется в виду тот факт, что общественные отношения включают в себя важную, основную, фундаментальную, определяющую и закономерную особенность, регулируемую правовыми нормами. Игнорирование функционального предназначения и принципов государства не соответствует его природе. Делает государство уязвимым. Приводит политическую власть и государственное устройство к поражению. (Т.8. С.72)

***

Государство является специально продуманным механизмом как бы для рационального, могущественного и сознательного человека, который должен взять под крыло своих детей, чтобы они не наносили ущерба ни себе, ни другим. Наоборот, чтобы они жили достойно в соответствии с его планом. (Т.8. С.73)

***

Именно прогрессивной формой государственности народов мира является национальное государство. Такая форма политической власти выражает волю народа. Ибо она связана с его наследственностью, этнической сущностью, страной, языком, культурой, традициями и обычаями, другими святынями, с которыми на протяжении веков рождались и жили его предки.

Великие сыны таджикского народа, начиная от Исмоила Сомони, Рудаки, Фирдоуси и заканчивая Садриддином Айни, Бабаджаном Гафуровым и Мирзо Турсунзаде, чьи имена навечно запечатлены на страницах истории, боролись во имя нации и обретения национальной государственности. **Противодействием подобному мировоззрению является навязанная форма государственности, несоответствующая чаяниям народа, которая только в XX веке дважды ввергла таджикский народ в величайшую трагедию.** (Т.8. С.74)

***

Несомненно, власть является средством политического правления, наделенной соответствующими правами и обязанностями Конституцией. Выполняет свои задачи согласно правовым нормам. Обеспечивает интересы всех слоёв общества в рамках экономических и социальных возможностей. Эта функция осуществляется с помощью различных путей, методов и средств… Сила государства заключается в верховенстве одной воли над другой, посредством авторитета и норм закона. В противном случае, невозможно обеспечить стабильность государства. (Т.8. С.86)

***

Для реальной ориентации и определения соответствующих отношений с государствами, наряду с

получением сведений относительно географии, рельефа и качества политической элиты страны, Низам-аль-Мульк (1018-1092 гг.) стремится к тому, чтобы представляемая послом информация носила целостные и системные элементы, обладала определёнными сущностными качествами. (Т.8. С.471)

***

Ценность мысли Кей-Кавуса (1021-1098 гг.) заключается в том, что он рассматривает государство как важнейший институт политической системы, основным носителем политической власти, единственным субъектом, ответственным за территориальную целостность и безопасность общества, гарантом долговечности политического единства народов, населяющих эту территорию. (Т.4. С.68)

***

Государство, по сути, является институтализацией потребности общественного целого со сложнейшими, строго определяемыми параметрами. Его возникновение, существование и функционирование, следовательно, и безопасность, как субъекта отношений семьи наций, находятся в определённой зависимости от окружающего мира. (Т.4. С.70)

### *Лидер нации*

**Отрадно, что период Независимости придал действительность стилю, способу и методу государственности таджикской нации, которая включает в себя все аспекты политической, социально-экономической, научно-культурной, духовной жизни и обеспечение её безопасности. В принципе была сформирована школа национальной государственности.**

**Её создателем является Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон.** Важно, чтобы этот опыт был всесторонне исследован, проанализирован, изучен и применялся в настоящем и будущем. (Т.8. С.71)

***

Аристотель выдвигает особые требования к государственным служащим и тем, кого посчитали достойным для руководства различными сферами жизни общества.

**Предметом гордости и удовлетворения является тот факт, что подобное условие в крайне сложных направлениях государственности совпадает с теоретически разработанным и доказанным политической практикой учением Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. Этот опыт признан не только таджикской нацией, но и величайшими личностями мира.** (Т.8. С.108-109)

***

Безусловно, величие характера с точки зрения сути и содержания проявляется в защите национальных интересов. Никогда судьбоносные для государства и нации цели не реализуются, если эти планы не будут в распоряжении великих исторических личностей, наделённых высшими мужественными свойствами. Качество великой личности заключается в том, что оно на практике, в действии подтверждает, проявляет и доказывает себя. (Т.8. С.322)

### *Государственная и национальная безопасность*

С политической точки зрения понятие «безопасность» является синонимом дефиниции «государство» и наоборот. (Т.7. С.214)

***

Сегодняшняя ситуация в мире и регионе сложна. Принципиальный вопрос – это обеспечение безопасности личности, общества и самого государства. В центре дискуссии стоит вопрос защиты мира, стабильности и безопасности. Эта тема первостепенна. Каждый, кто наделён здравым смыслом, не хочет **«умываться слезами и искать музыку для танца в плаче и рыдании»** (Хафиз). (Т.7. С.216)

***

Безопасность государства является системным понятием. Она начинается с простой ячейки государства и принципиальным образом воплощается в высших государственных учреждениях. Смысл этого вопроса зафиксирован в конституции каждой страны. (Т.7. С.217)

***

Угрозы, планируемые для дестабилизации одной нации, вовлечения её в пучину бед, не являются случайными и бессистемными явлениями. Осуществляются на основе определённых разработанных планов, в том числе практики специальных служб заинтересованных стран, многолетнего опыта специалистов подобных действий в регионе и мире. Следует признать, что дестабилизация какого-либо государства и нации не связана с роком. И это – не случайное явление. Это – наука. **Терроризм, экстремизм, другие виды диверсии против любого субъекта международных отношений являются продолжением и формой внешней политики определённого государства либо групп государств иными путями, средствами и методами.** Здесь используется комплекс возможностей и ресурсов государства-инициатора, прежде всего, интеллектуальный и практический потенциал. Без знания сущности подобного вредительства, принципиальных целей, формы и методов действия

враждебных сил, процессов, следовательно, убеждения в их закономерности и адекватной расстановки сил, невозможно бороться против них.

Обеспечение национальной безопасности среди всех познаний строго нуждается в научных представлениях, убеждениях. Ни в иных знаниях, теориях и догадках. (Т.7. С.229)

***

Невозможно обеспечить национальную безопасность без научных знаний. Без них можно легко очароваться и плениться слухами, сплетнями, сказками, безосновательными и корыстными представлениями, опасной, бездоказательной придирчивостью и предрассудками. Только не идеями обеспечения национальной безопасности. (Т.7. С.229)

***

**Необходимо помнить, что каждое государство имеет единую систему обеспечения своей национальной безопасности. Эта система состоит из политических, экономических, военных, культурных, идеологических, религиозных, конфессиональных, административных частей. Они, согласно закону, решительно защищаются и управляются. Человек, вступивший на путь измены своим национальным интересам, выходит из системы обеспечения национальной безопасности своей Родины, вступает в систему обеспечения национальной безопасности чужого государства и действует в ней.** (Т.7. С.235)

***

Степень обеспечения национальной безопасности зависит от уровня сближения любыми путями и средствами с наукой, образованием, т.е. реальным пониманием, объективным восприятием и осознанием общественных процессов. Без литературы, искусства, инфраструктуры, массовых коммуникаций добиться этой цели практически невозможно. (Т.7. С.238)

***

Если в любых сферах (*политика, экономика, образование, медицина и др.)* обладание информацией является важнейшей частью деятельности, то для обеспечения безопасности государства, личности и общества – оно жизненно необходимо. **Получение профессиональной информации, имеющей социальный характер – это не инфантильная самодеятельность**, форма упражнения и демонстрация кажущегося таланта. Это – законная, нормативно-правовая, профессиональная, и в особенности, морально-духовная ответственность. Если даже она не научная, то должна быть организована, осуществлена, оценена и применена на этой основе. **Обеспечение безопасности государства без науки – пустейшая фраза.** (Т.7. С.239)

***

Процесс обеспечения национальной безопасности – это не форма интеллектуального состязания между структурами соответствующего учреждения и террористами, организованными преступными группировками, объектами, находящимися, согласно закону, под контролем. О**снова силы обеспечения безопасности национального государства связана со степенью образованности, национальным самосознанием и ответственностью за свою историческую судьбу самого народа.** Это жизненно важное направление требует непременных, постоянных усилий, на что нацелена вся государственная система. (Т.7. С.239-240)

***

Если безопасность государства означает не угрожаемое состояние по отношению к суверенитету, территориальной целостности, политическому, экономическому, социальному положению, одновременно такое обстоятельство подразумевает экономическое развитие и повышение

народного благосостояния. Без этих двух последних элементов безопасность – понятие неосуществимое. (Т.7. С.66)

***

Ответственность за профессиональные сведения *(информационные)* должна отличать сотрудника национальной безопасности от лиц и действий, обращающих на себя внимание противоречивостью нормам закона, морали, следовательно, простым общечеловеческим ценностям. (Т.7. С.229)

### *Защита национальных интересов и ценностей*

**Трагическими для любой нации можно считать обстоятельства, когда интересы региональных либо геополитических игроков совпадают с интересами групп лиц внутри самого государства, стремящихся выдать собственные, личные политические амбиции и корыстные интересы за интересы народа**. Такие формально идеологические, в сущности, политически деструктивные явления непременно приводят к хаосу, беспорядкам и реально угрожают долговечности национального государства, как случалось в истории не один раз. Нечто подобное наблюдается в горячих точках планеты сейчас. (Т.7. С.65)

***

Совпадения интересов конкретных лиц внутри национального государства с внешним идеологическим элементом сопровождаются огромным финансированием извне, созданием ими специальных политизированных структур, управляемых соответствующими легальными и нелегальными институтами. Естественно, при таких ситуациях финансирующая сторона заказывает свою, нужную ей модель формирования идеи, теории, мировоззрения и взглядов, следовательно, и действий, которые коренным образом

находятся в противоречии с интересами идеологической и культурной безопасности национального государства. **Допустить этого нельзя.** (Т.7. С.65)

***

На глобальном уровне ведётся анализ, оценка факторов в развитии народов, которые имеют религиозные, этнические, культурные, культовые, обрядовые, исторические и тому подобные значения. **Поскольку заинтересованная манипуляция этими факторами является самым дешёвым, в мировой политике тщательно изучается потенциал названных положений не в направлении прогрессивного развития, а наоборот. Другими словами, эти обстоятельства могут держать народ вне зоны влияния науки и прогресса, а, следовательно, вне развития в социально-экономическом отношении.** (Т.7. С.66-67)

***

**В геополитических играх, в части, касающейся идеологического противоборства, заинтересованные государства тратят средства, которые окупаются полностью с точки зрения обеспечения управляемости народов в зонах их повышенного интереса.** (Т.7. С.69)

***

**Очень важно, чтобы сама нация с помощью её достойных интеллектуалов, особенно современной, передовой, активной интеллигенции, погружалась в своё Я, минимизируя этим фактор внешней причинности** *(моральной и материальной)* **в своей судьбе.** (Т.7. С.83)

***

В процессе исторического развития **выиграли лишь народы, которые смогли вникнуть в сущность дел, изучили, проанализировали, выявили глубокий замысел противника, разгадали подлинный интерес**

**недружественных сил.** Эти знания использовали в процессе практической политической деятельности собственной нации, обезопасив её от трагедий и катастроф. (Т.7. С.85)

***

Роль самой интеллигенции в политической системе общества определяющая, главная, ведь за судьбу нации в ответе не только соответствующие политические институты, но и её авангардная, прогрессивная часть. (Т.7. С.86)

***

**Если в идеологических противоборствах современности данная, наиболее интеллектуальная часть общества** *(т.е. интеллигенция)* **проявляет безразличие, судьба нации переходит в руки интеллигентствующих невежд.** (Т.7. С.88)

***

**Нет и быть не может безопасности без обеспечения безопасности в сфере национальных ценностей, идейных концепций и ценностных ориентаций.** (Т.7. С.94)

***

**Познание явлений действительности, повышение образовательного уровня населения необходимо довести до такого состояния, чтобы люди были способны за каждым лозунгом, обещанием, призывом понять – соответствуют ли они нашим национальным интересам, стабильности и развитию нашего национального государства.** (Т.7. С.97-98)

***

Борясь против враждебных акций недоброжелателей нации, следует также учитывать реальность внутри страны. Необходимо усиливать примеры истинного патриотизма и национального самосознания. При оценке данного вопроса, в чувствительные для обеспечения национальной безопасности

моменты, следует использовать важнейшую философскую категорию «причина – следствие. (Т.7. С.223)

***

Таджикистан является единственной страной среди бывших советских республик, которая после обретения Государственной независимости была представлена мировому сообществу в условиях крайне сложного политического, социально-экономического и культурного кризиса – гражданской войны.

Интересам геополитических игроков не отвечало также и приобретение таджикской нацией суверенного централизованного государства.

Одним из основных факторов этой ситуации является отсутствие опыта государственности, а также практики продвижения политической власти на протяжении более тысячи лет. (Т.8. С.70)

***

Группы, действующие наперекор национальной идеи и, как результат, против национальных интересов, не могут, вернее не хотят, осознать природу государства – важнейшего института человеческого общества. Относятся к нему легкомысленно, крайне примитивно, без чувства должной ответственности. (Т.8. С.74-75)

***

Использование терминов «джихад» и «шахид», в случае их перехода из поколения в поколение в качестве мировоззрения, теории и практики, формы, выражающей самопознание, религиозную идентичность, на примере духа политического бандитизма, каковым является басмачество, превратится в генетическую проблему. Доказательством ментальной трансформации человека является и то, что определённые этнические группы, несмотря на то, что родились и выросли на Западе, получили образование, жили и живут там,

мечтают, убив «кафира» *(иноверца, неверующего),* вкушать «сладость мученической смерти за веру». (Т.8. С.118)

***

Когда антинациональное, вернее антигосударственное мировоззрение, духовность и идеология главенствуют в умах определённых групп, особенно молодёжи, трагическое будущее для названных социумов неизбежно. Необходимо им осознать этого. И лишь помнить, что для «анестезии» и обоснования этих крайне тяжких преступлений в несчастных мусульманских странах используются такие лозунги, как «джихад», «во имя чистого ислама», «строительство исламского государства», а также сотни аналогичных фраз, выражений и призывов, насаждаемые им геополитическими игроками. (Т.8. С.119)

***

Крайне примитивные, инфантильные, доморощенные знания и мировоззрения организаторов общенациональной трагедии таджикского народа о простых понятиях – «государство», «власть», «политика», «нация», «национальные интересы», «политический руководитель», «культура», «политическая культура и процессы», «ответственность за историческую судьбу нации», «геополитические игры» и других аналогичных значениях, дефинициях стали причиной гражданской войны и несчастья сотен тысяч наших соотечественников.

**К великому сожалению, до сих пор существуют стремления легкомысленного объяснения сути государства и государственности, понятие чувства ответственности за политическую власть и историческую судьбу нации на основе беспочвенного “учения” архитекторов гражданской войны девяностых годов. Подобный уровень знаний, духовности, несмотря на то,**

**что с точки зрения политической логики равен нулю, считается геополитическим явлением, а не национальным.**

**Нельзя не учитывать это.** (Т.8. С. 129)

*Наука, знания, образование, обучение, опыт, истина*

**В борьбе против знаний и опыта недоброжелателей победу можно одержать, лишь опираясь на науку, просвещение, метод познания антинациональных действий, политическую бдительность, целенаправленную стойкость.** (Т.7, С.218)

***

Беда противников наших национальных интересов заключается в том, что у них своя «истина». Вернее, «истина», которая установлена в их сознании посредством «благотворительности», грантов, финансов и иных материальных благ от зарубежных покровителей. Подобный «войлок» приводит к тупости острый топор научной истины, основным принципом которой является движение от незнания к познанию. (Т.7. С.221)

***

Взгляд на государство и политику требует знаний, сформировавшихся в определённой системе, обоснованных аргументов, проверенных в рамках исторического опыта. Подобные знания, с точки зрения логики и действительности, не должны быть неясными и иметь структурные противоречия». (Т.8. С.75)

***

Литература является одним из важнейших способов воспитания патриотизма, факторов зарождения политического сознания, становления независимости нашего национального государства. Именно посредством

литературного слова нация была осведомлена о патриотичности, героизме, самоотверженности, преданности своих величайших сынов. Благодаря художественным историческим исследованиям, поэтическим и фольклорным образам, в генетической памяти нации закрепились имена Спитамена, Деваштича, Абумуслима Хуросони, Муканны, Махмуда Тороби, Темурмалика, Восе и многих других великих личностей, которые оберегали, возвеличивали древнюю нацию, защитили словно зеницу ока от исторических бед и несчастий. (Т.8. С. 311-312)

## *Аристотель в контексте рассуждений о государственности и безопасности*

Аристотель – это гений, основавший пути, средства, методы и методологию научного исследования. Его величайшим открытием в логике признано познание частного посредством общего. (Т.8. С.79)

***

Когда Аристотель исследует спорные, запутанные и крайне сложные вопросы государственности с научной точки зрения, он прогнозирует различные альтернативные теории воздействия внутригосударственных событий, вплоть до дестабилизации, распада и угрозы исчезновения государства. (Т.8. С.81)

***

Для Аристотеля понятие государства эквивалентно логике общества, группы людей, социума. Эти термины, вернее явления, он видит в тесной связи друг с другом. Их жизнь *(государства и людей)* представляет в наличии сосуществования равных уровней. Однако сочетание и однотипность степени бытия считает не односторонним явлением, а плодом

деятельности обоих участников. Когда рассуждает об этом вопросе, то пользуется качеством ответственных, активных, работоспособных субъектов. По его мнению, в государстве лишь человек, имеющий ограниченные физические возможности, может находиться в стороне от социальной ответственности. Остальным следует быть активными в отношении интересов государства и государственного устройства. (Т.8. С.82)

***

Аристотель считает зарождение государства естественным явлением и важнейшим событием в обществе. Определяет его в качестве создания условий для руководства народом, так как посредством его социальные группы мобилизуются на осуществление общих целей и обеспечение своих интересов. Философ не представляет иного способа политического руководства обществом. (Т.8. С.88)

***

Для национальной государственности стабильное будущее и прочность является жизненно важным вопросом. Вывод Аристотеля о людях, пытающихся представить понятия государства и нации в рамках непроверенного объяснения, становится поводом для рационального обсуждения и объективного пересмотра. Представляется, что великий мыслитель ещё две с половиной тысячи лет назад знал сущность и природу некоторых наших соотечественников, размышлял об этом. (Т.8. С.89)

***

В книге «Политика», в связи с основной темой – государства и политики, преимущественно используются термины «безопасность», «развитие и прогресс», «справедливость», «добродетель», «социальная удовлетворённость», «благополучие и

обеспечение желаний народа», «преобладание гражданских нужд».

Аристотель категорически против того, чтобы государственный строй пропагандировался и навязывался извне. При его выборе ответственным и обязанным философ считает сам народ и его ведущую часть – национальную интеллигенцию. В своих исследованиях он обязывает учёных уделять особое внимание этому вопросу и не быть равнодушными и безучастными. (Т.8. С.102)

***

Древнегреческий учёный, в результате глубокого анализа полученных знаний, политической практики своей эпохи – неосознанные явления факторных допущений, ситуационные возможности, одновременно сопровождающиеся несоответствующими законодательными инициативами и неосознанной формой политического менеджмента, указывает на сущностные причинности, способные привести к распаду государственного строя, что имело место в начале 90-х годов прошлого века в нашей истории, к сожалению, повторяющиеся в истории человечества не раз. Подобный ситуационный разбор и сейчас наводит на мысль о событиях в известных географически уязвимых и геополитически чувствительных частях планеты, заслуживающих изучения, выводов, прогнозирования, и, следовательно, адекватного планирования действий.  (Т.8. С.103)

***

Политический строй, закреплённый и провозглашённый в конституциях государств, является выразителем национальной воли, политических стремлений, характера и менталитета, сущности государства и правовой нормой для обеспечения функциональности правительств. Ни одна структура власти и общественных организаций не имеют ни малейшего права

игнорировать его принципы. **Религиозные организации со всей их инфраструктурой не составляют при этом исключения.** (Т.8. С.103)

***

Известно, что в эпоху Аристотеля не использовался термин «национальные интересы». Однако, когда речь заходила об интересах государства, подразумевалось это понятие. В современном мире многие геополитические игроки, используя все формы политического телодвижения – заявления, декларации, двусторонние и многосторонние переговоры, средства массовой информации, свои индивидуальные, групповые, партийные и классовые интересы скрывают под маской «национальных», «религиозных» и «конфессиональных» интересов. Хотя в большинстве случаев, нация и истинные последователи религий и конфессий – народ не осведомлены о сути подобных лозунгов, политических заявлений, фраз и выражений, порою сопровождающихся неадекватной, заинтересованной политикой. Социум, от имени и во имя которого делают подобные утверждения, проявляет чувства отчуждённости, нейтралитета и бессилия по этому поводу. (Т.8. С.104-105)

***

Когда Аристотель рассуждает о важности государства, его роли в обеспечении безопасности и социальных потребностей страны, успешности и прогрессивности государственного управления, он уделяет первостепенное значение качествам, характеру, душевному, психическому состоянию, степени верности государственному строю со стороны самих членов общества. Для понимания высказанной идеи Аристотель сравнивает государство с кораблём, а каждого члена общества – с мореплавателем-капитаном судна. (Т.8. С.106-107)

***

Таким образом, Аристотель приходит к весьма важному заключению. Оно жизненно необходимо для наций, навеки потерявших свою государственную независимость, когда иные силы посредством гнёта, давления, целенаправленного воздействия – воспитания, обучения, культивирования мировоззрения, идеологии, корыстной материально-денежной поддержки прививали части людей теорию и дух почитания чуждых ценностей. **Теперь возрождение наций невозможно и не может быть без возрождения формы и содержания его мышления, мировоззрения, менталитета, идеологических ориентаций, созданных, сформированных его великими предками на протяжении тысячелетий, отражающих его волю на основе реальных, адекватных, земных ценностей, естественно, совпадающих с общечеловеческими, следовательно, передовыми ценностями.** (Т.8. С.107-108)

***

Философ в целях подготовки специалистов *(профессионалов)* считает важным изучение и определение общественных потребностей в различных сферах социальной деятельности. Уделяет особое внимание людям, зарабатывающим свой хлеб **«от рук своих»**, то есть ремесленникам, мастерам.

Великий мыслитель убеждён, что не во всех сферах руководства государственный муж должен изучать и осваивать профессию своего подчинённого, но предъявляет серьёзные требования к качеству личности руководителя. Судьбу человека, группы людей и общества полностью связывает с такой личностью. Требует от руководителя именно такую ответственность. (Т.8. С.110)

***

Изучение наук, достижение просвещённости считается первоочередной задачей молодёжи. В этом направлении

имеются серьёзные проблемы, противоречия между желанием освоить знания и актуальными, возрастающими потребностями людей. Способность, равнозначная действительности, осознание бытия, исправление ситуации в зависимости от него, определяют сегодняшнее и будущее общества. (Т.8. С.112)

### *Прогресс и экономическое развитие*

По отношению к политике, праву, идеологии, другим формам общественного сознания экономика занимает главенствующее место. Именно поэтому, **«никакой политикой нельзя запретить экономику».**

В то же время, экономику невозможно отделить от политики, идеологии. Хотя первая определяет политику, следовательно, и идеологию. Вместе с тем, и политика играет существенную роль в определении направления развития экономики. Поэтому экономика и политика функционируют в рамках единой системы, образуя некую целостность. Находятся в отношениях взаимной связи, взаимного координирования, взаимной обусловленности, взаимной зависимости. (Т.8. С. 231)

***

События в странах Ближнего Востока и Афганистане, масштабы материальной и гуманитарной катастрофы, происходящие на основе политики и практики терроризма и экстремизма, естественно, никак не сравнимы с иными формами экономических преступлений, даже с техногенными катаклизмами. (Т.8. С. 236-237)

***

Сложнейшие проблемы защиты основ государства, где охватывается практически весь комплекс человеческого бытия – экономика, политика, право, контролирующие органы государственной власти, исследования десятков других явлений

теоретического и прикладного значения подобного класса, не могли быть представлены, рассмотрены, научно интерпретированы и, тем более, использованы на практике без применения системного подхода. (Т.8. С.257)

### *Религиозное мировоззрение, исламская идеология*

Религиозное мировоззрение в зависимости от политического устройства, степени экономического, социального, культурного развития, исторического прошлого, национальных традиций обретает особое место в жизни людей. В качестве общественного сознания играет определённую роль и в самопознании человека. (Т.8. С.377)

***

Религиозное мировоззрение общедоступное, простое, доходчивое для понимания масс, всеми слоями общества. Оно не требует дополнительных, глубоких знаний точных и даже общественных наук. Не нуждается в сложных экспериментах, понимании диалектической логики в самом простом изложении.

Религиозные знания и убеждения имеют универсальную особенность. Если для освоения научного мировоззрения требуется талант, дар, долгие годы учёбы на уровне школы, университета, затем научно-практические условия, испытания, то для религиозного же мировоззрения, как показывает практика, вообще не существует подобных требований, затрат. В данном случае все трудности преодолеваются на уровне воли, качества и содержания сознания (Т.8. С.377-378)

***

Изучение религиозных основ также не требует школы, специальных условий, дополнительных средств. Родители, близкие, поведение, появление и смерть живых существ, обыденные слова, образ жизни и окружающий мир в целом,

сами по себе способствуют формированию такого мировоззрения.

Нравственный источник религии, нормы отношения человека к небесным убеждениям составляют священные книги. Исследованием, освоением, распространением учения этих книг неустанно занимаются социальные классы, группы, партии, отдельные заинтересованные лица, имеющие поистине интеллектуальный потенциал.

Центральную тему и основную суть священных верований определяет власть (политическая, экономическая, социальная, духовная, культурная, идеологическая, геополитическая и т.п.). Для доступа к подобному способу социальных взаимоотношений применяются любые формы борьбы, придуманные человечеством на сегодняшний день.

**Мировые и региональные геополитические игроки после всесторонних исследований и производства современных вооружений направляли и продолжают предоставлять свои финансовые возможности на изучение религии и использование её силы и потенциала.** (Т.8. С. 378-379)

***

Основная цель – это достижение политической власти с опорой на ислам, вернее на исламское мировоззрение. Простые же мусульмане думают об исламских святынях во имя сегодняшней и будущей жизни. Они верующие, доверчивые, вполне искренние в своих чувствах. Не разбираются в играх, происходящих вокруг религии и самых верующих, организуемых от имени благочестиво объявленных теорий. У них нет возможности для постижения таких игр. Да и не могут и не способны их понять. Для постижения сути таких замыслов необходимы знания, обыкновенное научное мировоззрение, основу которых следует заложить

исключительно с детского, подросткового возраста, ранней молодости. Только не позже. (Т.8. С. 380)

***

Опыт, сформированный на протяжении столетий, свидетельствует о том, что определённые социальные группы, злоупотребляя религиозными ценностями, способствовали научно-технологической и культурно-просветительской отсталости мусульман. Зародилось соответствующее исторически сформированное мировоззрение, которое поставило под сомнение национальные культурные ценности. Породило космополитическое идеологическое отношение. Слабый момент – дистанцирование от национальных интересов – стал эффективным средством в руках ограниченных, недалёких тиранов. Превратило простой народ и народные массы в недальновидных людей, преднамеренную, предусмотренную жертву прозорливых.

В геополитических отношениях религия, формирование религиозного мировоззрения стало примитивнейшим, и, как видим, самым не затратным, дешёвым средством обеспечения устойчивых экономических интересов. Создание посредством религиозного мировоззрения социально-политической, культурной атмосферы, отношений и коммуникации социальных групп является простым инструментом манипуляции ситуацией и положением в обществе. Действительность исламского мира, то есть константная, устойчивая, стабильная экономическая, научно-техническая, технологическая, следовательно, и мировоззренческая отсталость, *«почётная гордая и воинственно непризнанная зависимость»* превратили эти страны в игрушку в руках международных богачей и власть имущих. (Т.8. С.381)

***

На территориях, где проживают последователи ислама, исламская идеология является самой эффективной формой мировоззрения и средством целенаправленной, заинтересованной манипуляции. Национальная идея, национальное самопознание и самосознание, искомые национальные интересы, считаются второстепенной политической позицией. Или же она отсутствует вообще. Это хорошо изучено, продолжает изучаться и понимается соответственно, как обществом, так и геополитическими игроками. (Т.8. С.381-382)

### *Дипломатия*

Наиболее яркие представители школы реализма, рассматривающие силу и мощь, как основу межгосударственных отношений, были искренны в оценке роли дипломатии для продвижения национальных интересов. (Т.8. С.462)

***

Феномен, связанный с дипломатией, отражает насущную потребность государства, следовательно, политической деятельности.

Являясь классовым, заинтересованным, корыстным инструментом общества, именно государство выступает в роли создателя специфического внешнеполитического инструментария, выражаемого в форме дипломатической службы. Мощь дипломатии обусловлена и находится в зависимости от могущества государства. (Т.8. С.463)

## *Роль учителя и школы в становлении личности и гражданина*

Даже самый невежественный ученик обращает серьёзное внимание на профессиональные навыки, квалификацию, личностные качества, духовность, действия, силу воли, манеру общения, внешний вид и особенности поведения учителей. Ученик изучает учителя. Анализирует, оценивает, обобщает. Ни одна положительная или отрицательная черта характера учителя не ускользает от внимания ученика. И эти качества на протяжении всей жизни сохраняются в памяти учащегося. (Еженедельник «Омузгор», №20 (12453), 16.05.2024 г.)

***

Безусловно, невозможно, чтобы у всех были одинаковые знания, профессионализм и квалификация. Однако признание просвещённости уважаемых личностей является ярким примером для того, чтобы стремиться достичь таких же высот и мастерства. (Газета «Джумхурият», № 105 (24968), 04.06.2024 г.)

***

Сказки, мифы, легенды, поэмы, всё то, что существует в пространстве и во времени в форме идейно-художественного воображения, представляет собой место для понимания реальности существования в различных явлениях, считается воображением и формой мировоззрения. Имеет право на жизнь, но не является наукой.

Наука должна иметь ответ на вопрос «Почему?». Уметь интерпретировать и доказывать истину – природу, общество и мышление со свойствами, отношениями, законами возникновения, изменения, развития. Стать фактором совершенствования и прогресса человечества. Должна быть направлена на повседневные, утилитарные потребности

человека, облегчать жизнь людям. (Газета «Джумхурият» № 116 (24979), 20.06.2024 г.)

***

Преподаватели вузов являются отправной точкой научного мышления на извилистом и бесконечном пути понимания реальности жизни подрастающим поколением – будущего нации и национальной государственности. (Там же)

***

Был, есть и остаётся вечным процесс формирования из человека творческой личности, вечное и бесконечное движение человеческого общества к достойной жизни. В этом процессе семья, духовная среда, школа и образование, одним словом – общественные отношения играют важную, конструктивную, основную, определяющую, решающую и правовую роль. (Газета «Джумхурият» №93 (24956), 20.05.2024 г.)

***

Университеты также становятся авторитетными и эффективными в обществе только в том случае, если у них есть преподаватели – учёные, постоянно сочетающие свою деятельность с практикой в сложном процессе обучения. (Там же)

***

Величайшее благо, существующее в мире, это – наука, знания, культура и просвещение. Средние и высшие школы гордятся не столько количеством воспитанных учеников, сколько числом подготовленных выпускников, принёсших пользу народу и обществу.

В государстве нет величественнее и священнее института, чем школа. И быть не может. От сути, содержания, качества и результатов деятельности школы зависит всё общество – государственное устройство, сегодняшний и завтрашний мир, спокойствие, прогресс и развитие. (Газета «Джумхурият», №80-81, 30.04.2024 г.)

***

Значение школы содержится в закладке фундамента с семи до восемнадцати лет во всей дальнейшей жизни человека. В плане деятельности школы сложно однозначно утверждать, что первично – обучение или воспитание. Эти взаимодополняемые понятия не способны существовать автономно. (Там же)

***

В процессе обучения и воспитания педагог является центральной фигурой, созидателем среды и целенаправленным исполнителем воспитания.

Хотя современные школьные корпуса, технические средства, компьютерные классы, просторные спортивные площадки важны, однако главенствующая роль учителя была, есть и останется центральной осью фундаментального процесса просвещения общества.

В каждой школе, как минимум, должно быть несколько учителей, через «руки» которых, ученики имели бы возможность пройти на уровне определённого класса. Учителей, незабываемых в плане квалифицированности, целенаправленности и устремлённости в обучении школьников. (Там же)

***

**Суть и содержание человеческого мировоззрения по отношению к науке подобны монументу, который должен обладать фундаментом.** Будущее человечества зависит от того, из каких материалов сделан этот фундамент, с какой целью возведён, чему и как будет служить? (Там же)

***

Со временем, независимо от выбора профессии, социального положения, человек никогда не забывает своих учителей, внёсших существенный вклад в его обучение и

воспитание, имевших особое влияние на его жизнь. Человек считает, что они оказали содействие в его судьбе, вспоминая своих учителей в минуты радости и печали.

Воспитание человека, возложенное на учителя, является труднейшей и в то же время огромной ответственностью. (Там же)

***

Слово «учитель» – это и понятие, и термин. Имеет определяющее свойство. Оно шире одного явления по смыслу, глубже по восприятию, ощущению и воображению. Это единица нравственности для достижения её глубины. Мышление, способное дойти от формы до сущности. Чтобы интерпретировать важность и необходимость внимания, подойти к сути проблемы. («Мой учитель». - Душанбе: «Ирфон», 2024. С.3.)

***

Для комментирования этимологического термина, имеющего ключевую логику в понятии «муаллим» (*корень слова «илм» - наука, профессия, предназначенная преподавать науку)* (учитель), можно отметить, что под наукой, как считают, подразумевается форма человеческой деятельности, **посредством которой изучаются, выводятся свойства, отношения и закономерности возникновения и развития вещей, а также процессы природы, общества и мышления**. Иного понятия здесь нет и быть не сможет. (Там же. С.4)

***

Именно поэтому, учитель полагается исключительно на науку с точки зрения своего положения и социального статуса, в зависимости от его первоначального назначения, как человека предприимчивого, интеллектуального, влиятельного и патриотичного. С мудростью и зрелостью ставит другие виды знаний на службу науке. Является воплощением мысли и духа просвещения, интеллекта, гордости и чести национальной

государственности, мудрости и благоразумия, пропагандистом истины и правдивости, ответственности и благочестия. (Там же)

***

«Учитель» - это самый великий титул, который когда-либо на протяжении всей истории придумывал человек. Каждый его урок целенаправлен на развитие и улучшение жизни индивидуума. Величие и могущество личности зависят от уровня знаний. Учитель – это творец вдохновения и достижений.

***

Вместе с тем, следует знать, что цель деятельности учителя не является само собой разумеющимся понятием. Напротив, направлена на воздействие и устранение качеств, свойств и проявлений внешнего мира. Учитель находит воплощение своего труда в созидательном мировоззрении и поведении своих учеников. Он доволен этими итогами, потому что они отражают дух его воспитания и обучения. (Там же. С.5)

***

Тысячи научных и исторических произведений, повествований и поэм, газелей, касыд и байтов, рубаи и китъа, другие поэтические и прозаические произведения, отражённые в классической и современной таджикской литературе, служат образцами пропаганды науки, знаний, культуры и просвещённости нашего древнего народа. «Мой учитель». – Душанбе: «Ирфон», 2024. С.97)

***

Если не будет сеятеля зёрен науки и знания, которого называют учителем, уверенность, совершенствование и просвещение жизни останутся несбыточной мечтой. (Там же)

**Асадзода НАЗРӢ**
*ҷомеашинос*

# АРЗИШҲО, АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА НИЗОМИ АРЗИШҲО. НАҚШИ ТАЪЙИНКУНАНДАИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ ҲУВИЙЯТИ МИЛЛӢ ВА МАВҚЕЪГИРИИ ДАВЛАТӢ

Яке аз бахшҳои муҳим, мураккаб ва таъсиргузори фарҳанги маънавӣ арзишҳо аст. Арзишҳо ба зиндагии инсонҳо маънӣ мебахшанд. Фарҳанги тамоми ҷомеаҳои инсонӣ усулан чизе нест ҷуз низоми арзишҳо ва ё тасвири хосе аз ҷаҳон, ки дар онҳо арзишҳо ҷойгоҳи меҳварӣ доранд.

Арзиш мафҳуми фалсафист. Он бахше аз фалсафа, ки арзишҳоро мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор медиҳад, арзишшиносӣ ва ё аксеология ном дорад. Арзишҳо нуқтаҳои тамаркуз(ориентатсия) ва василаҳои ангезабахш (мотиватсионӣ)-и фаъолияти инсонҳо ва ҷомеаҳои инсонӣ мебошанд.

Арзишҳо метавонанд дар ашё, ғояҳо, рамзҳо ва мафҳумҳо ифодаву инъикос шаванд. Ҳамчунин арзишҳо дар симои шахсиятҳои муайян низ метавонанд ифода гарданд, ки онро таҷассуми арзишҳо дар шахсият мегӯянд (*ба англ.:* personification of valies; *ба русӣ:* персонификация ценностей) мегӯянд. Қаҳрамонон, давлатмардон, шахсиятҳои таърихиву илмиву фарҳангӣ дар низоми арзишҳои миллӣ ва анбиёву авлиё, имомҳову шайххо дар низоми арзишҳои диниву мазҳабӣ аз қабили арзишҳоеянд, ки дар симои шахсиятҳо таҷассум ёфтаанд. Дар низоми арзишҳои диниву мазҳабӣ бисёре аз ин арзишҳо то ба ҳадди тақаддусбахшӣ (сакрализатсия) низ расонида шудаанд. Ин амал як амали

ҳадафмандонаест, ки барои зеҳниятсозӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи омма анҷом дода мешавад. Як шарти ба арзиш табдил ёфтан ва тақаддусбахшии шахсиятҳо поку муназзаҳ ва идеалӣ нишон додани кору рӯзгори онҳост.

**Хусусияти умдаи арзишҳо дар он аст, ки онҳо фард ва ҷомеаро барои иҷрои амалҳои муайяне ангеза медиҳанд ва барои ҳомилонашон меъёрҳои рафтор ва ахлоқ меофаринанд. Яъне чигунагии рафтор ва самти ҳаракати амалкардҳои фард ба низоми арзишие вобаста аст, ки ӯ онро пазируфтааст.** Аз ин аст, ки ҳар гуна меъёри ахлоқие ифодакунандаи моҳияти низоми арзишҳои муайянест. Бинобар ин, метавон бо мушоҳидаи рафтору фаъолият ва кунишу вокунишҳои ҳар фард ва ҷомеае дар бораи арзишҳои воқеии он хулоса баровард. Аз ин аст, ки **арзишҳоро муайянкунанда ва қутбнамои фаъолияти фард ва ҷомеа низ донистаанд**. Онҳо монанди чароғи роҳнамоеянд, ки хатти ҳаракати бовармандонашонро муайян мекунанд. Бо эътино ба ин ҷанбаи масъала арзишҳоро ҳамчун муҳимтарин шохиси фард ва ҷомеа низ метавон дар назар гирифт. **Ошкор кардани арзишҳои шахс ва ё ҷомеа саҳеҳтарин василаи ошкор кардани сифатҳои ботинӣ ва пешгӯиву пешбинӣ кардани рафтору амалкардҳои онҳо дар оянда мебошад.** Масалан, дар китоби "Стратегемма"-и Полиэн омада, ки Камбуҷия – писари Куруши Бузург дар соли 525 пеш аз мелод ҳангоми забти давлати Миср бо огоҳ шудан аз ин ки қибтиён гурбаро муқаддас медонанд ва ҳамчун арзиши авлавиятдошта пазируфтаанд, бо камоли ҳӯшмандӣ аз тактикаи аҷиби ҷангӣ ва таҳоҷуми психологие барои шикасти сипоҳи қибтиён истифода кард. Фиръавн(шоҳ)-и Миср Псамметихи III бо сипоҳаш дар канори рӯди Нил, дар қалъаи Пелузия паноҳ бурда буд. Камбуҷия пеш аз ҳуҷум фармуд, ки бар сипарҳои сарбозонаш акси гурбаҳоро кашанд. Мисриён бо дидани акси

гурбаҳо дар сипарҳои лашкари Камбуҷия аз тиру найзаву шамшер задан ба сӯи онҳо худдорӣ карданд ва дар натиҷа дар ин набард, ки маъруф ба набарди Пелузия аст, шикаст хурданд.

Миллатҳои қудратманду пешрафтаи ҷаҳон бо сӯиистифода аз ин навъ нуқтазаъфҳое, ки дар низоми арзишҳои миллатҳои дигар, алалхусус мардумони мусулмон вуҷуд доранд, ҳамеша вазъиятҳое меофаранд, ки барояшон судманд аст. "Давлати исломӣ", "хилофати исломӣ", "ҷиҳод", "шариат" ва амсоли инҳо аз қабили арзишҳои исломие мебошанд, ки субъектҳои сиёсии сатҳи байналмилалӣ бо истифода аз онҳо тӯли солҳои охир дар қаламрави даҳҳо кишвари мусулмоннишин ба осонӣ вазъияти иҷтимоиву сиёсиро ба ҳам зада, заминаи дахолат ва баҳрабардории худро дар дарозмуддат таҳия мекунанд.

Чунонки мебинем, арзишҳои ғайривоқеие, ки бар асари бовару эътиқод дар сатҳи як ҷомеа пазируфта шуда, бо манофеи воқеии онҳо созгор нестанд, сабаби мавқеъгириҳо ва амалкардҳои нодурусти мардум мегарданд, ки ба зарари худи онҳо ва ба нафъи дигарон аст. Дар кишвари мо низ баъзе қишрҳои иҷтимоӣ арзишҳоеро дар зеҳни ҷомеа ҷой мекунанд, ки онҳо метавонанд заминаи рафторҳо ва мавқеъгириҳои барои миллату давлати мо хатарноки ҳомилонаш гарданд. "Давлати исломӣ" яке аз ҳамин гуна арзишҳои сиёсии таҳмилшуда дар кишвари мо буд, ки дар ибтидои даҳаи 90-уми садаи гузашта дар зеҳни иддае аз мардуми тоҷик ҷой карда шуд. Дар натиҷа онҳо бо пазириши он арзиш водор ба амалкардҳое шуданд, ки хилофи манофеи миллии мо буд. Айни замон низ дар низоми арзишҳои динии ҷомеаи мо арзишҳои муайяне ҳастанд, ки дар сурати авлавият пайдо карданашон метавонанд муносибати миллатро нисбат ба манофеи миллии худ тағйир диҳанд. Аз ин рӯ, давлат ба

хотири ҳифзи бақо, манфиатҳо ва рушди миллат набояд дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии ҷомеа ва алалхусус низоми арзишҳои он мавқеи бетарафона дошта бошад. Беэътиноӣ нисбат ба ин масъала беэътиноӣ нисбат ба сарнавишти миллат аст.

Муҳиммияти ҷойгоҳи арзишҳоро дар таъйини сарнавишти миллатҳо, оянданигарии равандҳои сиёсии сатҳи байналмилалӣ ва тарроҳии ин равандҳо аз тарафи субъектҳои сиёсии байналмилалӣ метавон аз он пай бурд, ки давлатҳои абарқудрат ба хотири истифода ва сӯиистифода аз арзишҳои мавҷудаи ҷомеаҳои мухталиф, хоса ҷомеаҳои ақибмонда бо мақсадҳои расидан ба ҳадафҳои геополитикии худ “Созмони умумиҷаҳонии омӯзиши арзишҳо”-ро таъсис додаанд. “Созмони умумиҷаҳонии омӯзиши арзишҳо” дар имтидоди 50 соли фаъолияти худ дар ростои шинохти арзишҳо, низоми арзишҳо, навъи ҷаҳонбинии ҷомеаҳои мухталиф ва робитаи он бо рушди миллӣ дар сатҳи 97 кишвари ҷаҳон бо фарогирии тақрибан 90 %-и аҳолии ин кишварҳо дар 7 марҳилаи таҳқиқоти худ аз солҳои 1981 то 2020 пажӯҳишҳои фарогир анҷом дода, ба ин натиҷа расид, ки рушди ҳар ҷомеае мустақиман ба сатҳи ташаккули шуури ҷомеа иртибот дорад ва маншаъи мушкилоти ҳар гурӯҳи иҷтимоие низ аслан дар шуури ҷамъиятии он аст.

Арзишҳо чанд навъ мешаванд ва таснифоти арзишҳо вобаста меъёрҳоест, ки ҳангоми арзёбии онҳо истифода мегарданд.

**1.** Бо назардошти шакли зуҳурот арзишҳоро ба ду гурӯҳи калон метавон ҷудо кард: а) арзишҳои моддӣ; б) арзишҳои маънавӣ.

**а)** Арзишҳое, ки айнӣ (объективӣ, моддӣ, табиӣ) буда, қобили мушоҳидаанд, яъне ба воситаи ҳавоси панҷгона мавҷудияташон тасдиқ мешаванд, **арзишҳои моддӣ** ном

доранд. Ба арзишҳои моддӣ аз ҷуғрофиёи зист (Ватан) сар карда то муҳимтарин неъматҳои моддие, ки барои ҳифзи бақо ва ҳаёти инсон нақши таъйинкунанда мебозанд, дохил мешаванд. Масалан, мавқеи зист(хона), хонавода, дороӣ, Ватан ва амсоли инҳо. Аммо **барои ба арзиш мубаддал шудани ашёву падидаҳои моддиву табиӣ танҳо судмандии моддии онҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои биологии инсон кофӣ нест. Фақат он ашёву падидаҳои моддиву табиӣ метавонанд ба арзиш табдил ёбанд, ки ба онҳо ба таври зеҳнӣ сифатҳову ҷанбаҳои маънавӣ илова карда шудаанд.** Аз ин рӯ, ҳатто арзишҳои моддӣ низ то андозае хусусияти нисбӣ ва зеҳнӣ (субъективӣ) доранд. Ба таъбири дигар, ҷойгоҳи баланди арзишҳо ва ҳатто тақаддус (сакрализатсия)-и онҳо дар зеҳнияти одамон на фақат вобаста ба сифатҳои воқеиву табииашон, балки ба тарзи пазириш ва арҷгузории одамон низ вобастагӣ дорад. Масалан, дар низоми арзишҳои миллӣ агар Ватанро ҳамчун мафҳуми ҷуғрофӣ дар назар гирем, он барои намояндагони ҳар қавму миллат макони хосеро аз қаламрави кураи Замин дар бар мегирад. Он бахш аз сайёраи Замин, ки барои як миллату халқ ҳамчун Ватан арзишманд ва ё муқаддас аст, барои дигар ақвому миллатҳо аз диди арзишӣ он ҷойгоҳро надорад, дар ҳоле, ки аз ҷиҳати табиӣ ва шароити иқлимӣ онҳо метавонанд баробарарзиш бошанд. Ва ҳатто марзу буми як кишваре, ки аз диди захираҳои табиӣ ва шароити иқлимӣ барои зист на чандон созгор аст, барои шаҳрвандонаш арзиши хеле болотар аз ҷуғрофиёи созгори зисти мардумони дигарро дорад. Ин масъала марбут ба он аст, ки инсон ва ҷомеаи инсонӣ ҳамчун ҷузъе аз олами ҳастӣ барои зуҳур, зиндагӣ, ҳифзи бақо ва рушд ногузир ба фазову макон ниёз дорад. **Миллат бидуни доштани қаламрави зисте, ки корбурди имконоту захираҳои табииаш дар ихтиёри ӯст, наметавонад ҳамчун**

**воҳиди мустақили этнофарҳангӣ ба дараҷаи лозимӣ рушд кунад. Аз ин рӯ, Ватан ҳамчун арзиши воқеӣ ва ҳаётан муҳим дар низоми арзишҳои ҳар миллат ва ҷомеае ҷойгоҳи махсус дорад. Барои мо-тоҷикон қаламрави зисти ҷуғрофӣ ва таърихиамон ҳамчун Ватан арзиши муқаддас аст.**

**б)** Арзишҳое, ки ҷанбаи субъективӣ (зеҳнӣ, абстрактӣ) доранд, **арзишҳои маънавӣ** номида мешаванд. Хайр, адолат, озодӣ, номус, ростӣ, некӣ, зебоӣ, ишқ, садоқат, дӯстӣ, ҷасорат ва амсоли инҳо аз қабили арзишҳои маънавӣ мебошанд. Тамоми арзишҳои ахлоқӣ ва бадеӣ-эстетикӣ ба гурӯҳи арзишҳои маънавӣ дохил мешаванд. Бештарини арзишҳои диниву мазҳабӣ низ мансуб ба ҳамин гурӯҳи арзишҳоянд.

**2.** Арзишҳо вобаста ба субъект, ҳомил ва сатҳи фарогирии худ метавонанд умумибашарӣ, миллӣ, маҳаллӣ, хонаводагӣ, динӣ, мазҳабӣ ва ғ. шаванд.

**а)** Он арзишҳоеро, ки дар сатҳи тамоми башарият ва ё аксари ҷомеаҳои инсонӣ қобили пазириш ва арҷгузориянд, **арзишҳои умумибашарӣ** мегӯянд. Аксари ин арзишҳо аслан дар таркиби низоми арзишҳои ахлоқӣ, эстетикӣ, миллӣ, маҳаллӣ, хонаводагӣ, динӣ, мазҳабӣ вуҷуд доранд. Инсон, ҳуқуқу озодӣ ва баробарии инсонҳо новобаста ба мансубияти нажодиву миллӣ ва навъи эътиқод ва ғ. аз қабили арзишҳои умумибашарианд;

**б)** Арзишҳое, ки дар сатҳи як миллат ва ё аксарияти афроди он мавриди пазириш ва эҳтиром қарор дошта, ба ҳифзи бақо ва рушди он мусоидат мекунанд, **арзишҳои миллӣ** маҳсуб меёбанд. Масалан, миллат, меҳан, забон ва фарҳанги миллат, давлати миллӣ, шаъну эътибори миллат, муқаддасоти миллӣ, қаҳрамонҳои миллат, сармояҳои миллӣ ва амсоли инҳо аз қабили арзишҳои хоси миллиянд.

**в)** Он арзишҳое, ки барои давлати муайян ва сарнавишти он таъйинкунандаанд, **арзишҳои давлатӣ** ном доранд. Ҳар давлате вобаста ба навъ, шакли идоракунӣ ва сохтори худ низоми хоси арзишҳои худро дорад. Масалан, барои давлате, ки теократист, асли низоми арзишҳояш аз арзишҳои динӣ ва барои давлате, ки мардумсолору дунявист, ҷузъиёти низоми арзишҳояш аз арзишҳои дунявӣ ва фарҳанги дунявият иборат аст. **Низоми арзишҳои давлати миллӣ аслан аз арзишҳои миллӣ иборат аст.**

**г)** Арзишҳое, ки асл ва ҷавҳари таълимоти диниву мазҳабиро ташкил медиҳанд, **арзишҳои диниву мазҳабӣ** маҳсуб мешаванд. Худо, анбиё, китобҳои ба ном муқаддас, биҳишт, амокини муқаддаси диниву мазҳабӣ, шариат, авлиё, ҷашнҳои динӣ ва ғ. ба ин гурӯҳи арзишҳо мансубанд.

**д) Арзишҳои маҳаллӣ** ва музофотӣ ҳамчун ҷузъи такфарҳанг(субкултура) аслан аз гузинаҳои ҳаммонанди арзишҳои умумимиллӣ иборатанд, аммо тафовут дар он аст, ки ҳомилонаш он гузинаҳоро аз арзишҳои миллӣ афзалтар медонанд. Масалан, зодгоҳ ва маҳаллу минтақаи худро нисбат ба Ватан, лаҳҷаи маҳаллии худро нисбат ба забони адабии миллӣ, нангу номус ва ҳувийяти маҳаллиро нисбат ба нангу номус ва ҳувийяти миллӣ авлавият медиҳанд.

**е)** Он арзишҳое, ки дар сатҳи як хонавода, ё аксарияти аъзои он ва ё фард муҳим ҳисобида мешаванд, **арзишҳои хонаводагӣ ва фардӣ** ном доранд. Арзишҳои хонаводагӣ ва фардӣ аслан таркибе аз ҳамон арзишҳои умумибашариву миллӣ, маҳалливу мазҳабӣ ва ахлоқианд, аммо ҷанбаҳои хос низ доранд. Масалан, шахсияти падару модар барои фарзандон, шахсияти фарзандон барои падару модар, меъёрҳои мутақобилаи байни зану шавҳар, амволи хонавода ва дороиҳову сарвати шахсӣ, обрӯ ва номи нек, урфу одат ва муқаррароте, ки дар сатҳи хонавода риояи он муҳим дониста

мешаванд, хешу ақрабо, ашёву абзоре, ки аз наслҳои пешин ба мерос мондааст ва ғ.

**ё)** Арзишҳое, ки меъёрҳои ахлоқӣ ва рафторро меофаринанд, **арзишҳои ахлоқӣ** ном доранд. Хайр, некӣ, ҷавонмардӣ, ҳимматбаландӣ, ҷасорат аз зумраи чунин арзишҳоянд.

ж) Он арзишҳоеро, ки бар асоси завқу салиқа ва отифаи аксарияти инсонҳо офарида шуда, меъёрҳои зебоишиносиро таъйин мекунанд, **арзишҳои эстетикӣ** мегӯянд. Зебоӣ, ҳусн, таносубу эътидол ва ғ. намунае аз арзишҳои эстетикианд.

Арзишҳоро бар асоси меъёрҳои фавқуззикр ва дигар меъёрҳо низ метавон боз ҳам дақиқтар гурӯҳбандӣ кард, аммо дар ин навишта ба тафсилоти аз ин бештар ниёз нест.

Аксар маврид афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба арзишҳое пойбанданд, ки на аз як навъи мушаххаси арзишҳо, балки аз маҷмӯаи дарҳамомехта ва ба ҳам алоқаманди онҳо иборат мебошанд.

Маҷмӯи арзишҳое, ки моҳиятан ба ҳам алоқаманд буда, ҳадафҳову меъёрҳои қазоват ва рафтори аксарияти намояндагони як гурӯҳи иҷтимоиро таъйин мекунанд, **низоми арзишӣ** ном дорад. Шаклгирии низоми арзишҳо аслан хусусияти иҷтимоӣ дошта, равандест, ки дар дарозмуддат сурат мегирад. **Бо мафҳуми "низоми арзишҳо", ки мафҳуми фалсафист, арзишҳои моҳиятан ҳамоҳангшудае дар назар дошта мешаванд, ки аз тарафи афрод ва ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ пазируфта шуда, ба онҳо ангезаи амал, талошу сахткӯшӣ ва ҳатто фидокорӣ мебахшанд.**

Ҳар низоми арзишие метавонад арзишҳоеро низ фаро гирад, ки ҷузъи низомҳои арзишии дигаранд, ба шарте, ки моҳиятан бо он дар таноқуз қарор надошта бошанд. Ба таъбири дигар, фард ва ҷомеа метавонанд дар як вақт дар низоми арзишҳои худ чандин навъи арзишҳоро дошта

бошанд, Масалан, фард дар як вақт метавонад ба арзишҳое чун хонавода, дороиву сарват, обрӯ ва номи нек, зодгоҳ, хешу ақрабо (арзишҳои фардиву хонаводагӣ), зодгоҳ (арзиши маҳаллӣ), Ватан, миллат, забону фарҳанг ва давлати миллӣ, шаъну эътибори миллат, муқаддасоти миллӣ, қаҳрамонҳои миллат (арзишҳои миллӣ), анбиё, китобҳои ба ном муқаддас, биҳишт, амокини муқаддаси диниву мазҳабӣ, шариат, авлиё, ҷашнҳои динӣ (арзишҳои диниву мазҳабӣ), хайр, некӣ, ҷавонмардӣ, ҳимматбаландӣ, ҷасорат (арзишҳои ахлоқӣ), зебоӣ, ҳусн (арзишҳои эстетикӣ), ҳуқуқу озодӣ ва баробарии инсонҳо (арзишҳои умумибашарӣ) ва амсоли инҳо ҳусни таваҷҷуҳ дошта бошад.

Дар сатҳи гурӯҳҳои иҷтимоӣ низ маҷмӯи ин арзишҳо метавонанд эътибор дошта бошанд, масалан, онҳо метавонанд ҷузъи таркибии низоми арзишии ин ё он миллат бошанд. Аммо **ба назар бояд гирифт, ки низоми арзишҳо низоми иэрархалӣ буда, дар таркиби он ҳамаи арзишҳо ҷойгоҳи баробар дошта наметавонанд.** Фард ва ҷомеа вобаста ба фарҳанг, ҷаҳонбинӣ ва муҳити тарбиятиву иттилоотии худ бахше аз арзишҳоро нисбат ба бахши дигари онҳо авлавият дода, таҳти ангезаи арзишҳои авлавиятдошта фаъолияти худро роҳандозӣ мекунанд. **Аз ин рӯ, ҳувийяти воқеии шахс ва ё ҷомеа дар он ифода меёбад, ки дар низоми иэрархалии арзишҳои ӯ кадоме аз ин арзишҳо дар авлавият қарор доранд.** Масалан, фарде, ки эътиқодманди арзишҳои диниву мазҳабии бунёдгароёна аст ва ҳамзамон иддаои эътирофи арзишҳои умумибашариву миллиро низ мекунад, дар амал бо афзалият додани аввалӣ ошкору пинҳон аз меъёрҳои хосе, ки арзишҳои дувумӣ таъйин мекунанд, сарфи назар месозад. Масалан, ба ҳеҷ ваҷҳ озодии эътиқоди инсонро, ки аз арзишҳои умумибашарист, дар мисоли

интиқоди дин қабул надорад ва ё мафҳуми миллатро фақат дар тафсири динии он мепазирад.

Низоми арзишҳо ва алалхусус арзишҳои авлавиятдоштае, ки гурӯҳи иҷтимоӣ ва аз ҷумла миллат онро бо назардошти манфиатҳои воқеии худ пазируфта, бар асоси он фаъолият мекунад, заминаи аслии ташаккули ҳувийяти иҷтимоӣ ва дар зимн ҳувийяти миллиро ба вуҷуд меоранд.

Дар madди назар доштан лозим аст, ки яке аз муҳимтарин нишонаҳои миллат ин аст, ки бояд арзишҳо ва низоми арзишии умумӣ дошта бошад. Аз ин нишонаи миллат этнологҳо ва назарияпардозони арсаи миллатшиносӣ гоҳе ба унвони "ғояи миллӣ" ёд кардаанд. Миллат ба маънои томи худ фақат дар сурате метавонад ташаккул ёбад, ки аксарияти афроди он мавқеъгирии ақидатӣ ва амалии ягона нисбат ба арзишҳо ва манофеи худ дошта бошанд. **Дар сурате, ки дар сатҳи миллат чунин низоми арзишии ҳамагониву фарогир вуҷуд надошта бошад ва ҳар яке аз гурӯҳҳову табақаҳои иҷтимоии таркибии он низомҳои арзишии худро доро бошанд, табиист, ки ваҳдати воқеии миллӣ наметавонад ба вуҷуд ояд. Дар чунин ҷомеаҳо ваҳдати иҷтимоие, ки бо талоши давлат ва алалхусус ниҳодҳои қудратии он ба вуҷуд оварда мешавад, хусусияти зоҳирӣ дошта, ҳамеша осебпазир боқӣ мемонад. Маҳз ҳамин вазъият дар раванди ташаккули миллии мо ҳамеша омили эҷоди мушкил буд.**

Қисматҳои таркибии низом(аҳром)-и арзишии як ҷомеа бояд ба ҳам созгор ва алоқаманд бошанд. Таноқуз ва ба вижа таноқузҳои бунёдӣ дар ин система гироишҳои идеологиву иҷтимоӣ ва сиёсиеро ба вуҷуд меоранд, ки аз бунёд ҳамдигарро инкор мекунанд. Ҳол он ки дар сатҳи ҳар давлате, ки устувории пояҳои худро мехоҳад, ҳатман арзишҳое бояд вуҷуд дошта бошанд, ки барои кулли аҳзоби сиёсӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ инкорнопазир бошанд. Ягонагии давлат ва ваҳдати

миллӣ маҳз дар заминаи ҳамназарии аксарияти ҷомеа дар атрофи асоситарин арзишҳои миллӣ ва умумидавлатӣ ба вуҷуд меояд. Албатта, гуногунандешии аҳли ҷомеа дар масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву эътиқодӣ падидаи табиӣ буда, аз омилҳои муҳими рушд маҳсуб мешавад. Аммо манфиатҳои олии давлати миллӣ тақозо мекунанд, ки ҳамаи афрод ва ниҳодҳои ҷомеа, аз ҷумла ҳизбҳову гурӯҳҳои сиёсӣ бояд доир ба масъалаҳои умумидавлатӣ ва арзишҳову манфиатҳои миллӣ, аз қабили истиқлоли сиёсӣ, давлати миллӣ, сохти дунявию демократии давлат, муқаддасоти миллӣ, забону фарҳанг, якпорчагии Ватан ва бақои миллат тавофуқи назар ва диди ягона дошта бошанд. Ин арзишҳо бояд дар ягон шароит ба хотири дастёбӣ ба манфиатҳо ва ҳадафҳои шахсию гурӯҳӣ қурбон нашаванд. Маҳз ҳифзи арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ бояд ҳадафи оливу аслӣ ва ниҳоиву бебадали тамоми афрод ва ниҳодҳои ҷомеаи мо бошад. Мушаххас намудани ин арзишҳову ҳадафҳо ва роҳҳои расидан ба онҳо ва муайян кардани вазифаю масъулияти ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ дар ин самт кори хеле муҳим аст.

Дар ин росто дар маркази таваҷҷуҳи мо бояд бартарияти арзишҳои миллӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ гузошта шуда, нақшу ҷойгоҳи тамоми арзишҳову ақидаҳои дигар, аз ҷумла арзишҳои динӣ маҳз аз зовияи мутобиқату хидмати онҳо ба таҳкими арзишҳои миллӣ ва давлатдории миллӣ бояд ба назар гирифта шавад. Дар чунин платформаи идеологӣ ва сиёсӣ давлати миллӣ ҳамчун арзиши асосӣ матраҳ шуда, дин ва арзишҳои динӣ ба манфиатҳои олии миллӣ ва давлатдории миллӣ амалан тобеъ мегарданд.

Масъалаи арзишҳо ба ҷаҳонбинӣ, зеҳният ва зеҳниятсозии иҷтимоӣ робитаи бевосита доранд. **Арзишҳо бояд ба пешрафту тараққиёт ва такомулу рушди инсонҳо ва**

**умуман, ҷомеаҳо мусоидат кунанд. Ҷаҳон ва падидаҳои он тавассути арзишгузории инсон ба худ маъно пайдо мекунад ва инсон низ ба воситаи арзишҳои офарида ва ё пазируфтааш ба зиндагии хеш маънӣ мебахшад ва самти ҳаракати худро муайян менамояд. Чун арзишҳо дигар шуданд, маънии зиндагии инсонҳо, миллатҳо, ҷомеаҳо ва самти ҳаракату нуқтаи тамаркузи онҳо низ дигар мешаванд. Арзишҳо аз ботини худи инсонҳо, ҷомеаҳо ва миллатҳо вобаста ба талаботу ниёзҳояшон ба вуҷуд меоянд, ё онро дигарон бо назардошти ҳадафҳову манфиатҳои худ офарида ба онҳо таҳмил мекунанд. Арзишҳои таҳмилгардида ормонҳо ва манофеи офарандагонашонро ифода карда, ҳомилонашро ба татбиқкунандагони пружаҳои дигарон табдил медиҳанд. Миллати тоҷик тӯли садсолаҳо дар асоси арзишҳое зиндагӣ кард, ки воқеияти зиндагӣ ва манофеи мардумони бегонаро инъикос мекард. Феълан бо дарёфти истиқлоли сиёсиву давлатӣ мо фурсати бисёр муносибе барои бозбинӣ низоми арзишии мавҷудаи ҷомеаамон ва бозсозии он бар асоси манфиатҳои воқеии худ дорем.**

Дар тӯли тоҷикон қавмҳои истилогар талош менамуданд, ки муқаддасоту арзишҳои миллӣ, шахсиятҳо ва осори таърихӣ ва ҳатто ҳамосаю устураҳои миллии тоҷиконро аз миён баранд, таҳриф кунанд ва хотираи таърихии миллати моро дар бораи онҳо нобуд созанд, зеро яке аз роҳҳои тобеъ намудани миллатҳо ин беэътибор кардани арзишҳо ва ба ин васила заиф кардани ҳувийяту худшиносии миллӣ, эҳсоси ватандӯстии онҳо ва дар ниҳоят, аз байн бурдани нерӯи муқовимати онҳо мебошад. Ин кор маҳз ба воситаи коҳиш додани эътиқоди мардум ба муқаддасоту арзишҳои миллӣ, хотираи таърихӣ, шахсиятҳои таърихӣ, улгӯҳо ва қаҳрамонҳои миллиашон амалӣ мешавад.

Дар робита ба ин масъала бояд гуфт, ки дар системаи арзишии мо унсурҳои бисёр муҳими таркибӣ, аз ҷумла шахсиятҳо, улгӯҳо ва қаҳрамонҳои миллӣ то ҳанӯз ҳадафмандона ва ба таври шоиста шакл дода нашудаанд. Аз ин аст, ки дидгоҳи мардуми мо дар бораи шахсиятҳо ва улгӯҳои миллӣ таноқузҳои ҷиддӣ ва бунёдӣ дорад. Таноқузи ҷиддии дидгоҳи як миллат дар бораи қаҳрамонҳояш усулан имкон намедиҳад, ки он қаҳрамонҳо ва дар зимн корномаҳои онҳо дар сатҳи умум пазируфта шаванд. Масалан, дидгоҳи мутаноқиз ва аҷиби муаррихони мо дар бораи Куруши Бузург ва корномаҳои таърихии ӯ имкони улгӯсозӣ ва қаҳрамонсозиро аз ин шахсияти барҷастаи таърихӣ хеле мушкил ва ҳатто номумкин месозад. Зеро аз як сӯ, мо вайро асосгузори нахустин абардавлат(империя)-и башарӣ ва муттаҳидкунандаи ақвоми эронитабор медонем, вале аз сӯи дигар, мутобиқи талқини муаррихони системаҳои идеологии дигар ва алалхусус таърихнигорони шӯравӣ то ҳанӯз вайро истилогару ғоратгар ба намоиш гузошта, фарзияи беасоси кушта шуданашро ба воситаи лашкариёни Томирис ҳамчун ҳақиқати бидуни баҳс тасвир ва талқин мекунем, дар ҳоле, ки ҳатто нахустин ироакунандаи ин фарзия-Ҳеродот низ онро на ҳақиқати бидуни баҳс, балки фақат яке аз фарзияҳо, он ҳам аҷибтарин фарзияи марги Куруш донистааст. Ин фарзияи тахайюлии Ҳеродотро ҳатто муаррихони дигари Юнони бостон қобили эътимод намедонистанд. Масалан, таърихнигори дигари машҳури аҳди атиқаи Юнон – Ксенофонт, ки мустақиман бо нухбаҳои сиёсии Ҳахоманишӣ ва ба вижа Куруши хурдӣ (423-401) робита дошт ва чанд муддате дар ҳайати лашкари ӯ адои хидмат карда буд, фарзияи кушта шудани Курушро ба дасти лашкариёни Томириси ривоятӣ намепазирад. Ксенофонт аз рӯи маълумоте, ки мустақиман аз худи эронитаборон дар бораи

Куруш ва зиндагиномаву корномаҳои ӯ гирифта буд, бо адои эҳтиром ба ин абармарди арсаи таърих китобе бо номи “Киропедия” (яъне “усули тарбияи Кир”) навишт, ки он тӯли 2400 сол ба ҳайси яке аз китобҳои муҳими ҷаҳонкушоёни Аврупо, аз ҷумла Искандари Мақдунӣ, Юлий Сезар, Наполеон Бонапарт ва дигарон буд. Дар ин китоб муаллиф ба он назар аст, ки Куруш дар даврони бузургсолӣ ба таври табиӣ чашм аз ҷаҳон пӯшидааст. Ин ки дар аҳди Шӯравӣ фақат фарзияи ҳеродотии марги Куруши Бузург ҳамчун ҳақиқати мутлақ ва комилан бебаҳс талқин шуда, ҳатто дар китобҳои дарсии мо роҳ ёфтааст, як амри сиёсӣ ва идеологии он замон буд ва бо ҳадафҳои зеҳниятсозии давлати Шӯравӣ мутобиқат мекард. Айнан бо ҳамин ҳадаф идеологияи Шӯравӣ аз афсонаи плутархии Шераки сакоӣ ва муқовимати ӯ алайҳи сипоҳиёни Дориюши Бузург низ сӯиистифода карда буд ва як абармарди дигари арсаи таърихи ориётаборонро, ки хидматҳои бузурге дар бунёди империяи Ҳахоманишӣ ва ташаккули дидгоҳи давлатмеҳвару фарҳанги сиёсии мо кардааст, дар назари ворисонаш, яъне мо ҳамчун истилогару ғоратгару таҷовузкор ба намоиш мегузошт, дар ҳоле, ки афсонаи Шерак нахустин бор аз тарафи Плутарх (муаррихи юнонии садаи 1 баъд аз мелод) пас аз 500 соли марги Дориюш гуфта шуда, ҳеҷ санади муътамаде надорад. Дигар ин ки ҷуғрофиёе, ки Плутарх тасвир кардааст, на ба қаламрави Варорудё Мовароуннаҳр, балки ба сарзаминҳои шимоли Қафқоз ва даштҳои канори Баҳри Сиёҳ рабт дорад. Дар ин қиссаҳову ривоятҳои бидуни санад, чеҳраҳои давлатсози аҳди бостони мардумамон аз тарафи дигарон бо назардошти манофеи онҳо дар назари мо ҳамчун истилогару таҷовузкор тасвир шудаанд ва мо ҳам бидуни тақозои далели муътамаде онро пазируфта, имкон намедиҳем, ки тимсолҳову улгӯҳо ва қаҳрамонҳои миллии ҳамапазире дар фарҳанги мо ҳамчун унсури муҳими

зеҳниятсозу ҳувийятсоз шакл гиранд. **Ин вазъият боис мешавад, ки мардуми мо улгӯҳову қаҳрамонҳои миллатҳои дигарро, ки шахсияти мағшуши онҳо ба хотири зеҳниятсозӣ ҳадафмандона идеализатсияву кристализатсия шудааст, бипазиранд ва халои зеҳнии худро, ки ниёз ба доштани намунаи барҷастаи ахлоқӣ дорад, пур кунанд.**

Нуктаи таассуфбор дар ин масъала он аст, ки мардуми мо то ҳол бархилофи қаҳрамонони воқеии миллат, ки аз ноогоҳӣ бо талқину таҳрики дигарон гуноҳҳои нокардаро бар дӯшашон мегузорем, теъдоди зиёде аз чеҳраҳои аҷнабии хунхори таърихи кишварамонро ҳамчун қаҳрамон ва рамзу тимсоли ҷавонмардӣ қабул кардаанд ва барояшон китобҳо навиштаву барои зинда нигоҳ доштани хотираи таърихиашон номи онҳоро ба мавзеъҳои ҷуғрофӣ ва ҳатто фарзандонамон мегузоранд. Барои теъдоди зиёде аз онҳо ҳатто мазору мақбараву қадамҷо сохта, мадфанашонро ба зиёратгоҳи ҳазорон ҳазор шаҳрвандонамон табдил додаем. Искандар Мақдунӣ яке аз ҳамин гуна чеҳраҳост, ки дар таъриху фарҳанги мо баъд аз ҳуҷуми арабҳо таҳти таъсиру талқини ҳадафмандонаи муфассирону мубаллиғони динӣ ба тадриҷ аз як симои манфӣ ба як симои мусбат табдил ёфтааст. Ба ин монанд, дар бораи ҳусни таваҷҷуҳи мардуми мо ба чеҳраҳои хунхори аҳди ислом, ки ба қаҳрамон табдил шудаанд (мисли Қутайба ибни Муслим) ва ҳомиёни ҷонфидои меҳанамон, ки аз онҳо ба унвони ёғиву кофар ном бурда мешавад (мисли Бобаки Хуррамдин), ҳоҷате нест, ки ба тафсил сухан ронем. Мардум бар асоси низоми арзишҳои диние, ки ҳувийяташонро шакл додааст, аксар қаҳрамонҳои таърихи миллатамон, аз ҷумла Бобаки Хуррамдин, Муқаннаъ, Деваштич ва муборизаҳои қаҳрамононаи онҳоро бар зидди истилогарони Меҳанамон бо меъёрҳои қазовати динсолорона

баҳо дода, нисбат ба корномаҳои онҳо на фақат нигоҳи таҳсинбарангез надоранд, балки ҳатто гоҳе шахсият ва амалкарди онҳоро маҳкум низ мекунанд.

Доир ба ин масъала, алалхусус ба раванди улгӯсозиву қаҳрамонофаринӣ аз чеҳраҳои аҷнабиву хунхори таърихи миллатамон, ки дар заминаи зеҳниятсозии ҳадафмандона, ба вижа зеҳниятсозии динӣ ба амал омадааст, ҳазорон далел метавон овард. **Ҳамаи ин ҳолатҳои зидду нақиз (парадоксалӣ) дар низоми арзишҳои ҷомеаамон аз омилҳоеянд, ки бухрони ҳувийятиро дар зеҳни мардум ба вуҷуд оварда, имкон намедиҳанд, ки идея, идеология ва дар зимн худшиносиву ҳувийяти миллӣ ташаккул ёбад. Аз ин рӯ, зарурат дорад, ки барои ҳалли ин масъалаи ҷиддӣ ва таҳияи заминаи ташаккули худшиносии миллӣ ҳатман ҷанбаҳои баҳсбарангези таърихи миллатамон бозбинӣ ва бознависӣ шаванд.** Хушбахтона, дар ин росто таърихи миллатамон он қадар саҳнаҳои ифтихорбарангез ва чеҳраҳои барҷаста дорад, ки мо мисли баъзе миллатҳо ҳеҷ ниёзе ба таърихсозии дурӯғин ва чеҳрасозиҳои қалбакӣ надорем. Фақат он лаҳзаҳову саҳнаҳо ва чеҳраҳои барҷастаро бармало ва ба хотири зеҳниятсозиву боло бурдани сатҳи худшиносии миллӣ ва эҳсоси меҳанпарастии мардум истифода бояд кард.

Мутаассифона, дар тӯли таърих бо барномарезии ҳадафмандонаи субъектҳои зеҳниятсози замон дар шуури ҷамъиятии миллати тоҷик арзишҳои бегона ва боварҳои хурофотӣ нисбат ба арзишҳои асили миллӣ бартарӣ пайдо намудаанд, ки таъсири он то ҳол боқӣ мондааст ва монеи рушд ва корбурди самарабахши зарфиятҳои миллӣ мегардад. Зарурати ислоҳи ин вазъият, эҳёи ҷойгоҳи арзишҳои миллӣ, аз ҳолати истеъморзадагию вобастагӣ баровардани тафаккури миллат ва тақвияти ҳувийяти миллӣ яке аз корҳои муҳимест,

ки дар ҷараёни **инқилоби фарҳангӣ** дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд анҷом дода шавад.

Дар шароити давлати соҳибистиқлоли миллӣ зарур аст, ки низоми маорифи динӣ ва ҷаҳонбинии ходимони дин ба назардошти манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои олии давлатдории миллат таҳаввул ёфта, арзишҳои динӣ бо арзишҳои воқеии миллӣ ҳамоҳанг карда шаванд. Арзишҳои диниву мазҳабӣ дар ҷомеаи мо бояд дар созгорӣ ва ҳамбастагӣ бо арзишҳо ва фарҳанги миллӣ арзи ҳастӣ дошта бошанд.

Тибқи ҳақиқати таърихӣ ва эътирофи муҳаққиқони сатҳи ҷаҳонӣ, ниёгони тоҷикон дар саргаҳи фарҳанг ва тамаддуни башарӣ қарор доштаанд ва нақши бузурге дар рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ гузоштаанд. Ҷавҳари қудрати миллӣ ва омили таъсиси давлатҳои шуҳратманду тамаддунсози тоҷикон маҳз фарҳангу ҳувийяту арзишҳои миллии онҳо буданд. Имрӯз низ маҳз фарҳангу тамаддун ва арзишҳои миллӣ заминаи устувори ҳифзи бақои миллати тоҷик мебошанд. Агар арзишҳои диниву мазҳабӣ ниёзҳои эътиқодии оммаро қонеъ созанд, арзишҳои миллӣ пояи маънавии ҳастии моро ҳамчун миллати хос таъмин мекунанд ва асосҳои давлатдории моро таҳким мебахшанд.

**Арзишҳои миллӣ маҷмӯи арзишҳои моддиву маънавӣ, манфиатҳо ва ғояҳои миллат аст, ки новобаста ба мансубияти диниву мазҳабӣ, тамоили сиёсӣ ва сатҳи иҷтимоии аъзои он, ориентатсия ва ангезаи идеологии умумиро ба вуҷуд оварда, омили ҳифзи ҳувийят, хусусиятҳои асосӣ ва бақои миллат ҳамчун воҳиди мустақили этнофарҳангӣ мегардад.**

Шинохти арзишҳо ба сатҳи огоҳии фард ва ҷомеа вобаста аст. Агар сатҳи огоҳии фард ва ё миллат боло равад, шубҳа нисбат ба арзишҳои ноогоҳона пазируфташуда низ боло меравад ва арзишҳои ба тақлид қабулшудаи бегона ҷойи

худро ба арзишҳои миллӣ медиҳанд. Бинобар он, ҳар гуна арзиш бояд огоҳона қабул гардад. Арзише, ки ноогоҳона қабул гардидааст, метавонад моро ба биороботи дигарон табдил диҳад. Аз ин рӯ, мо ба бозбинии арзишҳоямон ниёзмандем. Вале танҳо зеҳнияти озод ва интиқодии афроди ҷомеа қобилияти бозбинӣ ва бозсозии низоми арзишҳои ҷамъиятиро дорад, ки як падидаи исто (консервативӣ)-и иҷтимоӣ аст.

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

## МУЪМИН ҚАНОАТ ВА ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Устод Лоиқ устод Қаноатро ҳамвора дар қатори устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, ҳамчун яке аз устодони асосии худ, ёд мекунад ва аз ӯ боифтихор ном мебарад. Хусусан, дар мусоҳибаҳояш мукаррар ин мавзуъро матраҳ менамояд. Масалан, дар мусоҳибае, ки бо нависанда Рофеи Рабизод анҷом додааст, ба саволи «Шумо дар бораи касоне ҳарф зада, ки ба як миқдорашон маънавaн ҳаққи устодӣ доред. Бигӯед, ки худ ҳам устод доштед ва он кист?» чунин ҷавоб медиҳад: «Устодони ҳамсафам Боқӣ Раҳимзода, Мирзо Турсунзода ва Муъмин Қаноат буданд. Устод Турсунзода шеърҳои маро мехонданд, устод Боқӣ ҳам, вале резакориҳоро, ки дар ҳунари шоирӣ ҳаст (мисли вазн, калимасозӣ, дар ҷояш будани сухан) Муъмин Қаноат барои ман омӯхта буд. Дигарон ҳам бисёр кӯмак мекарданд, ки шарт нест ҳамаи онҳоро устод бигӯям, аммо ҳамчун инсон, ҳамчун як афроде, ки дар муҳити адабӣ ҳастанду буданд-Пулод Толис, Убайд Раҷаб ва дигарон».[1] Дар вопасин мусоҳибаи худ бо Ҳокими Азиз ва суоли ӯ «Дар шеър киро устоди худ мешуморед?» низ ҳамон ҷавоби болоро бо андак тағйирот медиҳад ва мегӯяд: «Устоди воқеии ман устод Мирзо Турсунзода ҳастанд ва дуюм устоди ман устод Муъмин Қаноат ҳастанд. Устод Мирзо Турсунзода мехонданд, хуб ё бад мегуфтанд. Аммо резакориҳое, ки дар шеър ҳаст, аз қабили як ҳиҷо кам, арӯз хароб, қофия хароб, ин корро устод

[1] Нанг дар домани таърих, хун дар домани миллат… Ҷавонони Тоҷикстон, 25 августи соли 1992.

Муъмин Қаноат дуруст месохт. Дасти маро дар шоирӣ он кас рост кардаанд. Устоди воқеан маънавии мо дар муҳити адабии солҳои шаст то вафоташон устод Мирзо Турсунзода ва баъд устод Боқӣ Раҳимзода буданд. Ин насли мо, ки шастсола, иншоаллоҳ, мешавем, ҳамааш мадюнӣ ё қарздори устодон Турсунзода, Раҳимзода, Қаноат, Убайд Раҷаб, Пулод Толис ҳастанд. Устод Боқӣ ноҳия ба ноҳия мерафтанд, ки ягон бачаи шавқу завқ ба шеъру шоирӣ доштагиро биёбанд. Мегуфтанд, ки як шарора дошта бошад, бас аст, худамон дасташро рост мекунему дар ҷодаи адабиёт ворид мекунем».[2]

Тавре ки аз ин ҷавобҳои устод Лоиқ мебинем, устоди амалии ӯ устод Қаноат будааст, яъне амалан нозукиву назокатҳои шеър, талаботи онро ба ӯ фаҳмондааст, нишон додааст, дасташро рост кардааст, аммо устод Турсунзодаву Боқӣ ва дигарон, ки номашонро овардаанд, асосан устодони маънавии ӯ буданд, яъне ӯро аз лиҳози маънавӣ дастгирӣ ва мададгорӣ кардаанд. Ба ҳамин сабаб, шоир маҳз устод Муъмин Қаноатро дар олами шеъру шоирӣ устоди худ хондаанд ва боифтихор аз ӯ ёд кардаанд. Ба устоди Лоиқ будани устод Қаноат танҳо худи шоир не, балки муҳаққиқон низ дар осорашон таъкид кардаанд ва ӯро аз шогирдони мумтози Қаноат хондаанд. Ба ҷуз Юсуф Акбарзода, ки дар мақолаи «Шеъри Муъмин Қаноат аз дидгоҳи Лоиқ Шералӣ» гуфтори худи шоир ва муҳаққиқонро рад менамояд ва мегӯяд: «Ман, медонам (гӯё шоир намедонад-Ҷ.С.), ки муносибати байни онҳо на муносибати байни устоду шогирд, балки муносибати байни бародару дӯст, муносибати байни акаву додар буд».[3] Аммо ӯ, ба ҳар ҳол, дар идомаи мақола маҷбур мешавад, ки ҳақиқатро баён дорад ва устоди Лоиқ будани

---

[2] Ҳокими Азиз. Гуфтугӯ бо Лоиқ. –Душанбе: Олами китоб, 2006. –С.14-15.
[3] Юсуфи Акбарзода. Рисолати шоир ва шеър. –Душанбе:Адиб, 2009. –С.23-24.

устод Муъмин Қаноатро таъкид бинамояд ва бигӯяд: «Солҳое, ки Лоиқ ба эҷоди шеър оғоз кард, Муъмин Қаноат мудири шуъбаи назм (1956-1961) ва котиби масъули маҷаллаи «Шарқи Сурх» (ҳоло «Садои Шарқ», солҳои 19961-1960) буд ва табиист, ки нахустин шеърҳои Лоиқ, ки дар ин маҷалла ба табъ мерасиданд, ҳатман аз назари дақиқбину таҳрири мӯшикофонаи Муъмин Қаноат мегузашт ва Лоиқ, ки ҷавонмарди асилу покдил ва ҳалолкору ҳақшиносу ростгӯ буд, хидмат ва нақши қалами устодашро дар осори хеш қоил буд ва ҳар ҷо, ки мавриди иқрор пеш меомад, иқрор мекард, ки дар ҷодаи шоирӣ устоди бевоситааш Муъмин Қаноат аст. Ман чунин иқрорро борҳо аз ҷониби Лоиқ шунидаам»[4].

Ҳамин гуна ихлосу муҳаббат, арҷгузорӣ ба устоди худ-Муъмин Қаноат устод Лоиқро водоштааст, ки «Шеъри нав»-ро ба ӯ бибахшад ва аз идомадиҳандаю парчамдорони он (баъд аз Айниву Лоҳутиву Пайраву Юсуфиву Турсунзода ва дигар номдорон) будани ӯ ва худро ба намоиш бигузорад:

*Шеъри нав бархост ҳамчун одами нав,*
*Ҳамчу тифли инқилоб.*
*Бо саволу бо ҷавобу бо хитоб.*
*Захмҳои пушти Айнӣ мисраҳои ӯ шуданд,*
*Оҳҳои хашмолудаш нидои ӯ шуданд.*
*Ҳар дари зиндон,*
*ки бар рӯи асирон боз шуд,*
*Боби озодӣ кушуду шеъри нав огоз шуд.*
*Сабки раҳгардии аскарҳост «Марши ҳуррият»,*
*Пеш-пеши радда гӯё табли озодӣ занад.*
*Шеър бо хуни дилу нӯки синон таҳрир шуд,*
*Дарди асроасраи таърихро тадбир шуд.*
*Шеър чун сарбози миллат шӯр афканду қиём:*

4 Ҳамон ҷо. –С.24.

*-Интиқом аз охирин маснад нишинон интиқом!*
*Калтакаи сурху камони шохаю шамшерҳо*
*Байтҳои зарбадору тири мардафкан шуданд.*
*Тоҷҳо талқон шуда дар зери чархи тӯпҳо,*
*Тахтҳо бар тахтдорон оқибат мадфан шуданд…*[5]

Албатта, фоҷиаи бар сари миллат омада ҳанӯз аз дили устод Лоиқ берун нашуда буд. Аз ин хотир, шоир таъкид мекунад, ки мо бояд аз неъмати инқилоб, ки озодиро ба мо ҳадя кард, ба нафъи миллату кишвар истифода намоем, ба суннати каломи инқилобию озодихоҳонаву созандаи ин устодони сухан, ба вижа Айнӣ, такя карда, гомҳои боз ҳам ҷиддитар, қавитар бардорем, шеърамонро пуршӯртар, волотар, рангинтар, муассиртар, созандатар бисозем, то захмҳои пушти Айнӣ шифо ёбанд ва чашмҳои Рӯдакӣ бинотар шаванд:

*Лек захми пушти Айнӣ то ҳанӯз*
*Дар дили ман хуфтааст.*
*Захми чашми устоди панҷрудӣ*
*Дар дили ман хуфтааст.*
*Захмҳои синаи ман қиссаи ногуфтааст.*
*Аз Бухоро то дили ман як ваҷаб роҳ асту бас,*
*Роҳи назми Рӯдакию роҳи аҷдоди ман аст.*
*Ман ба ин раҳ меравам пуршуртар,*
*меравам бар дуртар, бар дуртар.*
*Шеъри мо ҳар қадр лангардору шевотар шавад,*
*Ҳамчу барқи инқилобӣ тезу бурротар шавад.*
*Захмҳои пушти Айнӣ он қадар ёбад шифо,*
*Чашмҳои Рӯдакӣ он қадр бинотар шавад.* [6]

[5] Лоиқ. Вараqи санг. –Душанбе:Ирфон, 1980. –С.16.
[6] Ҳамон ҷо. –С.16-17.

Зимнан бояд гуфт, ки устод Лоиқ, ки дар иҳотаи адибони номваре чун Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Муъмин Қаноат, Убайд Раҷаб ва дигарон зиндагию эҷод мекард, на танҳо аз лутфу марҳамати падаронаи онҳо баҳра мебурд, балки аз осорашон низ судҷӯӣ мекард. Ин марҳилае буд, ки ҳанӯз осори гузаштагон ба куллӣ дар дастраси ӯ қарор надошт. Аз ин рӯ, ӯ бештар шеъри муосирон, аз ҷумла Айниву Лоҳутию Пайраву Турсунзодаву Боқию Миршакар, аз ҷумла устод Муъмин Қаноатро мехонд, дарси шеъру шоирӣ меомӯхт ва роҳро барои ояндаи бузурги худ дар олами эъҷод ҳамвор менамуд. Аммо мо алъон аз таассури ӯ аз осори Муъмин Қаноат, ки як мавзӯи ковиш нашудааст ва ниёз ба баррасии ҷиддӣ дорад, ба тафсил сухан намегӯем, фақат бо овардани намунаҳо иктифо менамоем:

*Муъмин Қаноат:*

*Эй обшор!*
*Оинаи бегубори ман,*
*Ёри замони кӯдакии беқарори ман,*
*Аз рӯзҳои рафта туӣ ёдгори ман.*

*Оҳангҳои кӯҳнаро такрор мекунӣ*
*Ёди бахобрафтаро бедор мекунӣ,*
*Рози маро ба лафзи худ изҳор мекунӣ…*[7]

*Лоиқ Шералӣ:*

*Эй обшор!*
*Духтари гирёни куҳсор,*
*Мурдааст ошиқат магар, фарёд мекунӣ?*
*Мӯят парешу қоматат ларзону хамзада,*
*З-огози чашмаҳот магар ёд мекунӣ?* [8]

[7] Муъмин Қаноат. Осори мунтахаб. Шеърҳо. –Ҷ.1. –Душанбе:Ирфон, 1982. – С.124.

*Муъмин Қаонат:*
*Он рӯз, ки эъҷози ту бар Кова равон дод,*
*Ӯро зафару ном ба сад асру замон дод.*
*Бар куштани Заҳҳок чу ҳукми ту баромад,*
*Он ҳукм ба сарлавҳаи таърих даромад,*
*Ҳарчанд ки шӯру шари ӯ рафт таҳи хок,*
*З-он зумраи нопок нашуд лек ҷаҳон пок…*
*Гар вориси Заҳҳок ҳанӯз ҷон насупурдаст,*
*Маъюс машав, Коваи ҳаддод намурдаст!*[9]
*Лоиқ Шералӣ:*
*Гарчи Заҳҳок бувад баста ба куҳ,*
*Гарчи ақл аст кунун гетифурӯз,*
*Анқариб аст шавад тӯъмаи мор*
*Писари ҳаждаҳуми Кова ҳанӯз…*

*Кова зиндасту нахоҳад мурдан,*
*Ҷони худро зи қазо бирҳонад.*
*То зи Заҳҳоки ҳама давру замон*
*Кини ҳабдаҳ писараш настонад.*[10]
*Муъмин Қаноат:*
*Баҳри ман танҳо забони модарист,*
*Ҳамчу шири модар аст,*
*Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,*
*Чунки меҳри модар аст.*[11]
*Лоиқ Шералӣ:*
*Заҳр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.*[12]

---

[8] Лоиқ Шералӣ. Аввалу охири ишқ. –Душанбе:Маркази фарҳанги арабӣ, 1994. –С.19.
[9] Муъмин Қаноат. Осори мунтахаб. Шеърҳо. –Ҷ.1. –С.68.
[10] Лоиқ Шералӣ. Аавалу охири ишқ. –С.116.
[11] Муъмин Қаонат. Осори мунтахаб. Шеърҳо. –Ҷ.1. –С.110.

Мусаллам аст, ки устод Муъмин Қаноат дар адабиёти мо асосан дар достонсароӣ маъруф аст, аммо устод Лоиқ дар сурудани ашъори лирикӣ. Агарчи устод Қаноат низ бо сурудани шеъри лирикӣ ба адабиёт дохил шуд, аммо дар андак муддат то ба дараҷаи шоири достонсаро, «устоди эпос» уруҷ кард, боло рафт. Ба ин ҷиҳати шахсияти устод Муъмин Қаноат ва таҳаввули эҷодии ӯ аҳли таҳқиқ низ ишора кардаанд. Аз ҷумла Аскар Ҳаким гуфтааст: «Дар солҳои шасту ҳафтод дар пеши назари мо як шоире, ки аз лирика сар карда буд ва ашъори баланд мегуфт-Муъмин Қаноат то достонсарои мумтоз, устоди эпос сабзида расид. Дар вақташ, бисёриҳо шеъри «Пири гулфурӯшон»-ро тавсиф карда, гумон доштанд, ки истеъдоди муаллифи он ба тарафи лирика инкишоф хоҳад ёфт.

*Кӯҳи Варзобро чӣ даврон аст,*
*Гӯиё пири гулфурӯшонӣ аст…*

Шоири маъруфи советии рус Ярослав Смеляков ва дигарон пас аз шиносо шудан бо эҷодиёти Муъмин Қаноат ояндаи ӯро чун шоири сирф лирик пешгӯӣ мекарданд. Вале баъдтар паи ҳам достонҳои Қаноат ба қалам меомаданд. Аввал «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ», баъд «Китобҳои захмин», «Суруши Сталинград» эҷод шуданд. (Танқиди адабӣ бошад ин таҳаввулоти шоирро пай набурда, бо қувваи такони пештара танҳо дар бораи сифати лирикии истеъдоди ӯ батакрор сухан мегуфт, ҳол он ки аз «Суруши Сталинград» сар карда, дар пеши назари мо эпос, фоҷиаи қаҳрамонӣ қарор дошт). Достонҳои «Сурӯши Сталинград», «Гаҳвораи Сино» бо пуропурии мундариҷаи фалсафӣ, бо амиқии тафаккур ва тозагии назар, дар кушодани моҳияти инсонии қаҳрамонӣ-дар

[12] Лоиқ Шералӣ. Тоҷикисто- мазҳари ман. –Душанбе:Маориф ва фарҳанг, 2011. –С.27.

корзор ва дар зиндагӣ-дар назми муосири сермиллати советӣ ҳодисаи ба назар намоёне ҳастанд. Маншаи пурқуввати эпос дар эҷодиёти ин шоир, албатта, ба назми мусоири тоҷик минбаъд бетаъсир намемонад».[13]

Ҳамин муҳаққиқ дар бораи фардияти Муъмин Қаноат, чеҳраи хоси ӯ дар адабиёти мо, ба вижа фарқи осори вай аз шоирону ҳамрӯзгорони нисбатан ҷавонаш, аз ҷумла Лоиқ, ки аз баъзе ҷиҳатҳо ба ҳам монандӣ доранд, чунин ибрози ақида менамояд: «Агар Муъмин Қаноат чун шоире зуҳур карда бошад, ки эҳсоси иҷтимоияш пурқувват ва назараш хеле фарох буда, аз ҳар гуна тасвирҳои маишию хурду ночиз бегонагӣ ва парҳез кунад, касе аз шоирони ҷавони минбаъда маҳз ба ин дастовардҳои ӯ дастдарозӣ накард. Масалан, бигирем, Лоиқро. Бо вуҷуди он ки аз ҷиҳати амиқӣ, ҷиддият ва таърихият, ҷо-ҷо метавон ҳар ду ин шоирро бо ҳам муқоиса кард, аммо фазои шеъри ӯ аз шеъри Муъмин Қаноат дигар аст. Ба назари ман, таассуротро аз шеъри Муъмин Қаноат ба нурҳои бисёр баланд ва пурқуввати прожектори азим монанд кардан мумкин аст, ки барои равшан намудани майдонҳои фароху вусъатнок ба кор меравад, шеъри Лоиқ бошад, ба монанди чароғи дурахшонест, ки метавон дар ҳар гӯша, дар ҳар хона даргиронд. Шеъри Муъмин Қаноат барои саҳнаҳои калон, минбарҳои баланд ва шунавандагони сершумор гуфта шуда, ҳамоҳанги ҳодисаҳои бузург мебошад ва метавонад аксаран ба лиҳози тамомияти байтҳояш дар саҳифаҳои рӯзнома ва ё плакатҳо иқтибос шавад. Масалан:

*Мадад, эй парчами гулгун, фидои сурати досат!*
*Фидои чаккуши оташфишону доси алмосат!*

---

[13] Аскар Ҳаким. Дар қаламрави сухан. –Душанбе:Ирфон, 1982. –С.34-35.

Вале аз эҷодиёти Лоиқ бисёр кам мешавад, ки матнро пурра наоварда, аз он образи мукаммалеро ҷудо карда гирифтан мумкин бошад…».[14]

Дар бораи садоқат, арҷгузорӣ ва эҳтироми устод Лоиқ ба устодаш Муъмин Қаноат дар ин маврид бори дигар ба хониш гирифтани суханони муаллифи мақолаи «Шеъри Муъмин Қаноат аз дидгоҳи Лоиқ», ки ба муносибати Лоиқ ба устод Муъмин Қаноат бахшида шудааст, айни муддао мебошад: «Соли 1975 достонҳои устод Муъмин Қаноат «Суруши Сталинград» ва «Тоҷикистон-исми ман» барои дарёфти ҷоизаи давлатии ИҶШС пешбарӣ шуд ва Лоиқ аз ин иқдомоти иттиҳодияҳои илмиву фарҳангии кишвар қаноатмандӣ ва сипосгузории хешро иброз дошта, роҷеъ ба арзишу нақшии бадеиву маънавӣ ва аҳлоқии ин асарҳо дар инкишофи шеъри навини тоҷик ва шӯравӣ мақолаи арзишманде навишт, ки таҳти унвони «Руҳи қаҳрамони назм» дар рӯзномаи «Маориф ва маданият», 4 октябри соли 1975, ба табъ расида буд, ки саршор аз садоқату муҳаббат ба устоду шеъри ӯст. Мақола бо чунин сатрҳои шоирона ва саршор аз ишқу вафодорӣ оғоз шуда буд: «Нахустин китоби ашъори шоири баркамоли тоҷик Муъмин Қаноат «Шарора» табъан аз гулхани пурзабона ва пурнури солҳои шастум шарораи равшангаре буд, ки баъдтар аз он «Достони оташ» ба иншо расид. «Ситораҳои замин» низ ҳамчун шуълаи аз ин ин шарора барафрӯхта, «Мавҷҳои Днепр» ҳамчун мавҷи рақсони забонаҳои он оташ гӯшаеро дар назми мо равшан кардаанд… Руҳи қаҳрамонӣ дар достони «Сурӯши Сталинград» чӣ басо бо эҳсосоти расо ва гармои нафасҳои шоирона ва наҷобати дили инсонӣ вусъат меёбад. Шоир суханро ҳамчун оби ҳаёт ё иксире аз замину осмон меҷӯяд, то ба қурбониён ҷон ато кунад.

[14] Ҳамон ҷо. –С.31.

«Сурӯши Сталинград» пур аз овозҳову розҳо, пур аз нозу сӯзҳо, орзуву ҳавасҳо ва тапиши таболуди нафасҳост… Як хусусияти бетакрори шоирии Муъмин Қаноат дар он аст, ки ӯ ҳамчун сарроф ҳар калима, ҳар маҳфумро, ки бешубҳа дар он маншаи шеър ё нутфаи шеър ҳаст, бо ҳама тобишҳои асливу маҷозӣ ва мантиқиву фалсафӣ бармекашад, паҳлуи ҳар калимаро палмосида ё ҳар суханро мисли як пора маъдани ба сангу рег омехта рӯи каф гирифта, ба он дурудароз дақиқ менигарад, сангу регу хокашро ҷудо мекунад, навъи маъданро муайян месозад ва баъд андеша мекунад, ки он сангро дар бунёди кадом шеър метавон гузошт ё аз ӯ чи колое, чи ҳайкале, чи сурате метавон тарошид» [15]

Тавре ки мебинем, устод Лоиқ ба осори устод Муъмин Қаноат, ба вижа достонҳои ӯ, баҳои баланд дода, аз муваффақиятҳои устодаш дар паҳнаи адабиёт меболад ва ифтихор менамояд. Агар мо гуфтори устод Лоиқро дар бораи устод Қаноат, ҷойгоҳ ва махсусияти осораш ба орият бигирем, мавриди баррасӣ қарор бидиҳем, як рисола мешавад. Аммо ҳамин мисолҳои андак низ «ба хубӣ собит мекунанд, ки устод Муъмин Қаноат устоди тавонову нозукадо ва устод Лоиқ шогирди ҷавонмарди қадршиносу ҳақталош буду ба қадри некӣ мерасиду ҳаргиз камтарин некии касеро фаромӯш намекард ва худ ба мардум танҳо некӣ мекарду ба ивази он аз касе чизе умедвор намешуд». [16]

Дар ҳақиқат, ҳам устод Қаноат ва ҳам устод Лоиқ аз шоирони хубу мумтози мо буданд, ки бо шеъри заминӣ, замонӣ ва воқеъгароёнаи худ дарривоҷу равнақи адабиёти мо саҳми бузург гузоштанд, бо забону баёни фаҳмо ва наздик ба

---

[15] Юсуфи Акбарзода. Рислати шоир ва шеър. – Душанбе6Адиб, 2009. – С. 27-31.
[16] Ҳамон ҷо. – С. 35.

мардум сухан гуфтаанд ва ба тараннуми арзишҳои волои миллӣ ва умумиинсонӣ пардохтаанд. Эшон тавонистанд, ки бидуни санъатгарӣ, табиатгароӣ, беғоягӣ, тасвиркории маҳз, ки имрӯз дар адабиёти мо дар авҷ аст, сухан бигӯянд, ба дилҳои мардум роҳ биёбанд ва дар адабиётамон ҷойгоҳи хос пайдо бинамоянд (яке дар достонсароӣ, дигаре дар сурудани ашъори лирикӣ (ғазал, рубоӣ, дубайтӣ...). Воқеан, худи устод Лоиқ ҷавонмардона иқрор мешавад, ки роману достон навишта наметавонад. Мо инро аз ҷавобҳои ӯ ба саволҳои рӯзноманигор Ҳокими Азиз ба равшанӣ мебинем: - Чаро Шумо роман наменависед? - Наметавонам. - Достон чӣ?. - Достон ҳам. Наметавонам, чӣ хел нависам? Шеъри «Хоки Ватан»-ро достон фикр карда будам. Воқеан, аз назари фарохии мавзуъ достон аст. Навиштаму навиштам, ҳамон қадар шеър шуд. Ҳоло ҳам зиёд аст. Даҳ мисраашро кӯтоҳ бояд кунам. Ба Худо, рост мегӯям».[17] Беҳуда нагуфтаанд.

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Майли онро дар дилаш андохтанд.*[18]

Дар воқеъ, устод Лоиқ шоири достон нест, шоири ғазалу рубоиву дубайтӣ ва ғайра мебошад. Ба қавли лоиқшиносе, «Лоиқ табиатан шоири ишқиясаро, ба истилоҳи ғарбиён «лирик» ва ба гуфтаи худаш, «шоири ошиқ» буд. Ва ҳамаи офаридаҳои ӯ аз шеъри нахустинаш «Ном» (1959) то сурудаҳои охиринаш (июни 2000) тааллуқ ба навҳои гуногуни шеъри ғиноӣ (ишқия): иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ошиқона дорад... Шоир бо ишора ба он ки ӯ ишқиясаро (лирик) аст, на ҳамосасаро (эпик) ва бо такя бар қавле, ки «ки фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст», фармудааст, ки «аз дарахти себ-себ аз ток-ангур бояд талаб кард», на баръакси онро, яъне, ки аз ӯ мунтазири

[17] Ҳокими Азиз. Гуфтугӯ бо Лоиқ. – С. 30-31.
[18] Маснавии маънавӣ. –Теҳрон:Нашри замон, 2001. –С.256.

гуфтани ишқия бояд буд, на шеъри достониро. Комилан тасодуфӣ нест, ки гӯянда яке аз шеърҳояшро «Руҷӯи достоне, ки ҳаргиз наметавонам навишт» номгузорӣ кардааст. Вай ҳамчунин фармудааст:

*Ман аз азал ки шоири ошиқ расидаам,*
*Аз хомаам таровиши нақши азал расад»*[19]

Албатта, ин ҳама суханон дар мавриди ин ду устоди шеъри муосир дурустанд, аммо нигаронӣ ва ташвиши мо дар он аст, ки имрӯз ин устодонро, алалхусус устод Лоиқро мисли Аҳмади Дониш, устод Айнӣ мулло, руҳонӣ сохтанианд ва месозанд. Хайрият, ки падари устод Лоиқ деҳқон будааст, на хоҷаву сайидзодаву қозӣ вагарна аз ӯ сайидзода, эшонзода, аҳрорзода, раисзода, ҳокимзода, ашрофзода, арбобзода ва ғайра месохтанд. Ба ҳарфи дигар, Лоиқро аз шоири миллӣ ба шоири мазҳабӣ, исломӣ табдил додан, шурависитез, муқовиматгар сохтан, мулло, миллигаро кардан шурӯъ шудааст. Барои намуна ин фикрро аз гуфтори Сафар Абдулло, ки зери таъсири сиёсати исломии охундҳо, идеологҳои исломӣ-Шариативу Мутаххарӣ ва дигарон амал менамояд, нақл менамоем, ки пас аз маргаш барои исботи диндории ӯ аз худ бофтааст: «Устод Лоиқ дӯст надошт, ки ҳарф бизанад, вале марди амал буд… Шоире шӯридадил ва шӯридаҷон, вале сахт боимон буд. Бо имон ба маънии воқеии ин вожа. Боре дар мавзуи имон ва беимонӣ бо устод суҳбате доштам, бисёр ҷолиб буд. Устод байтеро аз шоире хонда буд, ки ҳамон лаҳза дар зеҳнам нишаст:

*Мусулмоне, ки ӯ имон надорад,*
*Тане дорад, валекин ҷон надорад»*[20].

---

[19] Абдунабӣ Саторзода. Аз Рӯдакӣ то Лоиқ. – Душанбе:Адиб, 2013- С .-99.
[20] Марсияи хуршед (Сӯгномаи устод Лоиқ). М. 2001. – С. 30-31

Алиасғари Шеърдӯст дар пешсухани «Гулчини ашъори Лоиқ Шералӣ» чунин менависад: «Таърихи қавми порсӣ (тозик-тоҷик), ба муқтазои қарор гирифтан дар мултақои ақвом, миллатҳо, кишварҳо, фарҳангҳо ва тамаддунҳои гуногун, таърихест оганда аз кашокаш, ҳамла, ҳуҷум, ҳамбастагӣ, гусастагӣ, пирӯзию шикаст. Дар камтар даврае ин миллати мусулмон рӯи осоишу оромиш ба худ дидааст».[21] Мирзо Шукурзода дар китоби «Ҷонпайванд» мегӯяд: «Режими вақт иҷозат намедод, ки адибон андешаи милливу исломиро дар сар бипарваронанд ва ин мавзуъро дар адабиёт матраҳ созанд… Мубаллиғони идеологияи коммунистӣ аз садои суханоне чун Худо, Қуръон, Муҳаммад (с) ва асомии дигар анбиёву авлиё чун ҷин аз зикри бисмиллоҳ ор ва бим доштанд… Аммо тавассути аввалин сурудаҳои устод Лоиқ баъд аз мурури 50-60 сол хонандагони тоҷик оҳиста-оҳиста шоҳиди зинда гардидани корномаи қаҳрамонони миллӣ, эҳёи асомии муқаддас (Худо, Қуръон, Муҳаммад, анбиёву авлиё… - Ҷ.С.), ки дар боло зикр шуд, мегарданд:

*Падарам, эй падари деҳқонам,*
*Ту ҳамехостӣ деҳқон бошам.*
*Наравам як қадам аз деҳ берун,*
*Бандаи мазҳабу имон бошам.*
*Ту ҳамхостӣ Қуръон хонам,*
*Ки аз ӯ маърифате боло нест.*
*Ту ҳамехостӣ мулло бошам,*
*Баски дар деҳа ягон мулло нест…*

Дар шеъри «Мӯйсафедон» низ то ҳудуде обуранги мазҳабӣ бахшидааст. Ба зикри бисмиллоҳ, омин, Худо ва Муҳаммад мепардозад, ки дар он рӯзгор сояи ин номҳоро ба тир мезаданд:

---

[21] Гулчине аз ашъори устод Лоиқ Шералӣ. – Теҳрон, 1993. – С.8

*Наёбад ҳеҷ кор огозу анҷом,*
*Ба деҳа бе ризои мӯйсафедон.*
*Диҳад огоз бисмиллоҳи онҳо,*
*Шавад анҷом бо омини онон.*
*Гузоранд охирин мерос аз худ,*
*Ба фарзандони худ панду насиҳат:*
*Ту аввал ёб худро, пас Худоро,*
*Гар аз худ монӣ, монӣ аз Худо ҳам,*
*Чунин фармуд дар Қуръон Муҳаммад.*[22]

Муҳаммадалӣ Аҷамӣ, ки намояндаи тамомиёри шеъри ирфонӣ буд, низ аз устод Лоиқ шоири ориф месозад, ки дар ақли кас намегунҷад ва дур аз мантиқу инсоф аст. Ба қавли ӯ, «Лоиқ Шералӣ мекӯшад ҳамчун Мавлонои бузург ба ишқ бингарад ва бо ишқ сухан бигӯяд.

*Ноком будам, ту комронам кардӣ,*
*Гумном будам, ту достонам кардӣ.*
*Гӯйӣ, ки расида буд поям лаби гӯр,*
*Бо ишқи ҷавони худ ҷавонам кардӣ.*

Дар ин абёт устод Лоиқ чун Мавлоно ба ишқ менигарад ва мегӯяд, ман аввал набудам ва ишқ омад, маро ҳаст кард. Вожаи «ноком» бар маънии набудан ва беҳис аст ва устод бар он ишорат мекунад, ки то ишқ омад, нашъат ва лаззати ҳастиро дарёфтам ва баёни аз «ишқ комрон шудам» бар маънии аз ишқ дубора халқ шудам ва ин халқ шудан бар маънии халқ гардидани маънавӣ ва ирфонист».[23]

«Дар робита ба чунин қазоват ва натиҷагириҳо таъкиди нуктаеро лозим медонем ва он иборат аст аз ин ки шабоҳати зоҳирие, ки дар маънӣ ва тасвир миёни шеъри шоирони имрӯзаи тоҷик, аз ҷумла Лоиқ ва шеъри шоирони сӯфие,

---

[22] Мирзо Шукурзода. Ҷонпайванд. – Д.:Адиб, 2006. – С. 219-226.
[23] Қаламрави шеъри Мавлоно. – Д.: Маориф, 2016. – с. 241.

мисли Мавлавӣ, ҷой дорад, ҳамчунин мавҷуд будани зикри Худо, паёмбар, Қуръону Ҳафтяк, сура, оят, дарвешу дарвешӣ, худию бехудӣ, шӯридагӣ, девонагӣ, хилқати риндона, мастӣ ва ғайра ҳанӯз маънои онро надорад, ки шеъри Лоиқ ва шоирони муосири дигаре ирфонист ё мазҳабӣ, зеро дар онҳо ин маънию тасвирҳо, калимаву таркибҳо, мафҳуму истилоҳот муҳтаво ва моҳияти заминӣ, воқеӣ доранд, на ирфонию динӣ. Худи Лоиқ дар яке аз охирин мусоҳибаҳои телевизионияш, дар барномаи «Суҳбати мардона», дар ҷавоб ба саволи гардонанда аз хусуси он ки «касе ба мақолаи Алиризо Қазва ҷавоби сазоворе нагуфт. Шумо дар замина чӣ назар доред?», бо сароҳат изҳор намуда буд, ки «Қазва фармудааст, ки «дар шеъри тоҷикӣ мазмунҳои динӣ вуҷуд надорад. Ҳамин тавр аст, зеро муҳити зиндагӣ дар Тоҷикистон 70 сол коммунистӣ буд. Барои ҳамин ҳам дар ҳамин замина бояд дар бораи шеъри муосири тоҷикӣ қазоват кард ва набояд меъёрҳои барои мо бегонаро таҳмил кард». Ҷавоби шоир ба саволи дигар дар бораи он ки «вақте ки шумо дар бораи ишқ мегӯед, пеш аз ҳам, чиро дар назар доред?» аз ин лиҳоз басо ҷолиб мебошад. Ӯ мегӯяд: «Пеш аз ҳама, ишқи байни зану мардро», хосса дар шеър, «пеш аз ҳама, аз ишқи воқеъии инсонӣ ва таъкид намудааст, ки «ишқи ӯ заминист, ба занон аст»,[24] яъне ишқи ӯ ишқи осмонӣ нест. Бад-ин маънӣ худи устод Лоиқ дар шеърҳояш низ сухан гуфтааст, аз ҷумла дар шеъри «Ишқи ман»:

*Эй ишқи ман, эй ишқи ман,*
*Дар осмон ҷустам туро,*
*Бигзаштам аз сад баҳру бар*
*Дар сад ҷаҳон ҷустам туро.*

---

[24] АбдунабӣAtторзода. Аз Рӯдакӣ то Лоиқ. – Душанбе: Адиб, 2013. –С. 143-144.

*Пайдот кардам дар замин –*
*Дар чашми ёри маҳҷабин.*

*Эй ишқи ман, эй ишқи ман,*
*Ҳар ҷо нишонат кофтам.*
*Рафтам ба пушти кӯҳи Қоф,*
*Аз бекаронат кофтам.*

*Пайдот кардам дар замин –*
*Дар чашми ёри маҳҷабин…*[25]

Лиҳозо аз устод Лоиқ адиби ориф, сӯфӣ, муқовиматгаро, зиддишӯравӣ сохтан ва ғайра як кори бефоида, яъне об ба ҳован кӯфтан аст. Беҳуда шодравон Худой Шарифзода дар мақолаи «Шоири бузург», ки ба устод Лоиқ ихтисос дода шудааст, намегӯяд: «Баъзеҳо гумон мебаранд, ки бо истифода аз тарокибе таҳқирӣ ва мункирӣ дар баробари адабиёти замони шӯравӣ аз сухани шуаро ва мафкураи истибдодиаш масъала ҳал мешуда бошад. Бояд ин қазия аз эътибор соқит набошад, ки шоирони дар мактаби шӯравӣ тарбияёфтаи тоҷик, шурӯъ карда аз Мирзо Турсунзодаю Мирсаид Миршакар, насли баъди ҷанг ва онҳое ҳам, ки дар солҳои шастуми садаи бистуми мелодӣ ба майдони адабиёт омаданд, ки Лоиқ Шералӣ аз ҷумлаи онҳост, ё коммунистони эътиқодӣ буданад ё ба ҳадди ақал ақидаву андешаи хилофи давлату мафкураи ҳоким надоштанд… Барои банда аҷиб аст, сухани касоне, ки падидаҳои хилофи созмони сиёсӣ ва идеологии шӯравиро аз шеърҳои дар он замон навиштаи Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон ҷустуҷӯ мекунанд… Дар адабиёти аҳди шӯравӣ ҷустану пайдо кардани як равияи адабии муқовимат кори ғалат буда, дар шинохти мазмуну маънии адабиёти замони шӯравӣ ба натиҷаҳои илмӣ оварда намерасонад»[26].

[25] Лоиқ. Девони дил. – Душанбе: Адиб, 2006. – С. 337.
[26] Худой Шарифзода. Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 302.

**Меҳр СОБИРИЁН**
*иқтисодшинос*

## МУҲИТ ВА ШАРОИТИ РУШДИ ДАВЛАТҲО ДАР ДОИРАИ СОЗМОНҲОИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ

Низоми сармоядорӣ бо вуҷуди ҳама каму костҳои худ бартарияти худро нисбати дигар низомҳо нишон додааст. Таҳрикдиҳандаи асосии рушди иқтисодӣ дар ин низом рақобати озод мебошад. Рақобат барои ба даст овардани захираҳои маҳдуди ҷаҳонӣ ширкатҳову давлатҳоро водор месозад, ки ҳамаи унсурҳои низоми сармоядориро тақвият дода, дар баробари рақибон истодагарӣ намоянд ва саҳми бештар дар бозори ҷаҳонӣ дошта бошанд. Дар воқеъ, сиёсати дурусти рақобатнокии иқтисодиёт нақши марказиро дар самаранокии он иҷро менамояд [2]. Дар ин майдон давлатҳои бузург бо доштани бозори васеъи дохилӣ аз имкониятҳои иқтисодиёти ҳаҷм истифода карда, маҳсулоти худро босифаттар месозанд ва бо нархи арзонтар ба бозори ҷаҳонӣ бароварда, мавқеи дигаронро танг месозанд. Онҳо имконияти бештари рушд дошта, сатҳи зиндагии шаҳрвандон ва иқтидори давлати хешро боло мебаранд. Давлатҳои кӯчактар барои истодагарӣ кардан бо онҳо созмонҳои интегратсионии иқтисодӣ ташкил карда, имкониятҳои худро бо давлатҳои бузург баробар месозанд.

Дар чанд даҳсолаи охир кишварҳои зиёд ба ташкили созмонҳои интегратсионии иқтисодӣ, барои васеъ кардани имкониятҳои рушди иқтисодии худ ва рақобатпазир намудани ширкатҳои ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ даст задаанд. Муваффақтарини онҳо Иттиҳоди Аврупо, Тавофуқномаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ ва Иттиҳоди кишварҳои

Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ мебошанд, ки ҳар кадом дар сатҳи муайян ҳамгироии кишварҳои алоҳидаро ба роҳ андохтааст. Доманаи сатҳи ҳамгироиҳо дар чунин созмонҳо аз минтақаи имтиёзноки тиҷоратӣ, минтақаи тиҷорати озод, иттиҳоди гумрукӣ, иттиҳоди иқтисодӣ то иттиҳоди иқтисодиву асъорӣ густариш дорад [1, саҳ. 289].

Минтақаи имтиёзноки тиҷоратӣ шакли ҳамгироиест, ки дар он маҳдудиятҳои тиҷоратӣ миёни кишварҳои аъзо кам карда шудаанд. Яке аз мисолҳои ин чунин созишномаи ҳамгироиро Британияи Кабир соли 1932-юм бо кишварҳои мустамликавии худ баста буд [1, саҳ. 289].

Аз он замон то имрӯз созишномаҳои зиёде барои ташкил кардани Минтақаҳои имтиёзноки тиҷоратӣ баста шудаанд, ки як қисми онҳо ноком буданд ва як қисми дигар тақвият ёфта, ба зинаҳои болотари ҳамгироии иқтисодӣ расиданд.

Минтақаи тиҷорати озод шакли ҳамгироии иқтисодиест, ки дар он ҳама маҳдудиятҳо барои тиҷорат миёни кишварҳои аъзо бардошта шудаанд, вале онҳо имкон доранд ба таври худ қавонини гумрукиро бо дигар кишварҳои ҷаҳон муайян намоянд [1, саҳ. 289]. Чунин созишномаи ҳамгироии иқтисодиро соли 1993-юм Канада, ИМА ва Мексика баста будаанд, ки то имрӯз вуҷуд дорад ва кишварҳо аз он манфиат мегиранд. Махсусан, Мексика тавонист дар доираи имконоти ин созишнома саноати худро бо суръати баланд рушд дода, ба 20-гонаи бузургтарин иқтисодҳои ҷаҳон расонад.

Иттиҳоди гумрукӣ ба монанди Минтақаи тиҷорати озод ҳама маҳдудиятҳои тиҷоратиро миёни кишварҳои аъзо мебардорад ва илова бар ин, сиёсати ягонаеро дар баробари муайян кардани тарифҳои гумрукӣ бо кишварҳои боқимондаи ҷаҳон дорад [1, саҳ. 290]. Мисоли равшани он Иттиҳоди гумрукии Белорус, Федератсияи Русия ва Қазоқистон мебошад, ки соли 2010-ум ташкил шуда буд.

Дар Иттиҳоди иқтисодӣ дар баробари тиҷорати озод миёни аъзо, сармоя ва қувваи корӣ низ озодона ҳаракат карда метавонад. Кишварҳои собиқ Шуравӣ дар доираи ИДМ натавонистанд ба чунин зинаи ҳамгироӣ расанд, вале дар соли 2015-ум дар пояи Иттиҳоди гумрукии зикргардидаи хеш Иттиҳоди иқтисодии Авруосиёро роҳандозӣ намуданд, ки ба он Белорус, Федератсияи Русия, Қазоқистон, Арманистон ва Қирғизистон ворид гаштаанд. Тоҷикистон дар ҳоли омӯзиши имкониятҳои пайвастан ба ин иттиҳод мебошад.

Иттиҳоди иқтисодиву асъорӣ шакли болотарини ҳамгироии иқтисодӣ мебошад, ки дар он ба замми ҳама имкониятҳои Иттиҳоди иқтисодӣ пули ягона низ вуҷуд дорад. Мисоли равшани он Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки намунаи ибрат барои тамоми кишварҳои ҷаҳон гаштааст. Ҳарчанд баъзе кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ба минтақаи пулии Евро дохил намешаванд, вале аксари аъзои он ворид гаштаанд ва ин иттиҳодро метавон Иттиҳоди иқтисодиву асъорӣ номид.

Иттиҳоди Аврупо тавонист аз зинаи поёнтарини ҳамгироиҳои иқтисодӣ шуруъ карда, дар муддати тақрибан ним аср ба болотарини он расад. Соли 1952-юм кишварҳои Белгия, Олмон, Фаронса, Италия, Люксембург ва Нидерландия Созмони ангиштсанг ва оҳанро ташкил доданд. Ин аввалин гомҳо барои ҳамгироӣ миёни кишварҳои Аврупо баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон буд, ки дар баробари рушди иқтисодӣ ҳадафи пешгирии такрори ҷангҳоро дар ин минтақа низ дошт. Ин созмон дар соли 1958-ум ба Ҷомеаи иқтисодии Аврупо табдил ёфт, ки акнун ҳадафҳои бузургтар дошт ва ба сӯйи бозори ягонаву иттиҳоди гумрукӣ ҳаракат мекард. Саранҷом дар соли 1992-юм он ба Иттиҳоди Аврупо табдил ёфт, ки аллакай 12 аъзо дошт ва дар баробари шаш кишвари номбаршуда Британияи Кабир, Ҷумҳурии Ирландия, Испания, Португалия, Юнон ва Дания низ дохил шуданд. Ин як

Иттиҳоди иқтисодӣ буд, ки дар он тиҷорати озоди ҳама молу маҳсулот ва ҳамчунин ҳаракати озоди сармояву қувваи корӣ таъмин карда шуда буд. Баъдан дар соли 1999-ум пули Евро ба муомилот бароварда шуд, ки дар муддати тақрибан се сол ин иттиҳодро ба як Иттиҳоди иқтисодӣ ва асъорӣ табдил дод. Имрӯз ин иттиҳод 27 аъзо дорад ва намунаи як ҳамгироии муваффақи иқтисодии минтақавӣ мебошад. Ин иттиҳод бо доштани 448.4 миллион нафар аҳолӣ [3] дар 1-уми январи соли 2023-юм ва ММД-и баробар ба 16.75 триллион доллари ИМА [4] дар соли 2022 ба яке аз бузургтарин бозорҳои ҷаҳон мубаддал гашта, мавқеи иқтисодиву сиёсии хешро дар сатҳи ҷаҳонӣ то ба дараҷаи баланд расонидааст.

**Ҳадафҳои созмонҳои интегратсионии иқтисодӣ**

Ҳадафи асосии ба роҳ мондани ҳамгироиҳои иқтисодӣ миёни кишварҳои як минтақа рушди босуръати иқтисодӣ ва дар заминаи он таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ мебошад. Илова бар ин, ҳадафҳои сиёсӣ низ дар онҳо дида мешаванд, ки ин ҳадафҳо пешгирии ҷангу мухолифатҳои мусаллаҳона дар минтақа ва ҳифзи озодиву ҳуқуқи инсонҳо аст. Маълум аст, ки як давлати аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда наметавонад зиндагии шоистаро барои мардуми худ таъмин намояд ва ҳуқуқу озодиҳои онҳоро ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар таъмин намояд. Ин аст, ки рушди иқтисодӣ ва баланд бурдани иқтидори иқтисодии давлат дар баробари ба роҳ мондани созмонҳои ҳамгироӣ ҳамчун ҳадафи асосӣ шинохта мешавад. Ба ғайр аз ин, чунин созмонҳо ҳадафҳои васеи дигар низ доранд. Масалан, Иттиҳоди Аврупо ҳадафҳои зеринро дар пеш гузоштааст.

Ҳадафҳои дохилии Иттиҳоди Аврупо:

- Пешбарӣ кардани сулҳ, арзишҳои созмон ва беҳзистии шаҳрвандон;

- Ироаи озодӣ, амният ва адолат бидуни марзҳои дохилӣ, ҳамчунин гирифтани тасмимҳои муносиб дар берун барои танзими паноҳандагиву муҳоҷират ва мубориза бо ҷинояткорӣ дар хориҷ аз марзи созмон;
- Эҷоди бозори дохилӣ;
- Ба даст овардани рушди устувор дар асоси пешрафти иқтисодии фарогиру устувории нархҳо ва иқтисоди бозории рақобатпазир бо таъмини шуғли пурраи аҳолӣ ва рушди иҷтимоӣ;
- Ҳифз ва беҳтар кардани сифати муҳити зист;
- Пешбарии прогресси илмӣ ва технологӣ;
- Мубориза бо табъиз ва фишори иҷтимоӣ;
- Пешбарии адолати иҷтимоӣ ва ҳимоят, баробарии зану мард ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон;
- Пурзур намудани ҳамбастагии иҷтимоиву минтақавӣ байни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо;
- Эҳтиром ва ҳифзи гуногунии фарҳангӣ ва забонӣ;
- Ташкили иттиҳоди иқтисодиву асъории он кишварҳое, ки дар муомилоти дохилӣ пули евро истифода мебаранд.

Ҳадафҳои Иттиҳоди Аврупо дар берун аз созмон:

- Ҳифз ва пешбарии арзишҳо ва манфиатҳои созмон;
- Саҳмгузорӣ дар сулҳу амният ва рушди устувор дар курраи Замин;
- Саҳмгузорӣ дар ҳамбастагӣ ва эҳтироми мутақобила миёни миллатҳои гуногун, тиҷорати озод ва адолатмеҳвар, решакан кардани камбизоатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон;
- Риояи бечунучарои қонунҳои байналмилалӣ [5].

Иттиҳоди кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ низ ҳадафҳои худро дар эъломияи ASEAN овардааст, ки ба таври зер мебошанд:

- Суръат бахшидан ба рушди иқтисод, пешрафти иҷтимоӣ ва рушди фарҳангӣ дар минтақа, ба воситаи

талошҳои муштарак дар руҳияи баробариву шарикӣ ҷиҳати пурзур сохтани бунёду асос барои расидан ба ҷомеаи рӯ ба тараққӣ ва сулҳпарвари Миллатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ;

- Пешбарии сулҳ ва устуворӣ тариқи риояти эҳтиром ба адолат ва ҳокимияти қонун дар равобити байни кишварҳои минтақа ва пойбандӣ ба усулҳои Оиномаи СММ ;
- Пешбарии ҳамкориҳои зич ва кумаки ҳамдигарӣ дар мавзуъҳои мавриди алоқаи муштарак дар заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, техникӣ, илмӣ ва идорӣ;
- Кумаки ҳамдигар дар беҳтар намудани имконоти омӯзишу пажуҳиш дар бахшҳои маориф, такмили ихтисос ва пешбурди технологиву идорӣ;
- Ҳамкории самараноки бештар барои ташвиқи рушди зиёдтар дар бахшҳои кишоварзӣ, саноат ва тиҷорат. Ин ҳамкорӣ беҳбудбахшии соҳаҳои нақлиёту коммуникатсия ва тадқиқоти бозори ҷаҳонӣ бо ҳадафи болобарии сатҳи зиндагии мардуми Иттиҳоди кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқиро дар бар мегиранд;
- Пешбарии пажуҳишҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ;
- Нигаҳдории ҳамкории зичу мутақобилан судманд бо созмонҳои байналмилаливу минтақавии дорои ҳадафҳои муштарак ва дарёфти роҳҳо барои боз ҳам бештар намудани ҳамкориҳо миёни кишварҳои аъзо [5].

Аз ҳадафҳои дар пеш гузоштаи ин ду созмони интегратсионӣ дида мешавад, ки кишварҳои аъзои онҳо мехоҳанд дар якҷоягӣ бо ҷаҳони боқимонда рақобат намуда, иқтисоди худро боло баранд ва сатҳи зиндагонии мардумашонро ба дараҷаи болотарин расонанд. Барои ба ин ҳадафҳои асосӣ расидан онҳо ҳадафҳои дигарро низ дар пеш гузоштаанд, ки бевосита ба амният ва беҳзистии аҳолӣ рабт доранд. Ба мисли таъмини сулҳи пойдор, ҳифзу беҳтарсозии муҳити зист, ҳамкориҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва маориф,

таъмини адолати иҷтимоӣ, ҳифз ва густариши арзишҳои фарҳангӣ, ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва ширкатҳои аъзои созмон дар сатҳи байналмилалӣ. Дар ин миён рушди фарогири ҳама кишварҳои аъзо яке аз ҳадафҳои асосӣ мебошад, ки ба даст овардани он хеле мушкил аст. Ҳатто Иттиҳоди Аврупо бо сарфи миллиардҳо евро барои дастгирии кишварҳои аъзои худ, ки ба мушкилоти иқтисодӣ рӯ ба рӯ шудаанд, натавонистааст ин ҳадафро то имрӯз ба даст оварад. Ҳоло ҳам рушди кишварҳои аъзои ин созмон фарогир нест ва ин боиси аз миён рафтани саноат дар баъзе кишварҳои он гаштааст, ки ҳар муддат ба бурҳонҳои иқтисодӣ гирифтор мегарданд ва аз буҷети Иттиҳоди Аврупо дастгирӣ карда мешаванд. Бо вуҷуди ин Иттиҳоди Аврупо бо харҷи маблағҳои зиёд ин ҳадафро пайгирӣ дорад ва ҳар созмони дигар ҳам маҷбур аст барои расидан ба ҳадафҳои асосии худ рушди фарогирро дар ҳудуди худ таъмин намояд.

### Манфиатҳои эҳтимолӣ аз ҳамгироии иқтисодӣ

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки на ҳама созмонҳои ҳамгироии иқтисодӣ ба манфиати аъзои он буда метавонанд. Чандин шартҳои ҳатмӣ вуҷуд доранд, ки бояд аз ҷониби ҳамаи аъзои чунин созмон бе чунучаро риоя гардад, то ин раванд ба манфиати ҳамагон анҷом ёбад. Ба монанди эҳтироми баробари якдигар, аз миён бардоштани бузургманишии кадом як аъзои бузургтар, ба роҳ мондани низоми додгоҳии воқеан мустақил ва банақшагирӣ ва иҷрои барномаҳое, ки рушди фарогирро дар кишварҳои аъзо таъмин менамоянд. Дар ҳолати ба роҳ мондани як низоми адолатмеҳвар ҳамгироии иқтисодӣ метавонад барои кишварҳои аъзо ва ҳамчунин барои боқимонда кишварҳои ҷаҳон манфиатовар бошад. Дар акси ҳол чунин созмон ба манфиати ҳама аъзои он нест ва ба эҳтимоли зиёд барҳам мехурад ё танҳо дар қоғаз

боқӣ мемонад ва дар амал ҳар кишвари аъзо дар алоҳидагӣ манфиатҳои худро пайгирӣ мекунад.

Ташкил кардани созмони ҳамгироии иқтисодӣ чунин манфиатҳои эҳтимолиро барои аъзои худ дорад:

- харочоти зиёд барои нигаҳдории дидбонгоҳҳои гумрукии ҷойгиршуда дар марзи кишварҳои аъзо ва мубориза бар зидди қочоқи молу маҳсулот аз байн меравад ё камтар мешавад;
- ҳамчун бозори ягонаи бузургтар, кишварҳои аъзо дар гуфтушунидҳои тиҷоратӣ бо дигар кишварҳои ҷаҳон мавқеи мустаҳкамтар пайдо менамоянд;
- ба миён омадани рақобати зиёдтар ба қавӣ шудани ширкатҳо ва азнавсозии технологияҳои истеҳсолӣ оварда мерасонанд, ки дар натиҷа маҳсулоти саноатии ширкатҳои дохили созмонро дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир месозад;
- паст шудани нархҳои истеъмолӣ тавассути истифода аз имконоти иқтисодиёти ҳаҷм дар бозори бузургтар ва беҳтар намудани технологияи мудирият ва истифодаи босамартари дигар воситаҳои истеҳсолот низ рақобатпазирии иқтисоди кишварҳои аъзои созмонро боло мебарад;
- ангезаи сармоягузорӣ дар қаламрави созмони интегратсионӣ зиёд мегардад ва сармоягузорони дохилӣ барои пузур кардани мавқеи худ дар бозори бузургшуда сармоягузории иловагӣ мекунанд ва ширкатҳои байналмилалӣ барои рақобатпазир будан дар ин бозор сармоягузорӣ менамоянд ва зербахшҳои худро дар дохили созмон мекушоянд;
- ҳаракати озоди қувваи корӣ ва сармоя миёни кишварҳои аъзо истифодаи самараноктари захираҳоро таъмин менамояд ва ғайра.

Вазъи иқтисодиву иҷтимоии ҳар кишвар пеш аз ворид шудан ба як Созмони ҳамгироии иқтисодӣ манфиатҳои

ояндаи онро муайян месозад. Кишварҳое, ки дар ин лаҳза саноати нисбатан пешрафта доранд ва технологияи мудирияти самаранокро ба роҳ мондаанд, метавонанд аз васеъшавии бозор истифода бурда, маҳсулоти бештар истеҳсол намоянд. Илова бар ин, ашёи хомро аз кишварҳои дигари аъзо бе маҳдудиятҳои гумрукӣ дастрас намуда, арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолкардаи худро поёнтар баранд ва дар миқёси ҷаҳонӣ рақобатпазир гарданд. Кишварҳои нисбатан ақибмондае, ки бештар ба истеҳсоли маҳсулоти кишварзӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок машғул ҳастанд, дар навбати худ ба бозори гармтари кишварҳои саноатии аъзои созмон дастрасии осонтар пайдо менамоянд. Онҳо имкони истифодаи имконоти бавуҷудомадаро ҷиҳати саноатикунонии иқтисоди хеш, ҳангоми пайвастан ба чунин созмонро пайдо мекунанд, вале то куҷо аз чунин имконият истифодаи дуруст карда метавонанд, мавриди суол боқӣ мемонад. Кишварҳое, ки тули даҳсолаҳо дар алоҳидагӣ натавониста бошанд, ки мудирияти дурусту ҳисобиро ба роҳ монда, саноати худро бунёдгузорӣ кунанд, эҳтимол дорад аз имконоти пешомада аз пайвастан ба як созмони ҳамгироии иқтисодӣ низ дуруст истифода бурда натавонанд. Магар ин ки ислоҳоти бунёдии сиёсиву фарҳангиро ба роҳ монда бошанд. Маълум аст, ки дар аксар кишварҳои рӯ ба инкишоф, фарҳангу арзишҳои "муқаддас" омили асосии ақибмондагии онҳо мебошад, ки ин ислоҳоти бунёдӣ дар ин ҷомеаҳо анқариб номумкин аст. Аз ин рӯ, пайвастани чунин кишварҳо ба Созмонҳои ҳамгироии иқтисодӣ манфиати калон оварда наметавонад. Баръакс, озодии ҳаракати қувваи кориву сармоя ваъзи ин кишварҳоро бадтар карда метавонад. Чунки мутахассисон аз имконоти бамиёномада истифода карда, ба кишварҳои нисбатан пешрафтаи созмон мераванд ва раванди "фирори мағзҳо" ваъзро бадтар месозад. Ҳамчунин, сармоядорон маблағҳои

худро ба дигар кишварҳои аъзои созмон, ки муҳити сармоягузории беҳтар доранд, мебароранд, ки зарбаи дигаре ба чунин кишварҳо хоҳад буд. Бинобар ин, ҳар як кишвар маҷбур аст, то ворид шудан ба кадом як Созмони ҳамгироии иқтисодӣ, бо ба роҳ мондани ислоҳоти бунёдӣ, шароити кору зиндагии аҳолӣ ва муҳити сармоягузории худро ҳадди ақал ба дигар кишварҳои минтақа баробар созад ва ҳангоми пайвастан онҳоро тақвият додан гирад. Вагарна, пайвастан ба чунин созмон ба давлат манфиат оварда наметавонад.

## Мушкилоти бархоста аз пайвастан ба Созмонҳои ҳамгироии иқтисодӣ

Дар баробари имкони хуби рушду тараққӣ, пайвастан ба Созмонҳои ҳамгироии иқтисодӣ мушкилоти муайянеро низ дар пай дорад. Агар ҳукумати як кишвар натавониста бошад, ки муҳити хуби сармоягузорӣ ва кору зиндагиро дар дохил, пеш аз ворид шудан ба чунин созмонҳо, таъмин кунад, фирори сармоя ва мутахассисон он кишварро ба як манбаи доимии ашёи хом барои дигар кишварҳои аъзо мубаддал месозад. Илова бар ин, ширкатҳои заифи ватанӣ наметавонанд ба рақобати шадиди бамиёномада дар натиҷаи пайвастан ба бозори бузурги созмон тобоварӣ кунанд. Онҳо ё муфлис шуда аз миён мераванд ва ё ба кишварҳои дигари аъзои созмон, ки муҳити беҳтари сармоягузориву соҳибкориро доранд, куч мебанданд.

Агар давлат тавонад то дараҷаи лозимӣ иқтисодро барои пайвастан ба як Созмони ҳамгироии иқтисодӣ омода созад, хатарҳо камтар мегардад, вале боз ҳам хатари маҳдуд шудани истиқлолияти иқтисодиву молиявӣ вуҷуд дорад. Дигар ҳукумат наметавонад бе мувофиқа бо дигар кишварҳои аъзои созмон сиёсати макроиқтисодии худро дигар кунад, то иқтисоди кишвар дар баробари бухронҳо истодагарӣ кунад. Дар танзими соҳаҳои ҳаётан муҳиме, ки асосан дар

монополияи давлат ҳастанд, ба монанди энергетика, обу корезӣ, таъминоти гармӣ ва ғайра, ҳамчунин дастгирии хоҷагии қишлоқ, тарифҳои гумрукӣ, шарту шароити рақобатнокӣ дар бозор давлат истиқлоли худро қисман аз даст медиҳад ва бе ҳамоҳангӣ бо дигар кишварҳои аъзои созмон наметавонад сиёсати худро пиёда созад [14].

Болоравии нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва камшавии даромадҳои гумрукӣ ба буҷаи давлат аз хатарҳои дигарӣ пайвастан ба Созмонҳои ҳамгироии иқтисодӣ мебошанд. Дар кишварҳое, ки саҳми кишоварзӣ дар иқтисоди онҳо зиёд аст ва маҳсулоти кишоварзӣ дар дохил арзонтар ҳастанд, бо бардошта шудани маҳдудиятҳо нарх боло меравад. Чунки маҳдудиятҳо бардошта шудаанд ва маҳсулоти кишварзон ба бозорҳои дигар бароварда мешавад. Ба ҳар ҳол дар дарозмуддат ин хатар кам шуда метавонад, чунки даромади кишварзон зиёд мешавад ва онҳо метавонанд бо сармоягузориҳои иловагӣ дар соҳа дар дарозмуддат истеҳсоли маҳсулотро зиёд намуда, нархро нисбатан поён фароранд. Вале масъалаи камшавии даромадҳои гумрукӣ мушкилтар аст. Ин даромадҳо дар кишварҳои рӯ ба рушд аҳамияти зиёд доранд, ки ҳангоми пайвастан ба Созмонҳои ҳамгироии иқтисодӣ ба таври назаррас кам шуда, метавонад мушкилоти иҷтимоии зиёд ба бор оварад. Чунки даромадҳои гумрукӣ дар ин ҳолат аввал ба буҷаи созмон мераванд ва аз он ҷо тибқи шартномаҳо ба буҷаи давлатҳои аъзои созмон тақсим мешаванд, ки ҳар як кишвар ҳиссаи муайяни худро дорад. Масалан, тибқи Шарнома дар бораи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё тақсимоти даромадҳои гумрукӣ ба таври зер аст[15]:




Маълум аст, ки дар ин ҷо кишварҳои бузургтар саҳми бештар доранд (ФР-85,07%) ва кишварҳои хурдтар саҳми кам (Арманистон-1,22%) ва ба эҳтимоли зиёд саҳми кишварҳо наметавонад баробар ба даромади гумрукии онҳо пеш аз ворид шудан ба созмон бошад. Ин тақсимот, аз як тараф, даромади буҷаи давлатро кам карда, мушкилоти зиёде дар ростои иҷрои масъулиятҳои иқтисодиву иҷтимоии давлат ба бор меоварад. Аз ҷониби дигар, имконияти давлатро дар танзими бозори дохилӣ ҷиҳати дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ҳифзи истеъмолкунандагон камтар месозад.

## Хулоса

Дар бозори ҷаҳонӣ рақобати хеле шадид ҳукмфармо аст. Барои пайдо кардани ҷойгоҳи худ дар ин бозор кишварҳои бузург дар дохили худ рақобати солимро таъмин карда, ширкатҳоро водор месозанд, ки сифати маҳсулот ва усулҳои идораи корхонаҳоро пайваста тақвият дода, қавӣ гардонанд. Ширкатҳои дар шароити мусоиди ватанӣ тақвиятёфта баъдан

бозори ҷаҳониро тасхир карда, рушду пешрафти босуръати иқтисоди миллиро таъмин менамоянд. Барои кишварҳои хурду миёна, ки бозори дохилии нисбатан хурд доранд, рафтан ба пайраҳаи давлатҳои бузург мушкилтар аст. Албатта, ҳастанд кишварҳои хурду миёнае, ки бе ворид шудан ба кадом як Созмони ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ иқтисоди худро қавӣ карданд ва дар бозори ҷаҳонӣ ҷойгоҳ ёфтанд. Вале шумораи онҳо андак аст ва аксарашон дар ин ва ё он зинаи тараққиёти хеш ба чунин созмонҳо пайвастанд. Чунин кишварҳои хурду миёна бештар дар ҳамбастагӣ ва ташкили бозори ягона бо кишварҳои ҳамсоя тавонистаанд, ки ба рушди босуръату устувор даст ёфта, бо кишварҳои бузург дар бозори ҷаҳонӣ рақобат кунанд.

Ҳар як зинаи ҳамгироии иқтисодӣ, сар аз минтақаи имтиёзноки тиҷоратӣ то ба иттиҳоди иқтисодиву асъорӣ, барои кишварҳои аъзо имкониятҳои навро фароҳам меоварад. Ин аз салоҳиятнокӣ, масъулиятпазирӣ ва кордонии давлатмардон аст, ки як кишвар аз пайвастан ба чунин созмонҳо суд мегирад ё зиён. Кишваре, ки то пайвастан ба чунин созмонҳо суръати рушди иқтисодии баландтар аз суръати миёнаи рушди иқтисодӣ дар ҷаҳонро надошта бошад, ё ба ибораи дигар, ҳукумате, ки дар танҳоӣ натавониста бошад, ки муҳити дурусти соҳибкориву сармоягузорӣ дар дохил муҳайё созад, ба эҳтимоли зиёд наметавонад аз имконоти созмонҳои ҳамгироии иқтисодӣ низ истифода барад. Вақте дар дохили кишвар рақобати солим таъмин карда нашудааст, ширкатҳои муайян мавқеи монополистӣ пайдо карда, наметавонанд то дараҷаи лозимӣ қавӣ шаванд ва дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир бошанд. Ин ҷо танҳо соҳаҳое истисно ҳастанд, ки кишвар дар онҳо бартарии мутлақ дорад. Вале чунин соҳаҳо хеле кам ҳастанд ва наметавонанд як кишварро бо рушди босуръату устувор таъмин намоянд.

Як созмони ҳамгироии иқтисодӣ, пеш аз ҳама, дастрасӣ ба рушди устувору босуръати иқтисодиро барои кишварҳои аъзо пайгирӣ мекунад. Вале дар асоси ин рушди иқтисодӣ ва бештар шудани имкониятҳои молиявии давлатҳо, дар зинаҳои баландтари ҳамгироӣ онҳо ҳадафҳои дигарро низ дунбол карда, давлату ҷомеаи худро қавӣ месозанд. Дигар онҳо на танҳо барои мустаҳкам кардани ҷойгоҳи худ дар бозори ҷаҳонӣ, балки бештар кардани саҳми худ дар сиёсати ҷаҳонӣ низ мубОризаи якҷоя бурда, масоили ҷангу сулҳ, фарҳанг, маорифу тандурустӣ ва ҳифзи муҳити зистро дар сатҳи ҷаҳонӣ пайгирӣ менамоянд. Яъне чунин созмонҳо на танҳо иқтисоди кишварҳоро ҷаҳонгир месозад, балки фарҳангу сиёсати онҳоро низ дар миқёси ҷаҳонӣ таъсиргузор мекунад.

Манфиатҳо аз пайвастан ба як Созмони ҳамгироии иқтисодӣ аз сарфаи хароҷоти давлатҳо дар нигаҳдории иншооту кормандон дар марзи якдигар, васеъ шудани бозори истеъмолӣ, ангезаи бештар барои навоварии технологӣ ва мудирият дар корхонаҳо, истифода аз имконоти иқтисодиёти ҳаҷм, нисбатан паст шудани нархи маҳсулот ва хизматрасониҳо, зиёд шудани ангезаи сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ва истифодаи самараноки захираҳои зеҳнӣ иборат мебошанд. Ин ҷо қайд кардан зарур аст, ки агар дар дохили як кишвар муҳити дурусти фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ вуҷуд надошта бошад, пайвастан ба чунин созмон барои давлат зиёновар аст, лекин барои аҳолии қобилияти коридошта, сабукиҳо оварда метавонад. Онҳо метавонанд барои беҳтар кардани зиндагии худ ба осонӣ ба дигар кишварҳои аъзо ҳиҷрат намуда, кору зиндагонӣ кунанд. Вале барои онҳое, ки дигар кор карда наметавонанд ва бо нафақаи давлат зиндагонӣ мекунанд, хеле мушкил мешавад. Бинобар ин, бояд ҳамеша барои пайвастан ба чунин созмонҳо омодагии ҷиддӣ гирифт, то ҳангоми пайвастан ба як Созмони

ҳамгироии иқтисодӣ аз имкониятҳои он истифода бурда тавонист.

Ҳангоми пайвастан ба як Созмони ҳамгироии иқтисодӣ хатарҳои маҳдуд шудани истиқлоли як давлат дар сиёсати макроиқтисодии хеш, идораи бахшҳои муайяни иқтисоди миллӣ ва муфлис шудани қисмате аз корхонаҳо, ки заиф ҳастанд, ҳамеша вуҷуд дорад. Илова бар ин, хатари болоравии нархи баъзе маҳсулот ва камшавии даромади буҷаи давлатӣ низ дар миён аст. Агар болоравии нарх бо пастшавии нархи маҳсулоти дигар, ки аз кишварҳои аъзои созмон ворид мегарданд, ҷуброн шавад, камшавии даромадҳои буҷаро дар солҳои аввали воридшавӣ кумаки кишварҳои аъзо метавонад ҷуброн кунад. Чунин кумакҳо дар Иттиҳоди Аврупо ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба назар мерасанд. Акнун ин аз маҳорати дипломатии як ҳукумат вобаста аст, ки то кадом дараҷа аз дигар кишварҳои аъзои созмон кумак ситонида метавонад ва хатарҳоро барои давлат ва ҷомеаи худ камтар месозад.

Дар маҷмуъ, суди пайвастани як давлат ба Созмонҳои ҳамгироии иқтисодӣ бештар аст. Агар вазъияти имрӯза ҷавобгӯи пайвастан ба чунин созмонҳо нест, нашояд аз он ба куллӣ сарфи назар кард. Беҳтар аст, ҳадаф гузошта дар як муддати муайян ислоҳоти бунёдӣ гузаронид ва омода шуд. Чунки дар танҳоӣ рақобат кардан бо иқтисодҳои бузурге, ки даҳсолаҳо боз дар бозори ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро доранд, хеле мушкил хоҳад буд. Бе воридшавӣ ба бозори ҷаҳонӣ як давлат наметавонад дар дохили худ рушди устувор дошта бошад. Вақте ҳадафи ҳар як ҳукумат дастёбӣ ба рушди босуръату устувор аст, масъалаи пасвастан ба Созмонҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ҳамеша дар мадди назар қарор дорад. Онҳо имкон доранд бо омода шудан ва пайвастан ба чунин созмонҳо аз имконоти он истифода намуда, ҳадафҳои худро

дар муддати нисбатан кутоҳ амалӣ ва барои шаҳрвандони худ шароити кору зиндагии шоистатареро муҳайё созанд. Расидан ба ҳадафҳои муштарак дар якҷоягӣ ҳамеша осонтар хоҳад буд.

### Сарчашмаҳо

1. Dominick Salvatore, International Economics: Tarde and Finance, Eleventh Edition, New Delhi-2017, 757 p.;
2. Simon Roberts, The role for competition policy in economic development: the South African experience [18.03.2024] https://www.tandfonline.com/doi/epdf/10.1080/0376835042000181499?needAccess=true;
3. Eurostat, Population and population change statistics, [30.03.2024] https://ec.europa.eu/eurostat/statistics-explained/index.php?title=Population_and_population_change_statistics#EU_population_shows_a_strong_increase_in_2022
4. Statistica, Gross domestic product of the European Union from 2011 to 2022, [30.03.2024] https://www.statista.com/statistics/279447/gross-domestic-product-gdp-in-the-european-union-eu/;
5. European Union, Aims and values, [30.03.2024] https://european-union.europa.eu/principles-countries-history/principles-and-values/aims-and-values_en;
6. Association of Southeast Asian Nations, ASEAN Aims, [30.03.2024] https://asean.org/what-we-do/;
7. Mustapha, A. H. African Union and regional economic communities: problems, benefits and prospects of collaborations for integration / A. H. Mustapha // Vestnik Volgogradskogo Gosudarstvennogo Universiteta. Seriya 4. Istoriya. Regionovedenie. Mezhdunarodnye Otnosheniya. – 2022. – Vol. 27, No. 3. – P. 279-295. – DOI 10.15688/jvolsu4.2022.3.20. – EDN UAAVTH;
8. Таалаев, Д. Преимущества и риски членства Кыргызстана в тс и ЕАЭС: энергетическая отрасль / Д. Таалаев // Реформа. – 2015. – № 4(68). – С. 35-40. – EDN YLOXRZ;

9. Овсепян, М. Л. Влияние и перспективы присоединения республики Армения к таможенному союзу и евразийскому экономическому союзу / М. Л. Овсепян // Гуманитарные науки. Вестник Финансового университета. – 2017. – Т. 7, № 5(29). – С. 13-16. – EDN ZRKRSH;
10. Габарта, А. А. Выгоды и риски вступления в еврозону для Чешской Республики / А. А. Габарта, А. Д. Новиков // Научно-аналитический вестник Института Европы РАН. – 2021. – № 3(21). – С. 110-118. – DOI 10.15211/vestnikieran32021110118. – EDN SCSCOX;
11. Butorina, Olga & Borko, Yu. (2022). Benefits of Regional Integration: Redefining the Concept. Herald of the Russian Academy of Sciences. 92. S105-S112. 10.1134/S1019331622080020;
12. Makgetlaneng, Sehlare. "Why Southern Customs Union should not be an economic community." (2014). https://cisp.cachefly.net/assets/articles/attachments/47343_why_southern_african_customs_union_should_not_be_an_economic_community.pdf;
13. Шокиров, А. А. Возможности участия Таджикистана в ЕАЭС / А. А. Шокиров // Российский внешнеэкономический вестник. – 2020. – № 3. – С. 122-134. – EDN QUCIRX;
14. Б. Н. Бровко, Выгоды и риски присоединения Кыргызской Республики к Евразийскому Экономическому Союзу, Журнал «Вестник КРСУ», 2015 год, Том 15, № 8, Стр. 19-22;
15. Лаптев Р.А., Коварда В.В., Болычева Е.А. Исследование роли таможенных органов стран ЕАЭС в обеспечении экономической безопасности национальных государств и интеграционного объединения в целом // Вестник Евразийской науки, 2021 №2, https://esj.today/PDF/48ECVN221.pdf (доступ свободный). Загл. с экрана. Яз. рус., англ.

## РАВЗАНАИ ОШНОӢ

**Нозим НУРЗОДА**
*фарҳангшинос*

# ШАХСИЯТИ ОТИФӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ

*(Мулоҳизаҳои иҷмолӣ дар ҳошияи зодрӯзи падар)*



Одатан, ҳар боре ки атрофи шахсиятҳои бузургу матраҳ меадешам ва тасмим мегирам, чанд сатреро сиёҳ кунам, маънаван ончунон заҷр мекашам, ки ногуфтанӣ. Албатта, чанд калимаву вожаеро ба ҳам ҷанг андохта, рӯйи коғаз овардан, мушкил нест, вале сар ба ҷайби ақл фуру бурда, диққат карда, мулоҳиза фармуда, чизе навиштан бароям аз аввал сахт буда ва то кунун сахт аст. Мутмаинан, хеле сахт аст. Аввалан, “фикр кардан”, ба қавли донишманди ҷаҳонӣ Алберт Эйнштейн, “мушкилтарини корҳост” ва сониян, дар мавриди наздиктарин афроду ашхоси фарҳехтаву отифӣ ва вораста аз қайдубандҳои ақидатию ҳувиятию иҷтимоию мафкуравӣ саҳифае нигоштан аз кас на танҳо қудрати ақлонию эҷодӣ, балки иродату тавонмандии отифӣ низ металабад. Ин аст, ки дар қатори соири бузургон дар бораи падари бузургворам ҳам навиштан бароям сахт гаронӣ мекунад. Бо вуҷуд, талош мекунам, ки дар ҳошияи зодрӯзи падари бузургвор – Пирмуҳаммад Нурзода (мелоди падар ба рӯзи 15 ноябр аст)

чизаке дар қолиби ёддошт ё меҳрномаи ҷашнӣ рӯйи коғаз биоварам.

Ёдам ҳаст, ки тахмин се ё чаҳорсола будам ва бо падар, ки бештар унс гирифта будам, шабҳо – то дер гоҳ интизори омаданаш мешудам ва то бозгашти ӯ аз кор бетоқатона интизорӣ мекашидам. Ҳамаро хоб мебурд ва модари бечораам (модарам – Манзураи Аҳмад (1955-2024) аз айёми туфулӣ, то замони наврасию ҷавонию миёнсолӣ нозбардори фарзандону хонавода ва дар мадди аввал нозбардори ман буд. Ёдаш бахайр ва хотираи некаш гиромӣ бод), ки аз кору бори рӯзонаи рӯзгор хеле хаста шуда, чашмонаш моили хоби ноз мегардиданд, то як поси шаб нози мани маҳмадонои бетоқатро бурдборона бардошта, хоби ширини шабонаро бар ивази шабзиндадориҳои талх дар гарав гузошта, ба силсилапурсишоти содаву дилгиркунандаам, ки ҳамагӣ ба хотири баргашти дерҳангоми падар иртибот доштанд, самимона посух медод. Падар, ки он замон ҷавон буданду неруи зеҳнию ақлонӣ ва ҷисмию бадании қавӣ доштанд, бевақт аз кор бармегаштанд ва дар бисёр маворид бо тақозои идорӣ ва умури ҷамъиятӣ дили шаб ба хона меомаданд. Мани ба истилоҳ, эркаро бидуни падар, аслан хоб намебурд ва ҳамин ки аз кор бармегашту вориди хона мешуд, ботинан хушҳолӣ мекардам, вале зоҳиран гиряро сар дода, бо ин навъ васила-приёми отифӣ эътироз ва дар айни замон эҳсосоти хушиамро таври пӯшидаву аланӣ ба намоиш мегузоштам. Падар бо ханда оғуш мекушод ва осудаву ором дар оғуши гарми падар ба хоби ноз мерафтам. Тақрибан ҳама шаб ҳол ҳамин буд, то ҷое ки кулли хонавода ба рафтори як кӯдаки сода одат карданд ва бедорхобию интизориҳои ман ба як одати маъмулӣ табдил ёфта, то шашсолагӣ идома пайдо кард. Баъзан барвақт бедор мешудаму падарро дар ҳоли тамрини пагоҳирӯзӣ ва варзиши бадании саҳарӣ медидам. Аз даруни

ҷойгаҳи хоб сар берун кашида, ба тамрини саҳарии падар таваҷҷуҳ мекардам. Ба сабаби мушоҳидаҳои мудавом, так-таки варзишу тамринҳои саҳарии падарро, ки тахмин даҳ-понздаҳ дақиқа давом мекарданд, аз ёд медонистам. Мутаассифона, ин амали падарро, ки барои саломатӣ манфиатовар аст, хеле кам такрор кардаам, аниқтараш, ҳавсалаашро надоштам.

Ба ин тариқ, бо падару модарончунон одат карда будам, ки бидуни онҳо худ ва ҷаҳони зебои тифлиро тасаввур намекардам. Самимият, отифат, наҷобат, шарофат, асолат, футувват, ҷасорат, мурувват, саховат, садоқат ва инсониятро, пеш аз ҳама, аз падару модарам омӯхтам. Ман, ки бузургфарзанди хонавода будам, фикр мекардам, ки нозбардорию эркагӣ танҳо ба шахси банда мутааллиқ аст, вале волидайн тамоми бародару хоҳарони азизам (Қурбоналӣ, Маҳбуба, Мастура, Нодира, Шарифа, Матлуба, Фозилҷон, Мутриба, Нодирҷон) ва ҳатто фарзандони писараммаам Иқболбӣ (1926-2005) – акаи Одинабек (1953-2023), акаи Давлатшоҳ (1958-2011), акаи Аъзамшоҳ (мутаваллиди соли 1961)-ро дӯст медоштанду эркагию нозҳояшонро мебардоштанд. Дар зимн, айёми туфулӣ ва наврасии мо дар муҳити мусоид ва фазои хуби хонаводагӣ, ки бо ибтикороти созандаи Бобои Мақсуди Нур (1890-1982), Бибии Иронбии Сафар (1903-1992) ва падарам Пирмуҳаммад Нурзода созмон ёфта буд, гузашт ва аз он замони тиллоӣ хотироти неки зиёде дорам. Аз ҳама муҳим, хонаводаи мо, ки аз бобою бибии падарӣ (Бобои Мақсуд ва Бибии Иронбӣ), падару модарам (Пирмуҳаммад Нурзода ва Манзураи Аҳмад), писараммаҳоям акаи Одинабек (хонумаш янгаи Нозигул, фарзандонашон Моҳира, Бунафша, Саодат, Диловар ва Султон) ва акаи Аъзамшоҳ (хонумаш янгаи Ҳамроҳ, фарзандонашон Мунира, Замира, Киромиддин, Қаландар, Нозира ва Зарифа) таркиб ёфта буд, тайи солиён дар муҳити ҳамшарикию

ҳамдигарфаҳмӣ ба сар бурдааст. Якҷо хурок мехӯрдем, якҷо телевизор тамошо мекардем, якҷо бозӣ мекардем. Фасли зимистон бибиям Иронбӣ ва модарам аз болохона ангурҳои мураттаб чида ва анорҳои таги қум кардаашонро оварда, сари дастурхон мегузоштанд ва моро ба хурдан ташвиқ мекарданд. Янгаам Нозигул доимулавқот газета мехонд ва баъзан ҳодисоти дар минтақа ва ҷаҳон иттифоқ афтодаро бароямон нақл мекард. Замони сардиҳо ва айёми зимистонӣ назди печкаи оҳанӣ нишаста, аз янгаам Ҳамроҳ хоҳиш мекардем, ки бароямон афсонаҳо гӯяд. Янгаам Ҳамроҳ китобе дошт, ки аз маҷмуаи афсонаҳо таркиб ёфта буд ва аз онҷо махсус барои мо афсонаву қиссаву ривоятҳо ҷудо намуда, хеле зебою аҷиб нақл мекард. Аҷаб рӯзҳову айёми ширине. Ёд бод, он рӯзгорон, ёд бод!

Вақте ки калонтар шудам ва ба истилоҳ, худро шинохтам, муҳаббати падару модарро зиёдтар эҳсос намудам, то ҷойе ки дарди сари волидонро таҳаммул намекардам. Рӯзҳое, ки падарам ва ё модарам бемор мешуданд, рӯзу шаб хобам намебурд ва аз Худо илтиҷо мекардам, ки тезтар ҳоли падар ва ё модарам беҳ шавад. То сиҳат ёфтани падару модар сахт бесаранҷом будам, дарун-дарун месӯхтам ва мисли мурғи парсӯхта почак мезадам. Модарам дардро таҳаммул мекард, пуртоқат буд ва бо он ки сардарди сахт азияташ медод, худро сиҳат вонамуд карда, ба кору бори хона андармон мешуд. Падарам, одатан, айёми зимистонӣ ва ё баҳорон зуком мешуданд, баъзан таб карда, ҳарорати баданашон боло мерафт ва аз тариқи хондани суруд ва қироати шеър худро таскин дода, шиддати дардро пойин мебурд. Танҳо як рӯзи истироҳат хоб мекарду халос. Рӯзҳои корӣ, бо он ки зуком ва дарди сар азияташон медод, ба кор мерафтанд. Одитарин таҳаммули дарди онҳоро надоштам.

Аз он замони туфулӣ ва марҳилаи наврасию ҷавонӣ дар симои Падар – пуштибон ва Худои хонадонро дидам. Гузашта аз ин, мушаххасоти физиологию ҳувиятию ахлоқию ҳайсиятию шахсиятие мисли тарҳи рӯйи ориёӣ, қиёфаи зебои тоҷикӣ, пайкараи қавӣ, қомати баланди диданӣ, тамкину ваҷоҳати вежаи фардӣ, иффату отифати маҳаллӣ, шеваи либоспӯшӣ, сабки сухангӯйӣ, такаллуми хуби маҳаллӣ, тарзи муомилаю муносибати инсонӣ, гаштугузори махсуси ҳаррӯзӣ, хулқу атвори накуи фардӣ, ҷасорату мардонагӣ, ғурури миллӣ ва қадамзаниҳои мунҳасир ба фарди марди кӯҳистонӣ симо ва чеҳраи падарамро дӯстдоштанӣ карда буд. Либоси шинаму муносиб дар пайкараи зебою қавии падарам гӯиё нозу ишва мекарду ифтихор мефурӯхт. Онҷунон зебо ва батартиб роҳ мегашт, ки ҳатто айёми шиддати бoрониҳои тирамоҳию баҳорӣ ва сармои зимистонӣ, ки кулли ҷодаҳо пурбарфу лоёлуд мешуданд, пойафзораш заррае лой намегирифт. Ман борҳову борҳо кӯшидам (ва то имрӯз мекӯшам), ки мисли падарам боэҳтиёт роҳ равам, то ин ки пойафзорам лоёлуд нагардад, мутаассифона, на роҳгардии падариро ёд нагирифтаму не либоспӯшии қиблагоҳиро. Мунтаҳо, дар ин замина ба натиҷае ҳам нарасидам.

Ҳанӯз даврони ҷавонӣ саводу маърифати зарурӣ, ахлоқи намунавӣ, маҳорату малакаи кордонӣ, завқи баланди бадеӣ-эстетикӣ, мавқеъгирии илмӣ ва дидгоҳи миллӣ барин хасоиси фардӣ падарамро миёни доираҳои маърифатӣ ва сиёсию мадании музофотию минтақавӣ соҳибэҳтиром гардонида буд. То имрӯз, бо он ки падарам бознишаста аст, миёни муҳитҳои сиёсию маданӣ ва мактабию фарҳангии минтақавӣ эҳтиром дорад ва табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва мардуми маҳаллӣ ӯро эҳтиромонаву муаддабона “Устод” мегӯянд. Ин гуна муроҷиати отифию самимиро нисбат ба падар зиёд

мушоҳида кардаам ва аз ин навъ эҳтироми мардуми маҳаллӣ ва музофотӣ ба шахси падар зиёд ифтихор мекунам.

Ростӣ, замони наврасию ҷавонӣ ин навъ тасаввур дар зеҳнам ҷо гирифта буд, ки агар падар пешаму пуштам бошад, аз ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз наметарсам. Вуҷуд ва ҳузури ӯро дар хонадон ҳамчун кӯҳи побарҷо тасаввур мекардам ва ҳоло ҳам, бо гузашти солҳои тулонӣ ва саду панҷоҳ дараҷа тағйир ёфтани ҷаҳонбинӣ ҳанӯз ҳам бар он тасаввур устуворам. Будани падар басанда буд, ки аз чизе натарсам ва ба мафҳумоту хиёлоти таваҳҳумие, ки замони кӯдакӣ миёни мо марсуму мутадовил буданд, эътибор надиҳаму эътиное накунам. Падар, дар назарам, на танҳо муттакою кӯҳи побарҷо, балки мушкилкушову роҳнамои хонаводаамон буду ҳаст. Солҳои мактабхонӣ – замони дар мактаби миёнаи деҳот хонданам, мулоҳизаҳои қаҳрамони романи машҳури “Се рӯзи як баҳор”-и Саттор Турсун Усмон Азизро дар бораи қудрати падарӣ ба ёд меовардам (Усмон Азиз айёми туфулиашро ба ёд оварда, ҳодисаи гурезогурези мардуми даҳаро бар асари омадани паланг нақл мекунад ва зимни нақл бар он таъкид меварзад, ки ҳама мардуми деҳ – “Паланг омад, паланг” гуён дар гурезанд ва танҳо манам, ки бо такя ба пуштувонаи хонаводагӣ -- Падар аз ҷой намеҷунбам ва ғуруру ҳаракати он ваҳшии даррандаро бидуни тарс мушоҳида мекунам. Яъне, Усмон Азизи хурдсол чун падарро дар пушт дорад, аз паланг на танҳо наметарсад, балки ба ғуруру ваҳшаташ аслан эътиное ҳам намекунад) ва худро хушбахт меҳисобидам, ки дар зери соя ва қудрати падар пинҳон шуда, худро роҳату орому осудаву беташвиш медидам. Воқеан:

Ту ҳастиву наметарсам ман аз шӯру шари дунё,
Ту ҳастиву наметарсам зи амвоҷи дили дарё,
Ту ҳастиву ҷасорат баргирифта дар дилам маъво,

Ту ҳастиву агар мушкил пайи мушкил шавад пайдо,
Надорам заррае парво!

Падари бузургвор ҳамеша бар он мекӯшид, ки фарзандон дар муҳити солими эҷодӣ ва руҳияи инсондӯстию ватанпарастӣ тарбия ёбанд. Ҳатто аз синни хурдӣ, айёми тобистонӣ ману бародарам Қурбоналиро ба пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе тамошо бурда, бо дастовардҳои миллӣ ва муҳити пешрафтаи шаҳрӣ ошно месохт. Ҳангоми сайру саёҳати тобистонӣ дар шаҳри Душанбе, ки бо ибтикори падар иттифоқ меафтод, аз боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва муассисаҳои мадании пойтахт дидан мекардем, аз хизонаи маърифатии шаҳрӣ баҳравар мегардидем ва ҳамин тур, маданӣ шуданро меомӯхтем. Ҳатто тарзи нишасту ғизохурӣ дар тарабхонаро тавассути илтифоти падари бузургвор омӯхтем ва аз овони бачагӣ бо фарҳанги шаҳрӣ ва этикаи муоширати маданӣ шинос шудем.

Падарам, дар воқеъ, марди қавиирода, ҷасуру пурэнержӣ буд. Бо вуҷуди он ки як дар хонавода як писар буд (бобою бибиам даҳ фарзанд зода, ҳашт фарзандро бар асари бемориҳои сироятию вогир аз даст дода буданд ва танҳо як духтар – Иқболбӣ аз чанги марг дар амон монд. Баъдан, бибиям Иронбӣ дар синни чиҳилу шашсолагӣ падарамро ба дунё меоваранд), аз мушкилоту нобасомониҳои рӯзгор заррае наҳаросида, худро аз нав сохт. Аз бозе ки худро мешиносам, падарро ҳамчун шахси мубориз муқовим ва ҷасуру баирода дарёфтам. Таки танҳо пайваста алайҳи нодонӣ, ҷаҳолат, хурофоту таассуб, бефарҳангӣ, беадолатӣ, ноинсофӣ, сифлагию тамаллуқкорӣ мубориза бурда, хидмат ба мардум ва талош дар роҳи саодату хушбахтии башарро асли зиндагӣ ва меъёри рӯзгори инсонӣ талаққӣ мекунад. Дар воқеъ:

*Агарчи захмҳои зиндагӣ дар пайкараш пайдост,*
*Агарчи ӯ тани танҳову ғам бо лашкари дунёст,*
*Агарчи қисмати ширину талхаш бас хатарафзост,*
*Валекин руҳи бебокаш ба рағми сифлагӣ болост,*
*Ба сони кӯҳ побарҷост!*

Таърифи сатҳи донишу биниши падарро аз забони дигарон (ҳамкорону ҳампешагон, дӯстону шариконашон) зиёд шунида будам. Дар зимн, синфи ҳафтум мехондам, ки нахустин маротиба аз китобхонаи хонаводагӣ рисолаи дипломии падарамро дар мавзуи "Насри адабӣ-бадеии Ибни Сино" (-Душанбе: Шакли чопӣ, 1972. -161 саҳифаи чопи мошинӣ) пайдо карда, мутолеа кардам. Он замон бо мафҳуму истилоҳоти фалсафӣ ҳеҷ ошноӣ надоштам ва чун боби "Насри фалсафии Ибни Сино"-ро варақгардон кардам, бо расоили адабӣ-фалсафии "Ҳай ибни Яқзон", "Саломон ва Абсол", "ат-Тайр" дучор омадам ва бо он ки бобро чандин маротиба хондам, хеле кам фаҳмидам. Бо гаштаю баргашта мутолеаи рисолаи дипломӣ муяссарам шуд, ки баъзе нукотро пай бубарам ва аз тариқи мутолеаи рисолаи дипломӣ ва дафтари конспекти лексияҳои падар, ки аз даврони донишҷӯйиаш боқӣ монда буданд, андаке бо тарзи тафаккури илмӣ ва сабку равиши таълифоти адабӣ-фалсафӣ ошно гардидам. Баъдан, замони имтиҳоноти дохилшавӣ ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳозира ДМТ) августи соли 1991, дақиқан аз сатҳи донишу ҷаҳоншиносии падарам ба хубӣ огоҳ гардидам. Ҳангоми суҳбатҳои сароҳӣ дар хиёбони собиқи Ленин (ҳозира хиёбони ба номи устод Рӯдакии шаҳри Душанбе) дар имтидоди моҳи августи соли 1991 падар равшану озод атрофи масъалаҳои гуногуни илмию адабӣ ва таърихию сиёсӣ, ки хориҷ аз барнома-программаи мактаби миёнаи умумии вақт буданд, гуфтугӯ кард ва ҳар суолу пурсише, ки ман ба унвони довталаби мактаби олӣ аз ӯ

менамудам, содаву роҳат посух медод. Пас аз он суҳбатҳои сариҳоҳӣ нек дарёфтам, ки доираи донишу биниши падар васеъ буда, сари мавзуоти сиёсӣ, мафкуравӣ, адабӣ, таърихӣ, илмӣ ва фарҳангӣ дар сатҳи зарурӣ суҳбат мекунад ва барои исботи дидгоҳу мавқеъ мисолҳои мушаххас меоварад. Ин буд, ки ба падар ҳамчун шахси донишманду огоҳ ихлосам афзуд.

Хуб дар ёд дорам, замони бесарусомониҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки парешониву беинзибтӣ дар ҷомеа тасаллути комил дошта, шахси силоҳбадаст қонуну қудрати замону макон маҳсуб мешуд, падарам ҳамроҳи иддае аз сиёсатмадорону зиёиёни саршиноси минтақавӣ дар ҳудуди ноҳияи Панҷ баҳри пойдории сулҳу субот ва амнияту осоиш талош мекард. Шаби охири моҳи декабри соли 1992-ро дар минтақа хуб дар ёд дорам: вазъ ноҷур, нобовариву носозгорӣ ҳукмрон, қатлу куштор дар авҷ, бетартибию беинзиботӣ мардуми маҳаллиро ба ҳолати яъсу навмедӣ расонида буд; дар он шаби пуртаҳлукаи декабрӣ, ки соли нав аз омад-омадаш муждагонӣ медод, касе изҳори хушнудӣ намекард, чаро ки ҷангу даргириҳои бемаънӣ мардумро батамом хаставу хароб карда буд. Он шаби тулонӣ падарам ҳамроҳи чанд нафари дигаре барои ҳалли масъалаи муҳимме ба ҳамсоядеҳ рафта буд ва то дер боз наомад. Мардони деҳ як-як дар сар андешаву ташвиши зиёд дар хонаи мо ҷамъ омада, то дер гоҳе омадани ӯро мунтазир шуданд. Ман, ки он шаб мизбону меҳмондор будам, аснои дастурхондорӣ кам-кам аз гумагӯҳои мардони деҳа дар заминаи ҷангу низоъҳои дохилӣ, даргириҳои ахирӣ, қатлу кушторҳои дастаҷамъӣ ва даҳшати ҷанги шаҳрвандӣ огоҳ гардидам. Посе аз шаб гузашта буду қарс-қарси садои тир аз ҳар канора ба гӯш мерасид, мардони маҳаллӣ ҳамоно падарамро мунтазир буданд. Падарам тахмин соати яку ними шаб расида омад ва миёни мардони ҷамъомада чӣ радду бадале карду пас аз гусели онҳо ба хонаи хоб, ки он ҷо мо-

фарзандон ҳамроҳи модар дар сар сад хиёли тарснок мунтазирӣ мекашидем, сокиту ором ворид гардид. Чизи тарсноке ҳам нагуфт. Тарафи мо нимнигоҳе карда, орому ботамкин садо дод, ки ҳама хуб аст, танҳо эҳтиёт бояд кард. Мо ҳам аз оптимизми падар илҳом гирифта, мисли ин ки орому осуда шудем, аммо даҳшату ваҳшати ҷангу даргирӣ ҳамоно зеҳнамонро мағшуш месохту орамидан намегузошт. Иттифоқан, то он шаб ҳанӯз ҷиддӣ будани ҷангу даргирӣ ва моҳияти бархурдҳои сиёсиро намефаҳмидам (ҳарчанд ки дар курси дувуми факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин – ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил мекардам) ва ҳамин ки нақлу гуфтугӯҳои мардони деҳро шунидам, даҳшату ваҳшати ҷангу даргириро сахт эҳсос кардам ва ба падарам ҳазорон маротиба таҳсину офарин хондам, ки дар он замони ҳассосу хатарбор на танҳо худро набохт, балки баръакс, ба хотири сулҳу субот ва амну осоиш бар ҷодаи мардонагӣ шитофт. Дар воқеъ, он шабу рӯз дар минтақа ва умуман, кишвар умед аз байн рафтаву навмедӣ тасаллут ёфта буд. Мо ҳам дар ҳоли яъсу навмедӣ ба сар мебурдем ва умед ба фардоро аз даст дода будем. Аммо вуҷуду ҳузури падар дар баробари яъсу навмедӣ бароямон қуввату неруву тавону умед мебахшид. Умед ба фардои дурахшони кишвар, умед ба фардои миллат, умед ба фардои давлат... Мутмаинан, падар дар он айёми навмедӣ шуълаи умедро дар дили мо афрӯхт ва он шуълаи умед ҳанӯз ҳам қалбҳои мо-фарзандонро рӯшану мунаввар месозад. Дар ҳақиқат, кору пайкор ва амали падар барои мо намунаи ибрату мардонагист ва аз ному исми пойдевору пуштувонаи хонавода ифтихор мекунем. Ба ин маънӣ:

*Баландии кулоҳи мо,*
*Фарози шаъну ҷоҳи мо,*
*Мақоми расму роҳи мо,*

*Шукӯҳи интибоҳи мо*
*Ва нури Шеду Моҳи мо,*
*Замону вақту гоҳи мо,*
*Падар аз ту рифоҳи мо,*
*Дилу ҷонам гувоҳи мо,*
*Туӣ пушту паноҳи мо!*

Солҳо сипарӣ гардиданд, Ватани азизи мо – Тоҷикистони соҳибистиқлол ба баракати талошҳои пайгиронаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва ақлу хиради миллат ба марҳилаи оромию субот расид. Аммо даҳшати он солҳо, ваҳшату нофаҳмиҳо ва фурсатталабию хӯудшефтагии баъзе гурӯҳҳои манфиатхоҳ, ки боиси сар задани ҷангу даргирӣ ва мусибату фоҷеаи миллӣ гардида буданд, ҳаргиз аз лавҳи хотири миллат ва мардуми шарифи кишвар зудуда нахоҳад шуд. Махсусан, номи фарҳехтагону зиёиёни саршиноси музофотию минтақавию ватанию миллӣ, ки дар барқарории сулҳу субот ва оромишу наҷоти миллату мардум саҳми сазовор гузоштаанд, аз дилу дидаи халқ нахоҳад рафт. Ин аст, ки умр мегузарад, зиндагӣ чун ҷӯйи равон аз миёни мо мегузарад, инсонҳо меоянду мераванд, вале номи неку кори неки инсонҳои шарифу фарҳехта абадан боқӣ мемонад. Ифтихор аз он дорам, ки исми падари ман ҳам дар феҳристи шахсиятҳои фидокори маҳаллию музофотию минтақавӣ қарор дорад. Воқеан, ҷойи ифтихор аст, барои ман ва хонаводаи мо.

Чун дар арафаи зодрӯзи падари бузургвор – Пирмуҳаммад Нурзода қарор дорем, аз номи хонаводаи Нурзодаҳо падарро ба ифтихори ин рӯзи фархунда шодбош гуфта, барояш умри дарози пурбаракат, сиҳатию саломатии бардавом ва тавону қудрати ҷисмию эҷодии мудавом таманно мекунем.

## ТУӢ ПУШТУ ПАНОҲИ МО!

(пораназми ҷашнӣ ба ифтихори зодрӯзи падар)

*Баландии кулоҳи мо,*
*Фарози шаъну ҷоҳи мо,*
*Мақоми расму роҳи мо,*
*Шукӯҳи интибоҳи мо,*
*Ва нури Шамсу Моҳи мо,*
*Замону вакту гоҳи мо,*
*Падар аз ту рифоҳи мо,*
*Хатову ҳар гуноҳи мо,*
*Бубахшӣ иштибоҳи мо,*
*Ту бошӣ хайрхоҳи мо,*
*Туӣ пушту паноҳи мо!*

*****

*Таассуб авҷи беморист,*
*Хурофот аз гирифторист,*
*Ки ҷаҳл аз акл безорист,*
*Дурӯғи маҳзи бозорист,*
*Ҷаҳолат хоби ночорист,*
*Фазилат маҳди ҳушёрист,*
*Хирад дастури бедорист,*
*Мароми мо сазоворист,*
*Ғуруру нангу боорист,*
*Падар меҳри ту меъёрист,*
*Ба раг, дар хуни мо ҷорист.*

*****

*Падар, сидқу сафои мо,*
*Ҳама кони вафои мо,*
*Хушо, созу навои мо,*
*Хушо, савту садои мо,*
*Рафиқу ошнои мо,*
*Шафиқу раҳнамои мо,*
*Азизу раҳкушои мо,*
*Туӣ мушкилкушои мо,*
*Гунаҳпӯши хатои мо*
*Ва ҳам дардошнои мо,*
*Ту Қонуни шифои мо!*

## ТАҚРИЗ ВА ТАҲИЯ

**Нозим НУРЗОДА**
*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

# БОЗШИНОСИИ ТАЪРИХИ МИЛЛӢ – МАСЪУЛИЯТИ КАСБИ НАВИСАНДАГӢ

*(Бардоштҳои куллӣ дар ҳошияи романи “Нони шарикӣ”-и устод Мирзонасриддин – ниг.: Мирзонасриддин. Нони шарикӣ (Сад сол бо Русия). -Душанбе: Ирфон, 2024. -360 саҳ.)*

Устод Мирзонасриддин (Насриддин Саидзода) аз ҷумлаи нависандагони муосири миллист, ки ба лиҳози таҳсилотию ихтисосӣ муҳандис буда, баъдан, бо тақозои завқу салиқаи фардӣ ба ҷодаи нависандагӣ қадам ниҳодааст. Ба ин маъно, устод Мирзонасриддин муҳандис аст, вале сари мушкилоти миллӣ ва таърихи ватанӣ меадешад ва маҳсули афкору андешаҳояшро дар қолиби ҳикояву роману соири анвои адабӣ-бадеӣ рӯйи коғаз оварда, аз ин тариқ дар баррасии ҳаводиси доғи таърихи ватанӣ, аз ҷумла сарнавишти тоҷик дар садсолаи ахир саҳми муносиб мегузорад. Устод метавонист, ки мисли як идда зиёиёни ватанӣ сукут варзаду ҳамчун як тамошобини муқаррарӣ авзои мавҷударо наззора намуда, бепарво дунболи мушкилоти рӯзгори худ бигардад. Аммо бетарафиро як сӯ гузошта, сари масоил ва мушкилоту муаммоҳои таърихи садсолаи тоҷик андешаҳояшро ҷамъу ҷур карда, дар формати насри бадеӣ-таърихӣ манзури хонандагон гардонида, дар ин миён ҳаргиз даъвии онро ҳам накардааст, ки қазовату довариҳояш мутлақанд. Баръакс, бо истифода аз

насри бадеӣ-таърихӣ майдони баҳсу мунозираҳои созандаро барои баррасию бозкушоии мушкилоту муаммоҳои асрии миллат густурдааст.

Дар зимн, тайи чанд соли ахир зеҳни устодро масъалаи таърихи садсолаи тоҷик мағшуш дошта, дар ин замина бардоштҳои инфиродиашро, ки бар мабнои санаду манобеъи таърихӣ, адабиёти дастраси илмӣ-пажуҳишӣ, матолиби адабӣ-бадеӣ ва маводи публитсистӣ созмон ёфтаанд, рӯйи коғаз оварда, дар қолиби роман мунсаҷим сохта, манзури хонандагони соҳибзавқи ватанӣ кардааст. Аз ин ҷост, ки устод Мирзонасриддин ҳадаф гузоштааст, ки мисли устодон Урун Кӯҳзод (романи "Ҳайҷо"), Саттор Турсун (романи "Се рӯзи як баҳор"), Абдулҳамид Самад (романи "Гардиши девбод"), Бароти Абдураҳмон (романи "Нимароҳи аъроф") ва дигарон атрофи таърихи замони шуравӣ ва мушкилоту уқдаҳои фикрию равонӣ ва ҳувиятию мадании вақт дар қолиби насри бадеӣ-таърихӣ изҳори назар намояд. Бо ин ҳадаф қаблан романи муфассале таҳти унвони "Оташ дар хонаи қадим" (ниг.: Мирзонасриддин. Оташ дар хонаи қадим (Роман). - Душанбе: "ЭР-граф", 2016. -506 с.) ба табъ расонида, манзури хонандагон кардааст. Дар романи "Оташ дар хонаи қадим", ки аз пешгуфтор (С.3-4) ва 7 фасл иборат аст, сухан дар бораи қаҳрамони асосӣ --- Мансури Самарқандӣ меравад, ки бо омадани рус ба сарзаминаш заҷру ранҷ бурда, омадани онҳоро як навъ таҷовуз ба хоку сарзамин талаққӣ менамояд. Ин нуқтаназарро қаҳрамони марказии роман Мансури Самарқандӣ то охири умр идома медиҳад ва дар ҷараёни зиндагӣ – аз оғоз то ба анҷом аз зовияи ҳамин нуқтаназар амал мекунад. Ҳарчанд ки писари хурдиаш – Ҷовид таҳти сарпарастии афсари рус Чернов, ки дар забти Бухоро саҳми бевосита доштааст, қарор гирифта, мавқеъашро бар рағми ҷиҳатгирии падар тағйир дода, аз русҳо ҷонибдорӣ мекунад,

қаҳрамони аосӣ ҳамоно дар андешаи қаблиаш боқӣ монда, дар охири умр ба замон ва шароити нав созиш накарда, аз Ҳисор ба Афғонистон паноҳанда шуда, ба ҳамин минвол, роман ба поён мерасад. Ҳолати ахирии қаҳрамони марказии романи "Оташ дар хонаи қадим"-ро нависанда Мирзонасриддин ин тавр тасвир мекунад: "Хона омаду дар бисоташ чизе дошт (чакман, пӯстак, ҷойнамоз) ба халта андохту ба сафари Афғонистон тайёр шуд. Саҳаргоҳ аз канори хирман гузашта фикр кард, ки акнун ин насиме, ки ҳар дам ҳур-ҳур мевазад, ин саҳро, ки ҳоло заминҳои колхозиашон мегӯянд, баҳри насли дигар ва замони дигаранд" (ниг.: Мирзонасриддин. Оташ дар хонаи қадим (Роман). -Душанбе: "ЭР-граф", 2016. С.595). Яъне қаҳрамони асосӣ Мансури Самарқандӣ, ки бар асари таҳаввулоти сиёсии давр аз Самарқанд фирор карда, ба Бухоро ва аз он ҷо ба Афғонистон паноҳанда шуда, сипас ба Ҳисор баргашта, ҳамчун корманди колхоз ифои вазифа кардааст, ба замон ва шароити нави зиндагӣ – сохтмони сотсиализм насохта, охируламр баромада меравад. Бо ҳамин романи "Оташ дар хонаи қадим" ба итмом мерасад. Нависанда итмоми романро дар охири асар 27.08.2014 нишон додааст (ниг.: Мирзонасриддин. Оташ дар хонаи қадим (Роман). -Душанбе: "ЭР-граф", 2016. С.595).

Баъди таваққуфи кӯтоҳе нависанда дар заминаи ҳаводиси асри бист андешаҳояшро мунсаҷим карда, дар қолиби романи алоҳидае бо номи "Нони шарикӣ" (ниг.: Мирзонасриддин. Нони шарикӣ (Сад сол бо Русия). -Душанбе: Ирфон, 2024. -360 саҳ.) чоп мекунад. Романи "Нони шарикӣ" идомаи бозтоби ҳаводиси садаи бист ва моҷароҳое, ки бо писари қаҳрамони романи "Оташ дар хонаи қадим" Мансури Самарқандӣ Ҷовид Мансурович дар замон ва шароити нави таърихӣ иттифоқ меафтанд, мебошад. Ба ин тартиб, Ҷовид Мансурович – қаҳрамони марказии романи "Нони шарикӣ" буда, аз оғоз то

ба охир тамоми ҳаводису воқеот ба шахс ва саргузашти ӯ бастагӣ доранд. Ба сухани кӯтоҳ, роман бо бозгашти Ҷовид аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба макони сукунаташ – шаҳри Қурғонтеппа оғоз шуда, бо моҷароҳои ибтидои солҳои навадум ва шӯру савдои демократиямаобони ватанӣ, ки охируламр ба бесуботию сардаргумӣ оварда расонд, ба итмом мерасад.

Романи мазкур дар маҳфили Гуфтугӯйи тамаддунҳо"-и устод Иброҳим Усмонов соли 2024 рӯнамоӣ шуд ва қишри нависандагӣ ва ниҳодҳои илмӣ-мадании тоҷик бо шумули Абдураҳмон Абдуманнон (муҳаррири роман), профессор Абдунабӣ Сатторзода, Нависандаи халқии Тоҷикистон устод Абдулҳамиди Самад, сиёсатшиноси варзида Абдуллоҳи Раҳнамо, доктори илмҳои филологӣ Шодимуҳаммад Суфизода, Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдуғаффор Абдуқаҳҳор, донишманди саршинос доктор Нуриддин Шаҳобиддин, файласуфони муосири миллӣ устод Комил Бекзода ва дигарон атрофи роман фикру мулоҳизоти хешро ироа доштанд. Баҳси хубе ҳам дар доираи мазмуну муҳтаво, равиши таълиф, сабки нигориш ва соири вежагиҳои ҳунарию мундариҷавии китоб ҷараён гирифт. Мо ҳам дар маҳфил ҳузур долштем, аммо чун романро нахонда будем, чизе гуфта натавонистем.

Устод Мирзонасриддин, бо илтифоту самимияте, ки хосси он кас аст, романро барои мутолеа ба ихтиёри банда гузоштанд ва онро бозавқ мутолеа кардам ва инак, ҳосили мутолеотамро иҷмолан ироа медорам.

**Якум.** Китоб мундариҷа надорад, онро мундариҷа ва ба фаслҳо ҷудо бояд кард. Аз ин тариқ хонанда метавонад мутобиқ ба фаслҳо романро мутолеа намояд. Чун роман "Нони шарикӣ" унвон дорад, дар ибтидо мехоҳем чанд сухани муқаддимотӣ дар робита бо номи китоб ироа дорем.

Воқеан, унвони роман “Нони шарикӣ” ҷолиб аст ва хонандаро ба худ мекашад ва ҷазб мекунад. Ба ин маънӣ, “Нони шарикӣ”, ки ба унвони китоб интихоб шудааст, дар чанд бахши роман инъикос ёфтааст. Нахуст, нависанда зимни баррасии мавзуи аз зиндон халос шудани Ҷовид, ки баъди нуҳ солу се моҳ иттифоқ меафтад, ба иборату такмавзуъ ва ба истилоҳ, мавзуи меҳварии роман --- нони шарикӣ таваққуф мекунад ва аз забони қаҳрамони марказии роман Ҷовид Мансурович онро ба сифати ҳадафи калидӣ ба тасвир бармекашад. Ҷовид замони дар зиндон будани худро ба ёд оварда, атрофи мушкилоту мусибатҳои зиндон таваққуф намуда, дар гуфтугӯ бо худ мефармояд: “Ин ҷо (зиндон – Н.Н.) маро овард, ки дарунтари корҳои замонаро бубинам. Минбаъд бо ҳар касу нокас, шину хес накунам. Донам, ки **нони шарикӣ** ба ғайр аз хубиҳову намоишдиҳиҳо басо талхиву шӯриҳо низ доштааст...” (С.273). Ба дунболи ин, дар бахши дигар, ҳангоми аз зиндон озод шудан ва ба деҳа баргаштану аз заминҳои серҳосили колхозӣ дидан кардан, зебоиҳову пешравиҳои кишварро дида, Ҷовид худ ба худ меболаду ибораи “**давлати шарикӣ**”-ро истифода мебарад: “Давлати шарикӣ долштему ин кор бо чунин зебоӣ сурат гирифт” (С.288). Агар болотар ибораи “нони шарикӣ”-ро истифода бурда, аз ин тариқ як навъ афсурдагии худро ба намоиш гузошта бошад (С.273), пойинтар аз таъбири ҳамвазни “давлати шарикӣ” кор гирифта, аз мавҷудияти чунин давлате изҳори хушнудию хушҳолӣ мекунад (С.288). Баъдан дар бахшҳои ахирии роман, таъбири “нони шарикӣ” ва қазияҳои марбут ба он ҳангоми аз Тошканд баргаштани Ҷовид (Ҷовид Мансурович чун аз вазъи тафтиши қазияи изофанависӣ дар Ӯзбекистон мутталеъ мешавад, ба хотири огоҳӣ аз ҳолу ҳавои дӯсташ Сарабек, ки аз ҷумлаи раисони машҳури замон маҳсуб мешуд, ба Тошканд меравад, вале аллакай ӯ аз дунё даргузаштааст. Сабабаш, ба

фишорҳои мудавоми гурӯҳи тафтишӣ тоб наоварда, худро парондааст) офтобӣ мешаванд. Ҳангоми аз хонаи дӯсташ Сарабеки ӯзбекистонӣ баргаштан, қад-қади роҳ пахтаи шукуфтаи фаровонро ба мушоҳида гирифта, дар атрофи иҷрои нақшаи 6-миллионтоннаи Ӯзбекистон мулоҳиза карда, мусибату бадбахтиҳои халқи заҳматкашро пеши назар оварда, аз дил мегузаронад: "Не, не, нони шарикӣ хуб нест..." (С.334). Ва дар пойинтар, нависанда вазъи пурҳарҷумарҷи ватанро ба риштаи тасвир кашида, вазъи ноҷури Додоҷон (писари дувуми Ҷовид Мансурович)-ро дар ҳоли парешонӣ инъикос мекунад. Додоҷон, ки пештар бо назароти демократмаобони замон ҳамсадоӣ дошт, ба падар аз вазъи дарҳамбарҳами ҷумҳурӣ шикоят карда, саранҷом бо мавзеъгириҳои падараш, ки аз ноуҳдабароию худнамоиҳои барзиёд ва сиёҳкуниҳои бамавриду бемавриди низоми коммунистӣ аз ҷониби тоифаи ба ном деморат баъзан ба шӯр меомад, мувофиқ мешавад (С.351). Ҷойи дигар, "дар як давлат, ки **зиндагии шарикона** дорем, дарду маразаш ҳам шарикӣ мешудааст" (С.358). Илова бар ин, Ҷовид, ки аллакай хеле солманд шуда, синнаш ба ҳафтоду нуҳ расидааст, охируламр шарикӣ бо русҳоро ба тақдир вогузор карда, иддао мекунад, ки "Ин ҷониб ҳам дар шарикӣ бо инҳо (русҳо – Н.Н.) зистан дар тақдирамон будааст" (С.367) ва ин гуна мавқеияташро бо мақоли мардумии "Нони шарикиро саг нахӯрдааст" пӯшиш медиҳад (С.367).

**Дувум.** Ба назар мерасад, ки нависанда ба мушкилоту муаммоҳои ибтидои барқарории ҳукумати шуроӣ сахтгирона бархурд мекунад. Дар ҳоле ки солҳои сиюму чиҳилуму панҷоҳуми садаи бист, на танҳо дар ҳудуди Иттиҳоди Шуравии ҳанӯз ҷавон, балки дар Амрикову Англияи пешрафта ҳам вазъи зиндагии мардум чандон хуб набуда, аксари кулли кишварҳои ғарбӣ аз шуравӣ тафовути чандоне

надоштанд. Бинобар ин, ҳангоми тасвир ва баҳогузорӣ ба замон набояд мавқеи яктарафа гирифт. Баръакс, ҳангоми муколима-диалогсозӣ ва тасвиркориҳо баркашидани бархурди ду навъи андешаи мутазод на танҳо мутолеаи асарро ҷолиб месозад, балки ба хонанда ҳаққи интихоб, қазоват ва пешдовариҳоро ато мефармояд.

**Севум.** Мавқеи сиёсӣ-мафкуравӣ ва иҷтимоии Ҷовиди комсомол, ки дар муҳити тарбияи сиёсӣ-мафкуравии коммунистӣ ба воя расидааст, дар соли 1938 аз назари сидқият ба арзишҳои ҳизбию сиёсию давлатӣ суолбарангез ба назар мерасад. Ба нуқтаназари Ҷовид таваҷҷуҳ мекунем: "Кори хубро каси доро, донишманд мекунад,-гуфт Ҷовид. – Аз дасти батраки нодида чӣ меояд?" (ниг.: Мирзонасриддин. Нони шарикӣ (Сад сол бо Русия). -Душанбе: Ирфон, 2024. С.49). Аз ин ҷо суоле бармехезад, ки Ҷовид чӣ гуна дар мактаби ҳизбӣ хонда ва тарбияи коммунистӣ гирифтааст, ки камтарин назари болшевикӣ-коммунистиро бо иддаоҳои ғайримарксистии болоӣ зери суол мебарад? Ҳол он ки ҳазорон дорову донишманд (ва аз ҷумла ашрофу аъён) дар таърихи мо вомехуранд, ки заррае ба миллат хидмат накарда, бар мабнои манфиат ва ҳирсу тамаъ умр ба сар бурдаанд. Дар зимн, бо ин навъ мавқеъгирии ғайриболшевикию коммунистӣ комсомоли ҳақиқию сидқӣ будани Ҷовид ҳам зери суол аст. Аз ҷониби дигар, Ҷовид, бо он ки коммунист аст, аз дину худо ёд мекунад ва ҳангоми мулоқот бо дӯстдухтараш Валя Григориевна ва ишқварзӣ бо ӯ аз дину диёнат сухан ба миён меоварад ва баимон будани хешро ба намоиш мегузорад (ниг.: Мирзонасриддин. Нони шарикӣ (Сад сол бо Русия). -Душанбе: Ирфон, 2024. С.54).

**Чорум.** Муҳокимарониҳои Ҷовид пас аз бозгашт аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ мисли падараш Мансури Самарқандӣ (ки дар романи қаблии "Оташ дар хонаи қадим" минҳайси қаҳрамони

асосӣ зуҳур мекунад ва тамоми бандубасти ҳаводису вақоеъ ва сужа ба ҳаракату фаъолияту дидгоҳу мавқеъгирии ӯ бастагӣ доранд) сурат мегиранд (ниг.: Мирзонасриддин. Нони шарикӣ (Сад сол бо Русия). -Душанбе: Ирфон, 2024. С.65). Мисли ин ки Ҷовид ба ақидаҳои сиёсӣ-мафкуравии падараш, ки одами давраи амирӣ ва муътақиду боварманд будааст, бармегардад ва мунтаҳо ба охирату уқбо ихлос пайдо менамояд (ниг.: Мирзонасриддин. Нони шарикӣ (Сад сол бо Русия). -Душанбе: Ирфон, 2024. С.67).

**Панҷум.** Таърифи ба истилоҳ, одамшаванда (табақаи ашрофӣ, қишри сарватманд ва тоифаи дорандаи низоми амирсолорӣ) ва таҳқири батраку "пролетар"-ҳо дар роман ба назар мерасад ва аз ин зовияи танги ақидатӣ ба инсонҳо ва табақоту қишрҳои иҷтимоӣ баҳо дода мешавад. Ба ин пораи муҳокимаронии қаҳрамони роман Ҷовид мутаваҷҷеҳ мешавем: "Нисфнакардаҳо батрак. Фитраташон паст. Ландаҳур. Ҳоло онҳоро "пролетар" гуфта, рӯйи даст бардоштаанд..." (ниг.: Мирзонасриддин. Нони шарикӣ (Сад сол бо Русия). -Душанбе: Ирфон, 2024. С.79). Ё ин ки дар мавриди муҳоҷири хуҷандӣ яке аз қаҳрамонони роман Алишер-акаи конибодомӣ ба Ҷовид мегӯяд: "Онҳо сари ҳамин сол аз Хуҷанд омаданд. Номи мард Ёқубҷон. Маълум, ки аз тоифаи ашрофанд..." (ниг.: Мирзонасриддин. Нони шарикӣ (Сад сол бо Русия). -Душанбе: Ирфон, 2024. С.81). Магар ҳамин тоифаи ашроф дар замони амирӣ дар хидмати амиру визиру қушбегиву раису миршабу қозиву соири давлатмадорони замон, ки ғолибан ришвахору мардумозор буданд, қарор надоштанд? Магар аз табақаи ашроф одамони бад каманд? Ё ин ки бо кадом меъёр инсонҳоро ба ашрофу аъёну пойлучу батрак ҷудо мекунем? Магар аз ҳисоби батраку пойлучу нодор дар замони шуравӣ шахсиятҳои баруманди миллӣ зуҳур накардаанд? Ё бузургӣ танҳо ба ашрофон тааллуқ дорад? Ба ин

монанд суолоти зиёдеро метавон матраҳ кард, ки ченаку меъёрҳои сохтаи ашрофияту аъёниятро зери суол мебаранд. Агар дар мавриди чунин тарзи тафаккур ва мавқеъгирӣ ба нуқтаназари файласуфи бузурги олмонӣ Фридрих Нитше (1844-1900) такя кунем, файласуф ду навъи ахлоқро манзур месозад: ахлоқи ашрофӣ ва ахлоқи ғуломӣ. Ахлоқи ғуломӣ он навъи ахлоқест, ки инсонро дар ҳоли карахтию бефаъолиятию сустию заъифию бечоранолӣ боздошта, имкони худбаҳодиҳиашро пойин намуда, пешрафту худкифоиро аз ӯ мегирад ва баръакс, ахлоқи ашрофӣ ахлоқи нафаронест, ки сатҳи худбаҳодиҳии баланд дошта, бо ҷуръату ҷасорати фардӣ алайҳи ғуломӣ ҷангида, сарбаландию сарфарозиро дар баробари сифлагию хушомадгӯйӣ тарҷеҳ медиҳанд. Ин аст, ки ашрофият ба қишре итлоқ мешавад, ки дигаронро ба дараҷаи ашрофӣ мерасонад, на худро болову дигаронро мазаммат менамояд. Ногуфта намонад, ки қаҳрамони асосии роман Ҷовид Мансурович духтари ҳамин хонаводаи ашроф -- Гулнисоро ба занӣ мегирад ва бо ин хонавода иртиботи хунӣ барқарор менамояд.

**Шашум.** Акнун ба мавқеияти сиёсӣ-мафкуравии комсомолу коммунисти содиқ Ҷовид, ки ба маслаки болшевикию коммунистӣ куллан муғойират дорад, таваҷҷуҳ мекунем. Ҷовид Гулнисо (духтари ашрофи хуҷандӣ)-ро аз тариқи никоҳи мусулмонӣ ба ҳамсарӣ мепазирад ва мулло оварда, ӯро никоҳ мекунад (С.93). Инҷо суоле дар зеҳн чарх мезанад, ки садоқат ба ҳизб ва фирқаи коммунистӣ куҷо мешавад? Аз ин ҷо бармеояд, ки Ҷовид қалбану сидқан ба низоми коммунистӣ садоқат надорад. Аз сӯйи дигар, дар мулоқот бо рафиқи деринаш Иван Бурови рус, ки пеш аз инқилоб ба табақаи доро мутааллиқ буд, Ҷовид аз Маскав дастур гирифтану ба котиби дуюм побанд будани ҳайати ҳукуматҳои тамоми минтақаву ҷумҳуриҳои шуравиро дар

миён гузошта, ҳар ду (Иван Бурови рус ва Ҷовид Мансуровичи тоҷик) сиёсати лениниро ба мазоҳ мегиранд (С.100). Пас, чӣ гуна аз ин симоҳо шахсони содиқи низомро меҷӯем? Бо як сухан, дигар онҳо фурсатталабанд... Масалан, Иван Буров болшевик аст ва аммо ҳангоми гуфтугӯ бо Ҷовид худро аз ин фирқа ҷудо карда, иддао мекунад: "Болшевикҳо тавонистанд. Ҳалолашон бод" (С.101). Бо ин гуна болшевикҳо, ки ба низоми сохта ва марҷаи эътиқодии худ бовар надоранд ва гоҳу ногоҳ аз он шикоят мекунанд, чӣ гуна метавон эътимод кард? Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин тоифа фурсатталабанд ва танҳо ба хотири замонасозӣ ин ва ё он мавқеияти сиёсию мафкуравиро мегиранд ва дар либоси фурсатталаб ба ҷилва дармеоянд. Ба ин асос, устод Мирзонасриддин мавқеият ва дарунмояи чунин навъи одамонро дар симои қаҳрамонон ва персонажҳои роман хеле хуб тасвир кардааст.

**Ҳафтум.** Бо иддаоҳое, ки Ҷовид дар гуфтугӯ бо котиби дуюми ҳизбии ноҳиявӣ Иван Акимович Буров пеш мегузорад: "Пеш аз инқилоби шумо ҳам зиндагиамон хуб буд" ва "Ҳама бо ризқу рӯзие, ки дошт, қаноат мекард" (С.102) гузаштагаро будани худро ба намоиш мегузорад. Нависанда баҳсу мунозираеро бо ҳузури Ҷовид ва Иван Буров хеле зебо ба тасвир мекашад, ки дар он ҳувият ва таърихи миллат арзёбӣ мегардад ва моро ба фикр кардан водор месозад. Тарҳи масъалаи "Таърихатро таку рӯ кун"-и Иван Бурови рус Ҷовидро ба фикр кардан вомедорад (С.103) ва ҳақиқати таърихиро дар зеҳни қаҳрамони роман бармало менамояд. Аз тариқи ин навъ муколимоту мубоҳисот нависанда воқеияти таърихи миллиро бозгӯ месозад ва хонандаро ба мулоҳиза фармудан атрофи мушкилоту муаммоҳои таърихи миллӣ вомедорад.

**Ҳаштум.** Мавқеияти ашрофӣ ва ашрофзодагӣ, ки дар рагу хуни Ҷовид Мансурович нуҳуфтааст, дар ҷо-ҷойи роман ба

зуҳур дармеояд. Ин маънои онро дорад, ки нависанда устод Мирзонасриддин нишон медиҳад, ки эҳсосоти табақавӣ (ашрофию аъёнпарастӣ)-и қаҳрамони роман Ҷовид дар мавориди зарурӣ буруз мекунанд ва оташи рашку ҳасади қаҳрамонро бармало месозанд. Масалан, вақте ки Авази Ҳоитӣ бо Алёнаи рус издивоҷ мекунад, оташи рашки Ҷовид, ки аз харидорони ҳусну ҷамоли Алёна маҳсуб мешуд, боло мегирад ва аз мавқеи ашрофӣ зуҳур карда, Авази Ҳоитиро ғоибона мухотаб қарор дода, даъвии "Ин пойлучро бинед, аз худ рафтааст"-ро пеш мегузорад (С.112). Ин аст, ки нависанда падидаи номатлуби худписандию ғурури нобаҷойи "ашрофизодагӣ"-ро маҳкум мекунад ва хонандаро бар он вомедорад, ки аз чунин навъи мавқеъгирӣ худдорӣ намояд.

**Нуҳум.** Масъалаи изофанависӣ ва аз ҳизб хориҷ кардани котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Турсунбой Улҷабоев (1916-1988), котиби дуюми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Пётр Обносов (1903-1883) ва раиси Президиуми Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон Назаршо Додхудоев (1915-2000), ки соли 1961 иттифоқ афтода, сару садоҳову ҳангомаҳои зиёдеро дар ҷомеаи вақт ба бор оварда буд, дар роман хуб инъикос ёфтааст (С.165-170). Ба ин маънӣ, бозтоби ҳаводиси даҳшатборе, ки дар ҳошияи изофанависиҳои давраи Улҷабоев иттифоқ афтодаанд, аз ҷониби нависанда муассир ва ҳадафнок сурат гирифтаанд. Нависанда дурӯягӣ, чоплусӣ, пастӣ, сифлагӣ, хушомадгӯйӣ, тамаъкорӣ, ҳирсварзӣ, ноодамӣ, палидӣ ва амсоли инҳо барин разоили ахлоқиро, ки тайи раҳбарии Иван Григоревич Ковал (1913-1970, солҳои 1961-1970 котиби дуюми КМ ҲК ҶШС Тоҷикистон) миёни элитаи ҳизбӣ, ҳуқуқӣ (прокурору суду милисаву амнияти вақт), идорӣ ва умуман, роҳбарияти онвақтӣ рух зада буданд, хеле хуб тасвир

кардааст. Бахусус, иттиҳомоте, ки ба фарзандони содиқи ватану миллат зада буданд, дар роман муассир баён ёфтааст (ниг.: Мирзонасриддин. Нони шарикӣ (Сад сол бо Русия). - Душанбе: Ирфон, 2024. С.180-215). Ба ин тартиб, устод Мирзонасриддин тавонистааст, ки бар асоси факту арқоми дастрас ва адабиёти зарурӣ ҳассосиёти замониро хуб бозтоб дода, мушкилоти сиёсӣ-мафкуравӣ, уқдаҳои ҳувиятию равонӣ ва муаммоҳои ахлоқии фурсатталабони даврро буруз намояд.

**Даҳум.** Дар роман, ба назари мо, баъзе нукоти баҳсбарангез вуҷуд доранд, ки сари онҳо тамаркуз намудан лозим аст. Масалан, Ҷовид, агар бо хуҷандӣ нею бо духтарони минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ, бо шумули кӯҳистониёну маҳаллиён издивоҷ мекард, хеле хуб мебуд. Дар зимн, ҳамсар интихоб кардани Ҷовид аз духтарони маҳаллӣ, махсусан, аз табақаи батраку нодору камбағал боиси пойин кардану коҳиш додани шиддати тамғазаниҳои “пойлучу нодору батрак”, ки дар замони мо қариб ки ба истилоҳоти муду таҳқирӣ бадал шудаанд, мегардад. Аз тарафи дигар, аз байн бурдани зуҳуроти номатлуби тамғазаниҳои “деҳотию шаҳрӣ”, “ашрофу пойлуч”, ки тадриҷан дар лексикони табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ мавқеъ пайдо карда, умумиистеъмол шуда истодаанд, вазифаи қишри нависандагӣ ва умуман, ниҳодҳои пешрави иҷтимоӣ мебошад. Аз бурузи ин навъи андеша ва мавқеъгирӣ, ки чолишҳои дигари ҳувиятиро ба дунбол дорад, парҳез бояд кард ва сари пайвандии мардуми манотиқи гуногуни Тоҷикистон ва ҳамдилию ҳамбастагии миллат тамаркуз бояд намуд.

**Ёздаҳум.** Тақдирпарастӣ ва ба истилоҳ, фатализми қаҳрамони роман он вақт зуҳур мекунад, ки ҳангоми ҳукми паррон гирифтан, Ҷовид сафаҳоти рӯзгорашро як-як ба хотир оварда, худро маломат мекунад, ки бо бераҳмиҳояш (замони раисии колхоз мардумро дар айёми сардӣ ҷабран ба

кӯракчинӣ баровардан) Қассоми олам лаҷомашро ба сахтӣ кашид ва муҷозоташ намуд (С.213). Аз сӯйи дигар, дар роман баъзан масоили фалсафӣ, аз ҷумла маргандешӣ зуҳур мекунанд, ки аз завқу диди фалсафӣ доштани нависанда дарак медиҳанд. Ин аст, ки аз забони қаҳрамони роман Ҷовид маргро чун душмани инсон муаррифӣ мекунад: "...То ҳол аз ин душмани инсон – марг ёде накардӣ" (С.214). Вақте ки Ҷовид ба марг маҳкум мешавад, мувозинати равонию ақидатиашро гум мекунаду дар зиндони торики марг, ки хонаи марг ном гирифтааст, ба намоз гузоштан мепардозад ва аз Худо талаби омурзиш менамояд. Аз сӯйи дигар, тарс аз марг ончунон фишораш меоварад, ки ба мавҳумоту хурофаҳои мазҳабӣ паноҳ мебарад. Болонишинонро, ки худ яке аз онон маҳсуб мешуд, накуҳиш мекунад: "Болшевикон ба мардум хуб қабоҳат карда буданд. Тоатро, ки дар табиати инсон нишастааст, рабуданӣ шудаанд" (С.215). Ба дунболи ин, мулоҳизоти фалсафии қаҳрамони роман баъдтар идома пайдо мекунад. Аз ҷумла, дар зиндон – ҳангоми интизорӣ кашидани иҷрои ҳукми паррон Ҷовид нақли Озар Ҳаким (дӯст ва парторги колхозаш)-ро, ки дар атрофи Суқроти ҳаким ва муҷодилоти ӯ бо руҳониёну ҳакамони додгоҳ чарх мезананд, ба ёд меоварад (С.215-224). Зимни ин нақл, Ҷовид ҳолати худро ба Суқрот қиёс мекунад ва иддао менамояд, ки гурӯҳҳои фурсатталабу манфиатхоҳ тайи зиёда аз 2 ҳазор соли гузашта ниёзҳои худро бо номи дин бароварда, ҳоло бошад (Ҷовид замону даври худро дар назар дорад) дар паноҳи қонун машруият мебахшанд (С.225).

**Дувоздаҳум.** Қаҳрамони марказии роман Ҷовид баъзан ҳаводиси даврро ба қиёс мекашад ва ҳолату вазъи фикриашро ғайриихтиёр тағйир медиҳад. Бо он ки дар зиндон аз болшевикону замони шуравӣ интиқод карда, аз узвият дар ҳизби болшевикӣ изҳори пушаймонӣ менамояд, баъзан

ғайриихтиёр равишу риволи раҳбарӣ ва тартиби кордории замони шуравиро меситояд. Ин аст, ки нависанда аз забони Ҷовид ҷиддӣ будани кори давлатдориро дар замони шуравӣ ситоиш мекунад, то ҷое ки менависад: "Дар замони шуравӣ тартиби кори давлатдорӣ сахт ва қатъӣ буд. Агар масъул ҷавоби номаро як рӯз дер мекард, ба ҷавобгарӣ мекашиданд. Ҷовид номаро рӯзи сешанбе фиристода буд. Охири ҳафта аз Маскав, аз Сека телеграмма меояд: "Мансуров Ҷовид парронда нашавад" (С.226). Аз ин ҷо интиқодоти сахти Ҷовид дар робита бо режими коммунистӣ то андозае бепоя ба назар мехуранд. Ба ин маъно, ки агар беадолатии куллӣ дар шуравӣ вуҷуд медошт, Мансуров ҳатман парронда мешуд ва номаҳо ҳам таъсире намекард. Вале дар ҳукумати шуравӣ соҳибмансабони хубе ҳам дар тасмимгириҳо таъсире намедоштанд ва дар мавриди қазияи Ҷовид, ба қавли мардумӣ, "мӯй аз хамир ҷудо карда намешуд". Аз сӯйи дигар, бо он ки Ҷовид Мансуровичи коммунист маросимоти мазҳабӣ ва суннатиро борҳо анҷом медиҳад, намоз мехонад, маъракаи хатнаи писаронашро мегузаронад, дар ҷанозаи духтараш (ки ҳазорон шоҳид дошт), ширкат меварзад, аммо касе ӯро ба иҷрои маросимоти хурофотию динӣ айбдор намекунад, ҳол он ки он замон коммунистро сар то ба по назорат мекарданд. Мутаассифона, ин нуктаро нависанда ба назар нагирифтааст ва ё дидаву дониста аз он сарфи назар намудааст.

**Сездаҳум.** Чун Ҷовид аз табори ба истилоҳ, ашрофон аст, ҳамеша дунболи ин асл аст ва қатъи назар аз он ки коммунист мебошад, одат ва ба қавли худаш, "хӯйи ашрофият" (С.242) таркаш накарда, аз ин тарзи табақашиносию тоифапарастӣ эҳсоси хушӣ менамояд. Ин нукта дар зиндон ҳам ҳамеша мавриди назари қаҳрамони асосии роман аст: "Вадим Виноградов (яке аз зиндониёни рус дар зиндони Тошкант) дар паҳлуи Ҷовид кор мекард. Онҳо, ки ҳар ду хӯйи ашрофият

доштанд, зуд ба ҳам унс гирифтанд...” (С.242). Дуруст, ки зиндониён, ки ғолибан аз дузду раҳзану шӯрапушту қаллобу одамкушҳо иборатанд, коммунистҳоро бад медиданд, чаро ки маҳз ҳукумати коммунистҳо ин тоифаро ба зиндон кашида, роҳи дуздию раҳзаниашонро баста буд (албатта, дар миёни зиндониён намояндагони қишри коммунистӣ ҳам буданд, ки тавассути иттиҳомот пушти зиндон қарор доштанд, аммо он тоифа на аз хатти машйи ҳизб, балки аз фурсатталабону қаллобону муфтхурону авомфиребоне, ки аз тариқи ҳар роҳу восита ба мақому мансаб расида, ба давлат хиёнатро раво медиданд, нигарон буданд). Бинобар ин, табақаи дузду раҳзану одамкушу қаллоб аз коммунистон домангир буд. Аз ҷониби дигар, дар ин моҷаро коммунисти содиқ чӣ гуноҳ дорад? Дар бадбахтии мардум танҳо он ҷумлаи фурсатталабу мансабталош, ки барои манофеи шахсию гурӯҳӣ ба ҳизб шомил шуда, ниёзу хостаҳои хешро бароварда месохтанд, муқассир буданду халос. Агар ҳизб муқассир мебуд, магар Ҷовидро, бо он ҳама нозу нуз ва карру фарри ашрофӣ ва суннатписандиаш ба мансаби раисии колхоз мансуб мекарду вакили Шурои Олӣ интихобаш менамуд? Ин аст, ки ҳангоми сохтани сужа, сохтусози муколимоту диалогҳо, тартиббандии гуфтумонҳо ҳатман ба баҳсу мунозироти мутақобил пардохтан лозим аст, то ин ки хонанда зери таъсири якандешию яксӯянигарӣ қарор нагирифта, аз алтернатива-гузинанҳои дигари фикрию ақидатӣ истифода кунад.

Лаҳзаи баёни сарнавишти дӯсти деринаи Ҷовид Мансурович Сарабеки Ӯзбекистонӣ, ки раиси номдори колхоз будааст, қаҳрамони асосиро боз дарди “асилзодагию ашрофият” ранҷ медиҳад. Солҳо пас аз раҳоӣ аз зиндон Ҷовид хабар меёбад, ки дар Ӯзбекистон ҳам мисли Тоҷикистон тафтиши қазияи изофанависӣ дар авҷ шудааст. Ба хотири хабар ёфтан аз сарнавишти дӯсти ӯзбекистониаш Сарабек, ки

ҳангоми дар зиндони Тошкант будани Ҷовид ӯро аёдат кардаву меҳрубониҳои зиёде намуда буд, Ҷовид ба Ӯзбекистон меравад, вале дӯсташро зинда намеёбад. Дӯсти ӯзбекистонии Ҷовид Сарабек дар даргириҳои изофанависӣ кашида мешавад ва ба иттиҳомоти кумиссиюни тафтишӣ тоб наоварда, аз сари номус дар хонааш худро мепаронад. Ҷовид аз ҳолу аҳволи хонаводаи дӯсташ огоҳ гардида, шабе меҳмони хонадон шуда, қазияи марги дӯстро мешунавад (С.330-332). Писарони Сарабек Ҷовидро гусел мекунанд ва ӯ аз одобу тарбият ва меҳру ихлоси фарзандони дӯсташ ба риққат омада, боз ба мавзуи асилзодагӣ баргашта, худ ба худ мегӯяд: “Инҳо ҳам мисли падарашон асилзода мебошанд. Ӯ (Сарабек – Н.Н.) аз он шахсоне буд, ки ба марг мувоҷеҳ мешуду намегузошт, ки асилзодагиаш поймон шавад...” (С.333). Магар танҳо асилзода метавонад эътимод ба нафс дошта бошад ва тарзи тарбиятии болову писандида моли ҳалоли ӯ бошад? Ё ин ки ахлоқи воло, муоширати баланд ва ҳамияту ғурур танҳо хоси асилзодаву ашроф аст? Чаро дигар қишрҳои иҷтимоӣ ва аз ҷумла пойлучҳо, батракҳо, мустамандҳо, нодорҳо, камбағалҳо, ки дар бисёр маврид бар асари ноинсофию ноҷавонмардию худхоҳию худпарастию беадолатию зулму истибдоди тоифаи ашрофӣ ва табақоти болоӣ (амирону ҳокимону сарватмандону қозиёну муфтиёну руҳониёну тоҷирон) ба ин ҳолу рӯз расида буданд, ҳаққи боахлоқу бомаданияту асилзода буданро надоранд?

Баъдан, гӯшзад кардани “асилзодагӣ ва ашрофият”, ки мафҳумҳои то андозае гумроҳкунанда буда, дар роман зиёд сари онҳо тамаркуз шудааст, як навъ тафриқаандозии табақотӣ мебошад. Агар бо ин навъ баҳогузорӣ такя намоем, пас, ба тоҷикони дур аз ашрофияту асилзодагӣ, ки умрҳо алайҳи ҷабру истисмори аҷнабӣ мубориза бурда, дар сохтану бунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гирифтаанд, чӣ гуна баҳо

бидиҳем?! Аз тарафи дигар, ашрофият ва ашрофзодагӣ маънии озодагӣ ва дур будан аз бардагист, дар ҳоле ки ба ном ашрофозодаҳои мо ҳамеша дар хидмати давлатдорию салтанатҳои бегона буданд ва бадтар аз ҳама, хидматгузорӣ ба низоми амирсолориро имтиёз ва авлавияти ҳайсиятию ҳувиятӣ медонистаанд. Ифтихорфурӯшиҳое аз қабили дар замони амирӣ бобоҳои мо ин вазифаву он вазифаву симат доштаанд, ҳаргиз ба дарди миллат нахурда ва намехуранд. Баръакс, ин гуна мавқеъгириҳо ва лофзаниҳо, ки мо аз фулон қабилаву фулон насабу шаҷараем, ба ҷуз фахрфурӯшиҳои пуч чизе нестанд. Ин аст, ки ашрофзода ва асилзода касест, афроди миллатро ба сатҳи худ мерасонад, на ин ки мазаммату сарзаниш намуда, ба беаслию гадозодагӣ муттаҳам месозад. Ин одати бад, мутаассифона, дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми садаи бист (замони зуҳури бозсозию навназарӣ, ки дар асл, то ҷое куҳнагарию суннатпарастии хушк буд) чун эпидемия ҷомеаи мадании моро фаро гирифт ва пас аз сукуте андак боз қувват гирифта, ҳангомаҳои пучу беасосеро ба бор овардааст.

**Чаҳордаҳум.** Ба хурофот боварманд будани Ҷовид дар лаҳзаи нақли марги Сталин, ки аз забони Виноградови зиндонӣ садо медиҳад, ошкор мегардад. Ҷовид бо худ мулоҳиза карда, чунин иддаои хурофиро дар нисбати марги Сталин андаруни зеҳн ҷо дода, бар мабнои он пешқазоват мекунад: "Пас, маълум мешавад, дуои халқ гирифташ" (С.251).

**Понздаҳум.** Бо таваҷҷуҳ ба мазмуну мундариҷа ва раванди бозтоби ҳаводиси романи "Нони шарикӣ", қаҳрамони марказӣ Ҷовид Мансурович шахсияти ба лиҳози ориентатсияи сиёсӣ-мафкуравӣ, ҳадафмандӣ ва мавқеъгирии иҷтимоӣ калаванда аст: баъзе мавориц ба суннатҳои динӣ-мазҳабӣ паноҳ мебараду аз ашрофият дам мезанад; гоҳе ба ҳизбияту мавқеияти сиёсӣ-ҳизбӣ такя мекунаду ба давлати шуравӣ

эътимод менамояд; баъзан дар ҳавои афсурдагӣ ба давлату ҳизби коммунистӣ нафрин мефиристаду аз намозу ибодати динӣ мадад меҷӯяд. Хуллас, нафарест, ки дар ҳоли мушкилӣ ва бунбасти фикрӣ боз ба асли худ – ашрофзодагӣ бармегардад ва бар мабнои хурофаҳои пешини мазҳабӣ доварӣ менамояд. Чунин шахси калаванда наметавонад улгу бошад, чаро ки на ба манофеи миллӣ созгорӣ дораду на мавқеъгирии сидқии давлатӣ-ҳизбӣ. Ин аст, ки миёни суннатписандию динмадорию ашрофзодагӣ, аз як тараф ва эътиқодмандии сиёсӣ-мафкуравӣ (ҳизбӣ), аз тарафи дигар, мекалавад.

**Шонздаҳум.** Масъалаи ба асли худ баргаштан (ба хатти арабӣ ва суннатҳои мазҳабӣ) дар муколимаҳои қаҳрамони марказии роман раиси колхоз Ҷовид Мансурович ва котиби ташкилоти ҳизбӣ (парторг)-и колхоз Озар Ҳаким инъикос ёфтааст. Дар суҳбат миёни қаҳрамони асосии роман бо котиби ташкилоти ҳизбӣ Озар Ҳаким, ки баъди зиндонӣ шудани Ҷовид ба вазифаи ҷонишини раиси колхоз пазируфта мешавад, масъалаи бозгашт ба ҳуруфоти арабиасоси форсӣ ва таълиму тарбияи суннатӣ баррасӣ шуда, сабабу иллати бозмондагию ақибмониамонро дар канор задани ҳуруфоти арабӣ ва суннату анъаноти пешӣ арзёбӣ мекунад (С.293). Ба сухани дигар, котиби ташкилоти ҳизбӣ Озар Ҳаким шахси донишманд аст, аммо аз назари сиёсию мафкуравӣ пухта нест, чаро ки бозгашт ба гузашта, суннату анъананоти пешина, ки ангезаи пешрафту рушди миллию дунявиро бозмедоранд, ҳалли мушкил нест. Дар зимн, на хат, балки мағзу андеша инсон ва дар маҷмуъ, миллатро тағйиру таҳаввул дода, тавону неру мебахшад. Аммо дар суҳбат Озар Ҳаким аз русҳо домангир мешавад, ки забони тоҷикиро танг карда, нагузоштанд, ки урфу одатҳои мо ва такаллуми аҷдодӣ рушд кунад. Дар ҳоле ки соири миллату ақвоме, ки дар замони

шуравӣ зери султаи русҳо ба сар мебурданд, тавонистанд, ки худро созанду забонашонро пос доранд. Чаро мо дар ин раванд ақиб мондем ва бо шикояту бечоранолиҳои бефоида заъфу нокоромадию нокифоятии худро ба намоиш гузоштем? Ин суоли матраҳест, ки сари он бештар бояд тавaққуф намоем. Устод Урун Кӯҳзод дар таълифоташ ва аз ҷумла романи "Ҳайҷо" бар он тамаркуз мекунад, ки характери худро миллат бояд шиносад, айбу навоқисашро ташхис намояд ва саранҷом худро аз нав бисозад.

Албатта, нависанда назароти мутақобилро овардааст, то ин ки бархурдҳои ақидатию андешавиро дуруст тасвир бикунад. Бар илова, суннату анъаноти нодаркору нолозими зиёде дорем, ки сабаби асосии вопасгаройиву ақибмониамон шудаанд. Бар илова, ба гузашта бо назари интиқодӣ нигаристан асли воқеият аст ва агар ба суннатҳои пешини хеш аз тариқи равзанаи нақди мунсифона нангарем, наметавонем, худро дуруст бишносем ва аз костиҳои ҳувиятию фарҳангӣ, ки сабабгори асосии нузули шакасти мо тайи асрҳои мутамодӣ будаанд, парҳез намоем. Аз тарафи дигар, мо ба қавли устод Акбари Турсон, гузаштагароем ва гузаштагаройамон гузаштагаройии ноогоҳона аст. Аз ин ҷост, ки гузаштагаройии огоҳона муҳим аст, на нақду наққодии ғайримантиқию яктарафанигарӣ.

**Ҳафдаҳум.** Дар бахши ахирии роман қаҳрамони марказии роман Ҷовид Мансурович дар завод ба ҳайси сармуҳандис фаъолият мекунад ва аз пайдо шудани гурӯҳи нави сиёсӣ бо номи демократҳо ва дар ин замина тағйир ёфтани арзишҳо нигарон мешавад. Ин навъ мавқеъгирӣ ва дилсардиро, ки бо омадани марди холдор (манзур М.С.Горбачёв) русух карда буд, Ҷовид бо рафиқи дерини русаш Максим Акимович Буров дар миён мегузорад (С.300-301). Ин аст, ки назароти Ҷовид бо омадани мавҷи нави навназарӣ дар ҳошияи сиёсати бозсозию

ошкорбаёнии горбачёвӣ ва беарзиш шудани ғояҳои коммунистӣ мисли дӯстию ҳамдигарфаҳмӣ миёни миллату халқҳо, эҳтироми одамон, ҳалолкорӣ, муҳаббату самимият куллан дигар мешаванд ва ҳолати дилсардию бетафовутиро ба вуҷуд меоваранд. Ҷовид ба дӯсташ Максим Буров масъалаи бознишастагишро ба миён мегузорад ва сабаби чунин тасмим гирифтанашро дар ҷур наомадан бо кадрҳои наву ба ном навназар арзёбӣ карда мегӯяд: “Аз рӯзе, ки демократҳо тантана доранд, замона дигар шуд, одамон дигар шуданд. Мо ба инҳо қур намегирем...”(С.300). Ин мавқеъро Ҷовид дар тарабхонаи “Фароғат” ҳангоми суҳбат бо дӯсти деринаш -- Максим Буров ҷонибдорӣ мекунад. Максим Буров бо Ҷовид ҳамназар шуда, аз сиёсати горбачёвӣ интиқод намуда, мегӯяд: “Дақиқтар, аз рӯзе, ки Холдори лаққӣ қудратро гирифт (Максим Горбачёвро Холдор меномид), арзишҳо, андешаҳо дигар шуданд. Кошки, оқибати ин ҳоюҳуяшон ба хубӣ анҷомад” (С.300).

**Ҳаждаҳум.** Нависанда қаҳрамононаш -- Ҷовидро гоҳе мисли қаҳрамонҳои асарҳои устод Урун Кӯҳзод ба шинохти мушкилоту уқдаҳо, муаммоҳо, ишколоти равонию ҳувиятию зеҳнию фикрӣ вомедорад ва аз ин тариқ ба интиқоди зеҳни мағшуши тоҷик мепардозад. Дар суҳбат бо Озар Ҳаким (собиқ котиби ташкилоти ҳизбии колхоз) Ҷовид аз мушкилоти миллӣ лаб мекушояд ва сабабу иллати бедавлатию саргардонии мудавомро ҷустан мехзоҳад ва дар ин замина мегӯяд: “Ҳазор сол аст, ки мо дар як ҷангали бедавлатӣ раҳгумем, бояд сабабашро пайдо карда эълон дорем” (С.295). Бо ин навъ ибтикороти эҷодӣ нависанда мушкилоти миллиро решашиносӣ мекунад ва хонандаро ба фикр кардан сари масъалаҳои ҷиддии сарнавиштӣ вомедорад.

**Нуздаҳум.** Нависанда мекӯшад, ки аз тариқи сохтани муколимот-диалогҳо сатҳи фаҳмиши қаҳрамонону

персонажҳои романро мушаххас намуда, мавқеъгирии онҳоро дар робита бо тағйироти сиёсӣ-мафкуравии замон, ки бар асари бозсозии горбачёвӣ дар ҷомеа тасаллут ёфта буд, ба намоиш гузорад. Дар ин замина, камбуду нуқсон ва ба истилоҳ, уфтҳои сиёсӣ-идеологии ходимони ҳизбии замон дар симои Озар Ҳакими парторг ва Ҷовид Мансуровичи раиси колхозу  коммунист ошкор карда мешаванд. Аз ҷумла, коммунистон дар замони бозсозӣ ба намозхонию ибодаторой мепардозанд, масҷидравӣ муд мешавад ва ҳамин тур, бо замон ва арзишҳои замонию маконӣ ҷур кардани кормандони ҳизбӣ дигар ба кори одию муқаррарӣ табдил меёбад. Аз ҷумла, созгорию муросокорию замонасозии ходимони ҳизбӣ дар симои қаҳрамонони роман хеле хуб инъикос ёфтааст. Масалан, нависанда вазидани боди "бозсозӣ" ва тағйир ёфтани мавқеъгириҳои элитаи ҳизбии маҳаллиро аз забони Озар Ҳакими парторг хеле хуб ба ҷилва дармеоварад: "—Замони демократия шуд, акнун ҳам ба мех мезанӣ, ҳам ба наъл,-гуфт Озар ва хандид. Ҷовид: --Мо бояд ба рафти об бел мезадем... Агар ягон гадозода "бела" мегирифт, масҷидҳоро бо таҳкурсиаш нест карда мепартофт" (С.318).

Дар ин бахш аз роман нависанда вазъи мафкуравӣ ва ҳувиятии ҷомеаро ба намоиш мегузорад ва тавассути ҳаракоту гуфтугӯю муколимоту амалиёти қаҳрамонону персонажҳо ҳақиқати ҳувиятиамонро, ки дар ҳар давру замоне бо равиши замон "бел мезанем"-ро ошкор месозад. Замонасозӣ, муросокорӣ, муқаллидӣ, тамаллуққорӣ, чоплусӣ ва амсоли инҳо барин разоили ахлоқӣ машруият доштанд, ки ки мо тайи таърих ҳамеша бозанда будем ва бо роҳандозӣ кардани барномаҳои ахлоқии нобаҷо раҳгум зада, дар бунбасти фикрию ақидатию ҳувиятию ахлоқию маданӣ қарор гирифтем. Ба қавли устод Лоиқ, "дар ҳошияи таърих вомондем". Акунун тасаввур кунед, ки дар замони

коммунистӣ, коммунист мешавем, дар замони ҷоҳилият ҷоҳил мешавем, дар замони атеист, атеист, дар даврони дилмадорӣ диндори содиқ ва ба ин тартиб, бо равиши замона “белзанӣ”-ро одат карда, то ба имрӯз расидаем. Бо ин гуна ахлоқиёт мо нашармида, боз даъвии тамаддунофарию худсозию ҳувиятмадорию миллатсозӣ мекунем. Магар бо ин гуна мавқеъгириҳо метавон ба натиҷаи дилхоҳ расид ва озода зиндагӣ кард? Албатта, ки не. Ба ин монанд суолоти зиёде дар зеҳнамон чарх мезананд ва барои пайдо кардани посухҳо ба решаи равони миллат таваҷҷуҳ бояд намуд ва мушкилоти асрҳо решагирифтаро шиносоӣ кард.

**Бистум.** Қаҳрамонони роман, бо он ки ба замони нав (бозсозӣ) мерасанд ва ба орзую ормонҳои миллию диниашон даст меёбанд, бо одамони нав, ҳайати мудирияти нав муросо карда наметавонанд ва дар қиёс бо замони худ иқдомоти тоифаи нави мансабдоронро, ки аз замони шуравӣ ва коммунистон бо тундтарин шева интиқод мекунанду айёми шуравиро аз ҳар ҷиҳат сиёҳ менамоянд, намепазиранд. Ин навъ эътирозро дар гилояи Озар Ҳаким хеле хуб ба мушоҳида мегирем: “—Ҳоло корашон маълум нест, дағдағаашон оламро гирифтааст” (С.320). Дар тӯйи хатнаи набераи Озар Ҳаким, дар ҳузури ҷамъи дӯстону мунтақидони замони шуравӣ Ҷовид сухан мекунад ва бар он ишора мефармояд, ки дӯстию рафоқати байни халқу миллатҳо асоси пойдории давлати шуравӣ буда, он чи ки имрӯз дорем, ба баракати ҳамон давра аст. Ҷовид ҷуръат пайдо карда, дар он суханронӣ, ки тоифаи навназарону мунтақидони режими коммунистӣ ҳам зиёд буданд, изҳор медорад, ки аз он давраи гузаронида ҳаргиз пушаймон нест (С.324).

**Бисту якум.** Бархурди ду навъи андешаву мавқеъгирӣ дар роман дар симои ду насл – насли замони карахтӣ (дар симои Ҷовиду Максим Бурови рус) ва насли замони горбачёвӣ (дар

симои Сарҳади писари Ҷовид, ки устоди Донишгоҳ ва номзади илми таърих буда, дар ҷӯши таҳаввулоти замонӣ қарор гирифтааст) барҷаста бозтоб ёфтааст. Сарҳад ба деҳа омада, падару модараш (Ҷовиду Гулнисо)-ро барои таҷлили ҷашни Наврӯз ба пойтахт – ба хонааш мебарад ва дар хона хони идона густурда ва меҳмононро бо ҳузури дӯстони хонаводагии Ҷовид – Максим Буров ва ҳамсараш Александра Захаровна даъвату пазирой мекунад. Суҳбат дар атрофи хони идона гарм гардида, ҷилави баҳс ба ҳаводиси февралӣ кашида мешавад (С.353-355). Баҳс миёни Максим Буров ва Сарҳад бештар авҷ мегирад ва намояндаи ду насл атрофи бетартибию беинзиботие, ки бар асари ҳаводиси февралӣ иттифоқ афтода, ҷони чандин нафарро бурда, ҳарҷумарҷи дохилиро мунҷар шуда буд, баҳс мекунанд. Сарҳад, ки аз қишри демократҳо ва озодандешони замонӣ намояндагӣ мекунад, сабаби ҳарҷумарҷ ва беинзиботиро ба кори нодурусту сиёсати хашини режими коммунистон марбут медонад. Дар муқобили ӯ, Максим Буров аз ҳангомасозиҳои демократмаобон ва мансабдорони нав, ки корашон танҳо сиёҳ кардани давлати шуравӣ ва айбҷӯйӣ аз элитаи сиёсии давр будааст, интиқод менамояд (С.354-368). Зимни баҳси ду насл аз тавтеаталабиии қишри муллоии ҷомеа, ки он замон сахт фаъол гардида, даст ба кор шуда, барои ташкили давлати динӣ-теократӣ талош меварзиданд, сухан ба миён оварда мешавад ва тайи баҳсу мунозираҳо Максим Буров дар посух ба иддаоҳои Сарҳади ҷавон бар он ишора менамояд, ки дар заминаи ташкили давлати исломӣ муллоҳо зиёд талош месозанд. Дар ин миён, сатҳи пасти тафаккури зиёиёни миллат ва авомзадагии онҳо ҳам ба риштаи баҳс кашида мешавад. Дар ин замина, Максим Буров Сарҳадро мухотаб қарор дода мегӯяд: "...Ними ҳукумататон ба ин кор тарафдор аст (яъне, ба ташкили давлати динӣ— Н.Н.)...Ҳамон зиёияш ҳам нигоҳаш тарафи мавҳумоту хурофот

ва авомунносаш ҳам” (С.357). Нависанда бо тартиббандии ҷолиб парда аз воқеияти ҷомеаи вақти мо бармедорад ва чистию кистии насли зиёиёни ватанию миллиро, ки ғолибан бо авомзадагию хурофаписандӣ созиш карда, миллатро ба вартаи нобудӣ кашиданд, ошкор месозад.

**Бисту ду.** Бахши хотимавии роман бо овардани хабари пошхурии империяи шуравӣ ва қатъ шудани фаъолияти ҳизби овозадору қудратманди КПСС аз ҷониби писари дувуми Ҷовид Додоҷон оғоз меёбад. Додоҷон омада хабари барҳамхурии Иттиҳоди Шуравӣ (СССР) ва Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ (КПСС)-ро мерасонад ва Ҷовид дар ҳолати карахтӣ меафтад. Хонавода омодагии рафтанро аз Бешаи Палангон мегирад ва ҳамин тавр, раҳораҳ зеҳни Ҷовидро суолу пурсишу фикрҳои зиёде мушавваш месозанд. Ба ин тартиб, Ҷовиди бознишаставу солманд ҳамроҳи ҳамсари солмандаш Гулнисо ва набераaш дар бустонсарои Бешаи Палангон қарор гирифта, бо худ гуфтугӯро атрофи мушкилоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фикрӣ ва фарҳангии мамлакат идома дода, аз тариқи пурсишу посуххо мулоҳизоташро пасупеш дар заминаи даргирию беинтизотиҳои замонӣ, ки боиси заиф шудани давлат гардидааст, ҷамъу ҷур карда, аз вазъи ноҷури мавҷуда сахт андуҳгин мегардад. Дар ҷустуҷӯйи шикасти империяи шуравӣ Ҷовид мекӯшад, ки сарриштаи шикастро дарёбад. Ва оғози авомили шикасту пошхурии империяи шуравиро Ҷовид аз замони Сталин ва махсусан, лаҳазоти марги ӯ шуруъ карда, ба замони давлатдориҳои Хрушеви ҳангомаҷӯву худнамо иртибот дода, манфиатпарастии роҳбарону ҳизбиёни баъдинаро сабаби аз байн рафтани империя медонад. Дар ҷараёни гуфтугӯ бо худ Ҷовид, ҳамчунин аз нақши русҳо дар рушди мактабу маорифу фарҳангу иҷтимоиёти тоҷик ёдовар мешавад ва ташаббусу ибтикороти онҳоро дар раванди рушду тараққӣ ситоиш мекунад (С.380).

Мулоҳизоти қаҳрамони марказӣ Ҷовид Мансурович дар бахши хотимавии роман бо муҳокимарониҳои қаҳрамонони романҳои "Ҳайҷо"-и устод Урун Кӯҳзод (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Ҳайҷо. – Душанбе: "Адиб", 2015. -416 саҳ.) ва "Гардиши девбод"-и устод Абдулҳамид Самад (ниг.: Самад, Абдулҳамид. Гардиши девбод. –Душанбе: "Маориф", 2019. -240 саҳ.) ҳамхонӣ дорад. Ду романи номбаршуда ҳам бо ноҷуриҳои ибтидои солҳои навадуми асри бист ва муҳокимарониҳои қаҳрамонони асосӣ дар атрофи беназмиҳо ва даҳшатҳо ба анҷом мерасанд. Ҷовид ҳам вазъи асафбори замонро ба мушоҳида гирифта, ҳаводиси гузаштаи ҳафтодсоларо дар маҳдудаи империяи шуравӣ ба хотир оварда, аз фарҷоми талхи он афсус хурда, чунин навъи фарҷоми бадро дар қолиби фаҳмиши ноуҳдабароии роҳбарони вақт, аз як тараф ва бозии қисмат, аз тарафи дигар, матраҳ мекунад: "Пас аз гузашти ҳафтод сол фарзандони ноуҳдабарошон ин давлат зишт будааст, гуфта, таънаву таъриз зада, барҳамаш доданд? Ё осмон ба хотире, ки дунёшро ба эътидол дорад, чунин корҳоро пеш мегузорад (С.381). Хулосабарориҳои қаҳрамони роман Ҷовид дар анҷом асафбор аст: "Он рӯзгори салоҳ ва осоиш, ки дар бист соли охир доштанд, барҳам мехӯрад. Дигар ҳеҷ вақт ба он зиндагие, ки доштанд, нахоҳанд расид" (С.381).

Ба ин тартиб, нависанда ҳаёти пурмоҷарои қаҳрамони роман Ҷовид Мансуровичро дар марҳилаи гуногуни зиндагӣ ба риштаи тасвир бармекашад ва ӯро дар ҷӯши ҳаводис озмуда, пухта менамояд. Дар зимн, бозтоб додани ҳаводиси як давраи асосии таърихи миллат (сад соли ҳамшарикӣ бо Русия) кори басе мушкил аст ва устод Мирзонасриддин аз уҳдаи ин кори сангин баромадааст. Албатта, ҳар як асари бадеӣ аз камбудиҳо орӣ нест ва вазифаи нақди мунсифонаи адабӣ ва ихтисосист, ки камбуду навоқиси асарро дар баробари муваффақияту комёбиҳо ошкор сохта, шароити мусоидро барои бозшиносию ислоҳу рафъи мушкилоту навоқис фароҳам меоварад.

**Фарангиси ФАРҲУД**
*мудири пажуҳишсарои фарҳанг,*
*ҳунар ва адаби форсии "Собит"*
*дар Машҳад*

# ДИН АБЗОРИ СИЁСАТ ДАР БАРАНДОЗИИ ҶАМШЕД ДАР "ШОҲНОМА"-И ФИРДАВСӢ

Чакидаи мақола:

"Шоҳнома" мероси сутурги эрониён, дорои мазмунҳоест, ки гоҳ ба рамз омадааст ва ҳамин вижагӣ онро барои тамомии давраҳои таърихӣ коромад мекунад. Дар навиштори пеши рӯ, такияи пажуҳиш ба лиҳози истидлолӣ, матни аслии "Шоҳнома" дар бахши асотирӣ аст ва талош бар он аст, ки андешаи сиёсии лояҳо (қабатҳо)-и пинҳони сухани Фирдавсӣ ошкор шавад. Нақши дин ва намуди он ба шакли фарраи эзадӣ бознамоӣ гардад. Ин фарзия матраҳ мешавад, ки дар бахши асотирии "Шоҳнома", дин бар сиёсат асари мустақим дошта ва гоҳ таъйинкунандаи рафторҳои сиёсӣ будааст. Ниҳоди дин ба унвони як ниҳоди қудрат ва гоҳ ба унвони абзор дар дасти сиёсатмадороне метавониста дар азлу насби шоҳон асаргузор бошад.

Ин мақола ба равиши таҳлилӣ-тавсифӣ кӯшидааст то қароин (нишонаҳо)-и дахолат ва асари мӯбадон бар тағйири сарнавишти кишвар дар бахши подшоҳони пешдодӣ, бавижа дар ҷобаҷойии қудрат аз Ҷамшед ба Заҳҳокро нишон диҳад.

## Муқаддима ва баёни масъала

Дар мавқеъиятҳои мухталифи фикрӣ, ковишҳои "Шоҳнома", овардаҳои нав ба ҳамроҳ дорад. Лояи зоҳирӣ пӯшишест барои мафҳуми жарфи он, чунонки сарояндааш мефармояд:

*Ту инро дурӯғу фасона мадон,*
*Ба яксон равиш дар замона мадон.*
*Аз ӯ ҳар чи андар хӯрад бо хирад,*
*Дигар бар раҳи рамзу маънӣ барад.*

Ва дар оғози достони Аквондев низ дубора таваҷҷуҳи моро ба лояҳои зерини матн ҷалб мекунад:

*Хирадманд к-ин достон бишнавад,*
*Ба дониш гарояд бад-ин награвад.*
*Валекин чу маъни-ш ёд оварӣ,*
*Шавад рому кутаҳ кунад доварӣ.*

Ин навиштор бо техники пажуҳиш дар манобеи китобхонаӣ, ду қудрати шоҳӣ ва қудрати мӯбадӣ дар подшоҳони пешдодӣ, бавижа Ҷамшед, робитаи ҳокимият ва динро баррасӣ мекунад.

Гӯӣ аз рӯзи нахуст машруияти салтанат бо қудрати дин сурат гирифта. Асари дин ва мақбулияти он дар зеҳни мардум амре мусаллам дида мешавад. Дин намоди қудрати маънавӣ ва подшоҳ намоди қудрати заминӣ аст.

Шояд битавон яке аз аркони муҳими сохтори сиёсии Эрони бостонро, ки дар мутуни адабии барҷомонда аз он даврон, бадон пардохта шуда, пайванди дину сиёсат ё ба забони имрӯзӣ, ҳамбастагии дину давлат донист. Дар мутуни Авастоӣ ишорати бисёр ба ин мавзуъ шудааст; ҳамчунон ки фарраи эзадӣ, нишонест устувор аз вуҷуди робитаи ногусастанӣ миёни ҳокимият ва дин. Муғон ё ҳамон мӯбадон, ки уҳдадори маросим ва иҷрои ҳудуди шаръӣ дар ойини Зартушт буданд, тавонистанд бо таваҷҷуҳ ба фарраи эзадии шоҳон, пои худро ба дарбор боз кунанд ва аз ҳамон нахустин лаҳза салтанате мазҳабӣ барпо доранд (Фазлуллоҳ Разӣ).

Манобеъ ба мо мегӯянд, ки шоҳони асотирии "Шоҳнома", дар ҳолае аз қидосат ҳастанд. Онҳо ба таъйиди динию илоҳӣ, қабола (санад)-и салтанатро ба даст гирифтаанд. Дину

шаҳриёрӣ ҳамвора бо ҳам пеш мераванд ва ба ҳам вобастаанд. Барои дарёфти мафоҳими зерин ин иртибот дар бахши асотирӣ бояд варои зоҳир, бо нигоҳе дигар, бияндешем.

Эрих Фромм, равонков ва файласуфи иҷтимоии олмонӣ муътақид аст, ки устура монанди рӯё, ақоиду афкори фалсафӣ ва мазҳабию воқеиро, ки дар замону макон иттифоқ афтодаанд ва низ таҷрибаҳои равонии муҳимми инсонро ба забони символизм баён мекунад. Агар натавонем маънои воқеии асотирро дарк кунем, маҷбур хоҳем шуд онҳоро тасовире пеши по афтода ва бадавӣ аз таърихи дунё талаққӣ кунем ва дар беҳтарин ваҷҳи мумкин онҳоро фаровардаҳое шоиронаву зебо аз тахайюли инсонӣ бидонем.

Раванди шаҳриёрӣ ва сиёсати каноратирӣ ё халъи салтани Ҷамшед, ба содагӣ бар асоси зоҳири абёт қобили пазириш нест ва пурсишҳоеро дар зеҳн меоварад, ки дар посух ба он бояд ниҳодҳои қудратро дар сатҳи калон пайдо кард. Иртибот миёни мубадону шоҳон ва шеваҳову техникҳои бозии қудрат дар дастгоҳи дину сиёсат қобили баррасӣ аст, то посухи пурсишҳо ошкор шавад:

— Оё дар бахши асотирии "Шоҳнома" дин ба унвони абзоре дар дасти сиёсатмадорон қарор гирифт?

— Дин чигуна тавонист дар интиқоли қудрат муассир бошад?

— Оё фарраи эзадӣ барсохтаи мубадон барои маҳори қудрат буд?

— Се омили дин, сиёсати хориҷӣ, сарвату сармоядорӣ читур метавонист дар интиқоли қудрат муассир бошад?

— Ҳадаф аз даъвати бегонае матмул(сарватманд, тавонгар, молдор) барои шоҳӣ бар Эрон ба ҷои Ҷамшед чӣ буд?

Устурашиносӣ ё мифология (илми тафсири устура ва афсона) таърихи фарҳанги моддию маънавии аввалияи ҳар миллат аст. Нахустин бахши "Шоҳнома" таърихи устураи

Эрон аст. Аҳаммияти "Шоҳнома" дар ин бахш танҳо ин нест, ки ақидаи эрониро дар бораи офариниши ҷаҳон, сард шудани замин ва пайдоиши гиёҳу ҷонвар ва кӯшиши инсон барои таҳияи хонаву аҳлӣ кардани ҳайвонот шарҳ медиҳад; балки дар посух ба ин пурсиш аст, ки чаро мардумон он ҷаҳони биҳиштинро, ки дар он сармову гармо, гуруснагию қаҳтӣ, ҷангу бемориӣ, зиштию пирӣ ва марг набуд, аз даст доданд! Дар устурашиносии эронӣ далели табоҳии ҷаҳони хайр дар гусастани фарраи эзадӣ аст; яъне парвардигори мардум низ бо ин раҳбари гумроҳ аз рӯи хирад нест, балки рафтори мардуме шитобзада ва шӯришталаб аст (Оқо Алихонӣ).

Пешинаи пажуҳиш

Тамоми пажуҳишҳое, ки дар бахши асотирӣ сурат гирифта, тақрибан як чизро дар бораи Ҷамшед такрор кардаанд, ки ӯ мағрур шуд ва иддаои худоӣ кард. Дар китоби "Трагедияи қудрат дар "Шоҳнома"-и Мустафо Раҳимӣ дар бораи Ҷамшед мегӯяд: "Қудрат агар василаи додгустарӣ ба Ҷамшед медиҳад, чун аз ҳад гузашт, боре кори ӯро ба ҷунун мекашонад то ҷое, ки худро Худо медонад ва ин аст хасисаи шигифтии қудрат!" (Мустафо Раҳимӣ). Алӣ Ризоқулӣ дар китоби "Ҷомеашиносии худкомагӣ" Ҷамшедро дорои қудрати мутлақ медонад ва менависад: "Қудрати мутлақ, мутлақан фосид мекунад". Саъиди Сирҷонӣ дар китоби "Заҳҳоки мордӯш", Ҷамшедро низ худкома мепиндорад ва менависад: "Ҷамшед дар ҷомеае бидуни интиқод, ғурур варзид ва ҳавои худоӣ ба сараш зад". Фазлуллоҳ Ризо дар китоби "Пажуҳише дар андешаи Фирдавсӣ" дар мавзуи Ҷамшед менависад: "Душмани шоҳ дарунӣ аст, берунӣ нест. Ӯ парчами исён бардошта ва ба ҷанги Худо рафта". Ва дар бисёри кутуб ва мақолоти дигар ҳамвора ба зоҳири абёт таваҷҷуҳ шуда, ғуруру иддаои худоӣ карданро омили суқути

Ҷамшед донистаанд. Ғолиби пажуҳишҳо мувофиқ бар нек пиндоштани табақаи отурбонон буда ва пажуҳише, ки дар он ба дигаргуна дидани дин ва сиёсӣ ангоштан ва ё абзорӣ дидани дин барои сиёсат бошад, дар бахши асотирӣ ёфт нашуд. Аз ин ҳайс, ин баррасӣ нигоҳе навро ироа медиҳад.

## Мабонии назарӣ

Баррасии сиёсии достонҳои асотирӣ дар адабиёти "Шоҳнома" ниёзманди донише байнориштаӣ аст. "Мутолиоти адабӣ-сиёсӣ, баррасӣ ва шинохти дусӯяи сиёсатварзӣ бо адабиёт бо истифода аз ҳамаи мавориди мавҷуд аст, ки дар он нақши афкор, адабиёт, забон ва ҳукуматҳо барҷаста менамояд. Иборати адабиёти сиёсӣ гӯёи он аст, ки ин дониш мекӯшад, то бо рӯйкарде байнориштаӣ, ду ҳавзаи улуми инсониро дар таомулу пайванд бо ҳам бидонад. Мутолиоти адабӣ-сиёсӣ бо навъе бозхонии фарояндҳои адабиёт ва корбасти он дар олами сиёсатварзӣ аст. Ин ки чигуна адабиёт мутанозир (назораткунанда) бар баёни мафоҳим ва авзои иҷтимоию сиёсии як давра аст ва чигуна онро тарсим карда, дар ин ҳавза мавриди баррасӣ қарор мегирад" (Қадамалии Сиромӣ).

Дар бахши подшоҳони асотирӣ, аз Каюмарс то Ҷамшед, навъи дин ба сароҳат мушаххас нашуда, аммо аз фарраи эзадӣ борҳо сухан ба миён меояд. "Фарра, фурӯғи эзадист, ки ба дили ҳар ки битобад, аз ҳамагон бартарӣ меёбад ва аз партави ин фарра аст, ки касе ба подшоҳӣ мерасад ва метавонад дасти Аҳриман ва бадҳоро кӯтоҳ кунад" (Пури Довуд).

Фарра ба чанд навъ тақсим мешавад: фарраи равшанӣ, фарраи каёнӣ, фарраи озодагон, фарраи ногирифтании мутааллиқ ба осарвонон (отурбонон, осурбонон ё руҳониён), (Тавассул Панохӣ).

Фарраи эзадӣ: Фарраи эзадӣ неруи минӯӣ аст. Нигоҳбони подшоҳону паҳлавонони эронӣ, ки фармонравой бар

эроншаҳр дар гарави он ниҳода шудааст (Каззозӣ). Подшоҳӣ диҳише эзадист, то ӯ нахоҳад касе наметавонад ба пойгоҳи шоҳӣ даст ёбад. Дар ин вижагӣ исботи фарраи эзадӣ манут ва мавкул ба нишонаҳои ошкори пирӯзӣ аст. Ҳар ки сар ба шӯриш гузорад ва пирӯз шавад, ҳукумати ӯ мавриди таъйиди худованд аст (Ваҳиди Баҳромӣ).

Фарраи шоҳӣ: Ҳамон нажод аст, ки ба сурати мавpусӣ (меросӣ) ба писар мунтақил мешавад. Фарраи эзадӣ фақат ба шоҳон дода мешавад ва нишон медиҳад, ки ҳукуматашон мавриди ризояти Худост ва ба онҳо машруият мебахшад.

Фарраи мӯбадӣ: Касоне, ки ба хотири дину кишвар меҷанганд ва сарзамини яздонпарастонро густариш медиҳанд, дорои фарраи мӯбадӣ мешаванд ва бештар ҷанбаи динию маънавӣ дорад. Дар ҳамлаи Манучеҳр ба сипоҳи Тур ба размандагони эронӣ гуфта мешавад, касоне ки хуни лашкари Чину Румро бирезанд, то ҷовидон некном ва бо фарраи мубадон мемонанд (Ваҳиди Баҳромӣ).

Ҳар он кас ки аз лашкари Чину Рум,  
Бирезанд хуну бигиранд бум.  
Ҳама некноманд то ҷовидон,  
Бимонанд бо фарраи мӯбадон.

Шоҳ бояд ба таъйиди динӣ мерасид ва фарраи эзадиро касб мекард. Намояндагони динӣ метавонистанд ин таъйиидро аз эшон биситонанд, чунон ки дар поёни достони Ҷамшед. Фар ё фарра машруиятсоз аст ва ба сабаби он мардум аз шоҳ итоат мекунанд.

Каюмарс

Бахши асотирӣ бо Каюмарс оғоз мешавад ва аз ҳамон оғоз Каюмарс бо пешвои динӣ ҳамгом аст. Каюмарс аз ибтидои нишастан бар тахти шоҳӣ, бо мӯбадон ҳамгом аст. Аз онҳо иҷозаву таъйид мегирад:

*Каюмарс шуд бар ҷаҳон кадхудой,*
*Нахустин ба кӯҳ андарун сохт ҷой.*

Кӯҳ ҷои мӯбадон будааст ва Каюмарс ба пуштивонаи онҳо бар тахт менишинад, чун онҳо тасмим гирифта буданд, ки як нафар, ки мавриди итминон онҳо бошад, бояд бар мардум ҳукумат кунад. Пас ӯ дорои фарри шоҳаншаҳӣ шуд. Ҳама чиз бо ӯ ҳамсадо буд. Назари мухолифе надошт. Даду дом ва ҳар ҷонваре дар муқобили ӯ таслим буданд, яъне мӯбадон роҳро бар ӯ ҳамвор мекарданд:

*Даду дому ҳар ҷонвар к-аш бидид,*
*Зи гетӣ ба наздики ӯ орамид.*
*Дуто мешудандӣ бари тахти ӯй,*
*Аз он баршуда фарраву бахти ӯй.*
*Ба расми намоз омадандеш пеш,*
*В-аз он ҷойгаҳ баргирифтанд кеш.*

Кеш дар форсӣ ҳаммаънои дин аст, аммо дар паҳлавӣ танҳо барои динҳои бероҳу табоҳ кор мерафтааст (Каззозӣ), гӯё мардум бо ӯ байъат мекарданд ва дини аҳримании худро канор мегузоштанд ва зери парчами дини Каюмарс қарор мегирифтанд. То ин ки ҳамин мардум, ки ба зоҳир дини ӯро пазируфта буданд ба ҷамъоварии сипоҳ пардохтанд то бо Сиёмак биҷанганд. Ин ҷо ниҳоди рӯҳоният, ки аз ибтидо вазорати иттилоотро ташкил дода буд, ба сурати махфиёна мавзуро ба Сиёмак иттилоъ медиҳад:

*Якояк биёмад хуҷастасурӯш,*
*Ба сони парӣ бо палангинапӯш.*
*Бигуфташ ба роз ин сухан дар ба дар,*
*Ки душман чи созад ҳаме бо падар.*

Бо ҳидоятҳои Яздон ва аз тариқи раҳнамуди сурӯш омодаи мубориза бо Аҳриман мешавад ва дар ниҳоят ин мубориза ба қатли Сиёмак меанҷомад. Баъд аз соле сӯгворӣ барои марги

Сиёмак, аз сӯи довари Кирдигор бо воситагарии сурӯш паём меояд, ки ба фармони ман бархез ва бо девон биҷанг.

Чаро Худо барои ирсоли ин паём як сол таъхир дорад? Чун рӯҳониён медонанд, ки ҳанӯз лашкари кофӣ барои набард надоранд ва зӯрашон намечарбад. Бояд як сол рӯи зеҳни мардум кор кунанд то онҳоро ҳамсӯи худ гардонанд, сипас паём аз сӯи Кирдигор меояд:

*Дуруд оваридаш хуҷастасурӯш,*
*К-аз ин беш махрӯшу боз ор ҳуш.*
*Сипаҳ созу баркаш ба фармони ман,*
*Баровар яке гард аз он анҷуман.*
*Аз он бадкуниш дев рӯи замин,*
*Бипардозу пардахта кун дил зи кин.*

Девҳо ақалияте буданд, ки ба дин ё ойини ҳукумат набуданд. Барои нобудии онҳо лашкаре аз ҳайвоноту париён фароҳам омад. Нақши парӣ дар ин достонро чӣ касе ҷуз неруи иттилоотӣ метавонад дошта бошад, ки гаҳ пайдову гаҳ нопайдоянд? Дар ду байти пушти сари ҳам аз парӣ ёд шуда, ки аз аркони лашкар ҳастанд:

*Парию паланг анҷуман карду шер,*
*Зи дарандагон, гургу бабри далер.*
*Сипоҳе даду дому мургу парӣ,*
*Сипаҳдор бо кину гундоварӣ.*

Дар достони Ҳушанг низ иллати пешрафтҳои ӯро эзадӣ ҷоҳ ва фарри каён медонад. Ҳушанг дорои пуштивонаи динии бузургест ва бо кашфи оташ абзори бузурге барои қудрати мӯбадон ба онҳо месупорад ва дар ҳақиқат дар афзудани қудрати онҳо талош мекунад.

## Таҳмурас

Пас аз Ҳушанг, писараш, Таҳмурас бар тахт менишинад ва нахустин кораш мулоқот бо мӯбадон аст:

*Ҳама мӯбадонро зи лашкар бихонд,*
*Ба хубӣ чи моя суханҳо биронд!*

Байти фавқ нишон медиҳад, ки мӯбадон дар лашкар ҳастанд ё мӯбадонро ҷузъи хайли худ ба ҳисоб меоварад ва ё ин ки мӯбадон фармондеҳи кулли қувво ҳастанд. Дар таърифи "фарри мӯбадӣ" дидем, ки онҳо ҷанговар буданд; бинобар ин ҳузур дар лашкар метавонад коркарди размӣ ҳам барои нақши мӯбадон эҷод кунад.

Таҳмурас мутобиқи майли онҳо сухан мегӯяд. Мехоҳад дили онҳоро ба даст оварад ва итминон диҳад, ки гӯш ба фармон аст то ройи эътимод бигирад ва соҳиби фарра шавад. Таҳмурас ба мӯбадон қавл медиҳад, ки дасти душманони диниро кӯтоҳ кунад ва ҳамчунон бар хатимашӣ падараш ба дастури мӯбадон амал кунад то ҷаҳонхидев бошад:

*Зи ҳар ҷой кӯтаҳ кунам дасти дев,*
*Ки ман буд хоҳам ҷаҳонро хидев.*

Ӯ пас аз аҳлӣ кардани парандагон, онҳоро даъват ба итоату ниёиши Худо мекунад ва ёдоварӣ мекунад, ки қудраташро аз ин ҷойгоҳи динӣ ба даст овардааст:

*Чунин гуфт к-инро ситоиш кунед,*
*Ҷаҳонофаринро ниёиш кунед.*
*Ки ӯ додамон бар дадон дастгоҳ,*
*Ситоиш мар ӯро, ки бинмуд роҳ.*

Мӯбадон барои ӯ вазире аз дастаи худашон таъйин мекунанд. Мӯбаде дар либоси вазир ба номи Шаҳрасп. Ҳузури дин дар канори сиёсат, барои маҳдуд кардани қудрати шоҳ аз сӯи ниҳоди динӣ зарурӣ ба назар мерасид. Шаҳрасп рӯза мегирифт ва намоз мехонд. Роҳро аз чоҳ ба шоҳ нишон медод ва ҳамвора мувозиби ӯ буд, ки аз роҳи таъйиншуда, тахатӣ сурат нагирад:

*Ҳама рӯз баста зи хӯрдан ду лаб,*
*Ба пеши ҷаҳондор бар пой, шаб*

*Чу ҷон бар дили ҳар касе буд дӯст,*
*Намози шабу рӯза ойини ӯст.*

Муқаддасмаобӣ ва мақбулияте, ки ба воситаи рафтори динӣ касб карда буд, дар абёт нишон дода шудааст:

*Ҳама роҳ некӣ намудӣ ба шоҳ,*
*Ҳама ростӣ хостӣ пойгоҳ.*

Вақте шоҳ ба воситаи ҳамнишинӣ бо Шаҳрасп комилан шустушӯи мағзӣ шуд ва дидгоҳи ғуборолудаш тағйир ёфт, ҳоло аз бадиҳо пок шуда ва қобилияти фарраи эзадӣ ё дар лоя (қабат)-и пинҳон таъйиди мӯбадонроо меёбад:

*Чунон шоҳ полуда гашт аз бадӣ,*
*Ки тобид аз ӯ фарраи эзадӣ.*

Шоҳе, ки то кунун фақат ба фикри пешрафти кишвару ободонии он буд, чӣ бадӣ дошт, ки бояд полуда мегашт? Гӯё ҳанӯз рӯҳониён ба ӯ эътимоди комил наёфта буданд; магар он ҷо, ки Шаҳраспро ҳамроҳи ӯ намуданд то зеҳни ӯро нисбат ба мӯбадон покиза кунад! Шаҳрасп дорои асп аст ва ин намуде аз сарват аст. Сарват, ки худ навъе аз қудрат аст метавонад пуштивонаи қудрати ҳокимият бошад. Байти баъд нишон медиҳад, ки Таҳмурас бediранг пас аз фарра ёфтан, савор бар аспи сарват, дастури мӯбадонро иҷро мекунад:

*Бирафт Аҳриманро ба афсун бибаст,*
*Чу бар тезрав борагӣ барнишаст.*

Иттиҳоди дину давлат қудрате азим ба ҳукумат мебахшад, чунонки Ардашери Бобакон низ ба фарзандаш Шопур чунин андарз медиҳад:

*Чу бар дин кунад шаҳриёр офарин,*
*Бародар шавад шаҳриёриву дин.*
*На бе тахти шоҳист дине ба пой,*
*На бе дин бувад шаҳриёрӣ ба ҷой.*
*Ду дебост як дар дигар бофта,*
*Бароварда пеши хирад тофта.*

*На аз подшаҳ бениёз аст дин,*
*На бе дин бувад шоҳро офарин.*
*Чунин посбонони якдигаранд,*
*Ту гӯӣ, ки дар зери яке чодаранд.*

Дар набард бо девҳо, ду бахш аз онҳоро бо афсуну ҷоду асир мекунад! Таҳмурас ҷоду дар кор кард ё ин кор, нишонаи ҳимояти мӯбадон буд?!

*Аз эшон ду баҳра ба афсун бибаст,*
*Дигаршон ба гурзи гарон кард паст.*

Дар ниҳоят боз ҳам Таҳмурас чашми Шаҳраспро дур мебинад бо девҳо сари созиш мегузорад ва девҳои босаводу доно талош мекунанд, ки ба ӯ огоҳӣ бирасонанд ва зеҳни ӯро равшан кунанд. Дар ин ҳангом Шаҳрасп дигар дар достон вуҷуд надорад:

*Набиштан ба хусрав биёмӯхтанд,*
*Дилашро чу хуршед бифрухтанд.*
*Набиштан яке на, ки наздики сӣ,*
*Чи румиву чи тозиву порсӣ...*

Саранҷом Таҳмурас пас аз пайванд ёфтан бо девҳо ба дурустӣ дар "Шоҳнома" ошкор нашуда ва дуруст пас аз номи хатҳои мухталифе, ки девҳо ба ӯ омӯзиш доданд, достон ба марги шоҳ поён меёбад:

*Ҷаҳондор сӣ сол аз ин бештар,*
*Чигуна бурун овäридӣ ҳунар?*
*Бирафту сар омад бар ӯ рӯзгор,*
*Ҳама ранҷи ӯ монд аз ӯ ёдгор.*

Оё Таҳмурас мавриди ғазаби ниҳоди динии болодаст қарор гирифт ва мармузу пинҳонӣ сар ба нест шуд?!

## Ҷамшед

Дар Авасто Ҷамшед зодаи нахустин мӯбади ҳум аст. Нахустин истумандест, ки шираи гиёҳи ойинӣ ва сипанди

ҳумро мегирад ва аз он нӯшоба месозад. Ба подоши ин кор аст, ки Ҷамшед барои вай зода мешавад (Исно 4/9, ба нақл аз Каззозӣ). Ҷамшед дар "Шоҳнома фарзанди Таҳмурас аст. Ӯ аз ибтидо бо фарри шоҳаншаҳист ва ҳама ба фармони ӯянд ҳатто париён: "Ба фармони ӯ деву мурғу парӣ".

Ӯ худ мӯбад буд ва аз миёни мӯбадон бархоста ва бо тасмими онҳо шоҳ шудааст:

*Манам гуфт бо фарраи эзадӣ,*
*Ҳамам шаҳриёрӣ, ҳамам мӯбадӣ.*

Ӯ дар низоми қудрат аз эътибори дин барои касби қудрати шаҳриёрӣ баҳра ҷӯст. <u>Нахустин кораш сохти таҷҳизоти ҷангӣ аст. Нахуст олати ҷангро даст бурд...баъд ҳам тақсими табақотиро анҷом дод ва отурниён (осурбон ё котузиён)-ро аз миёни мардум ҷудо кард ва онҳоро ба кӯҳистон фиристод то дар он ҷо ибодат кунанд ва дар ҳукуматдорӣ дахолат накунанд</u>. Ин аввалин подшоҳ аст, ки ҷомеаи диниро ба унвони як табақаи иҷтимоӣ муаррифӣ мекунад:

*Гурӯҳе, ки котузиён хонияш,*
*Ба расми парастандагон донияш.*
*Ҷудо кардашон аз миёни гурӯҳ,*
*Парастандаро ҷойгаҳ кард кӯҳ.*

*Бад-он то парастиш бувад корашон,*
*Навон пеши равшан ҷаҳондорашон.*

Дар абёти боло Фирдавсӣ нишон медиҳад, ки Ҷамшед арзиши коре барои рӯҳониён қоил нест ва фақат кори онҳоро парастиш медонаду бас; вале баръакси онҳо, "артишиён"-ро нигаҳдорандаи тахти шоҳӣ медонад ва мардонагию коргузориро аз онҳо медонад:

*Сафе бар дигар даст биншонданд,*
*Ҳаме ном найсориён хонданд.*
*Куҷо шермардони ҷанговаранд,*

*Фурӯзандаи лашкару кишваранд.*
*К-аз эшон бувад тахти шоҳӣ ба ҷой,*
*В-аз эшон бувад номи мардӣ ба пой.*

Дар абёти пешин низ нишон медод, ки нахустин кори Ҷамшед баъд аз тоҷгузорӣ, сохти силоҳи ҷангӣ аст барои тақвияти ин гурӯҳ. Баъд аз тақсимбандӣ ба суроғи девҳои нопокдин меравад. Бо онҳо шурӯъ ба кори шаҳрсозӣ мекунад. Гармобаву кох месозад. Ҷамшед бо девҳои доно дӯст буд. Онҳо муҳандисӣ ва хатту забон медонистанд. Маданияту шаҳрсозӣ ба кумаки девон сурат гирифт. Онҳо илми осмонро низ медонистанд ва ҳамсафари Ҷамшед дар осмон шуданд.

Диндорон ҳунаре надоштанд ва аз наздик шудани Ҷамшед ба девҳо нигарон буданд. Девҳо ҳаргиз дину ойини рӯҳониёни давраи Ҷамшедро напазируфта буданд ва барои ҳамин аз назари рӯҳониёни мусаллат, ронда шуда ва нопок маҳсуб мешуданд ва ҳар чи андешаи палид буд, ба онҳо нисбат дода мешуд:

*Ту мар девро мардуми бад шинос,*
*Касе к-ӯ зи Яздон надорад сипос.*

Ҷамшед баъд аз ниёзҳои аввалия ба сӯи таҷаммулот меравад. Санги қимматӣ ва симу зар истихроҷ мекунад. Хушбӯкунандаҳоро таҳия мекунад ва ба суроғи пизишкӣ меравад ва баъд ҳам киштиронӣ мекунад, сипас тахте месозад, ки ба кумаки девҳо парвоз мекунад. Дар тамоми ин солҳо Ҷамшед бо девҳо ҳамроҳ буд ва девҳо ба ӯ хидмат мекарданд:

*Зи ранҷу зи бад-шон набуд огаҳӣ,*
*Миён баста девон ба сони раҳӣ.*

Мардум ранҷу бадӣ надоштанд. Шоду розӣ буданд. Шоҳ низ ҳамроҳу дӯстдор ва ба ҳамроҳи мардум буд. Низоми мардумсолорӣ буд:

*Ба фармон-ш мардум ниҳода ду гӯш,*
*Зи ромиш ҷаҳон пур зи овои нӯш.*

Ба ҳамин ҷиҳат пас аз солиёне, ки ӯ хидматгузори мардум буд, дорандаи фарри каёнӣ ё фарри шоҳӣ шуд:

*Чунин то баромад бар ин солиён,*
*Ҳаметофт аз шоҳ фарри каён.*

Билохира, зоҳири достони Ҷамшед дар "Шоҳнома" мегӯяд, ки ӯ манӣ кард. Тавзеҳи қонеъкунандае матраҳ нагардидааст. Шоҳе чунон бузург ва дӯстдори мардум, аҳли донишу фазл ва дорои мақбулияти ом, ногаҳон ба воситаи ғурур ба зер кашида шавад, ҷуз ҳарф он ҳам дар миёни бузургони лашкару меҳони кишвар, коре ва амале надода буд, ки боистаи азли ӯ бошад:

*Чунин то баромад бар ӯ рӯзгор,*
*Надиданд ҷуз хубӣ аз кирдигор.*
*Ҷаҳон сар ба сар гашт ӯро раҳӣ,*
*Нишаста ҷаҳондор бо фарраҳӣ.*
*Якояк ба тахти меҳӣ бингарид,*
*Ба гетӣ ҷуз аз хештанро надид.*
*Манӣ кард он шоҳи яздоншинос,*
*Зи Яздон бипечиду шуд носипос.*

Яке аз муҳимтарин вазоиф ва техники мӯбадон, ҷилавгирӣ аз инҳирофи шаҳриёр аз суннатҳои динӣ буд. Дар воқеъ қудрату нуфузи мӯбадон ба ҳадде буд, ки гоҳе шаҳриёрро бозхост мекарданд ва ба ин тартиб қудрати шаҳриёр маҳдуд мешуд. Чунон ки дар "Шоҳнома" мӯбадон аз Касро Нӯшинравон дар бораи корҳои мухталифе, ки бар хилофи суннати динӣ анҷом дода буд, бозхост мекарданд (Баҳромӣ). Мӯбадон умдаи кори худро мутаваҷҷеҳи ҳукумати дунявӣ карда буданд ва бо нуфуз ва шабакаи неруманд, ки дар давоири (доираҳо)- давлатӣ доштанд, ба шакле мустақим дар сарнавишт ва аҳволи якояки мардум дахолат мекарданд. Огониёс мегӯяд: "Дигар ҳама мардум илзоман ба қавли ин, яъне пазириши қудрати муғон мулзам шудаанд ва ҳамаи

умури кишвар ба савобдиду ройзании онҳо ба натиҷа мерасад. Дар раъси ин созмони бузургу қудратманди муғона, мӯбади мӯбадон қарор дошт, ки бо ҷиддияту хушунат ва сахтгирӣ, бо ҳазорон маъмури зердаст, созмони худро идора мекард, азлу насб ва таъйини ҳудуди ихтиёроте, ки ба коргузорон вомегузошт, бо ӯ буд ва бар ҳасби зоҳир вайро шоҳ таъйин мекард, аммо ҳар гоҳ шоҳ гоме бархилофи манофею хостаҳо ва маҳдудияти ин тоифа бармедошт, мавқеияти худашро ба хатар меандохт. Тарбияти валиаҳд бо назари вижаи мӯбади мӯбадон буд, ҳар гоҳ созмони муғон намехост, валиаҳд ба салтанат расад, ройю назараш ҳалкунанда буд (Разӣ).

Ба назар мерасад Ҷамшед замзамаҳое пинҳонӣ алайҳи худ шунидааст. Аз он ҷо, ки ӯ аҳли гуфтугӯст на ҷанг, пас нишасте бо бузургони лашкар баргузор мекунад ва ночор барои дифоъ аз худ дар муқобили дасисае, ки аз он хабар ёфта, хадамоташро ёдоварӣ мекунад:

*Гаронмоягонро зи лашкар бихонд,*
*Чи моя сухан пеши эшон биронд.*
*Чунин гуфт бо солхурда меҳон,*
*Ки ҷуз хештанро надонам ҷаҳон.*
*Ҳунар дар ҷаҳон аз ман омад падид,*
*Чу ман номвар тахти шоҳӣ надид.*
*Ҷаҳонро ба хубӣ ман оростам,*
*Чунон аст гетӣ куҷо хостам.*

Ёдоварӣ мекунад, ки рифоҳу оромиш ва шодиро барои ҳамагон фароҳам кардааст. Порчабофӣ ва либоси танашонро ӯ фароҳам кардааст:

*Хӯру хобу ороматон аз ман аст,*
*Ҳамон пӯшишу коматон аз ман аст.*

Эътироз мекунад, ки бо он ҳама хадамот, шоҳӣ фақат шоистаи ӯст ва дуруст нест, ки ба дунболи тағйири ҳукумат бошанд ва шоҳе дигар баргузинанд:

*Бузургию дайҳиму шоҳӣ марост,*
*Ки гӯяд, ки ҷуз ман касе подшост?!*

Вақте ӯ маният кард, ҳеч кас аз дарбор тамаллуқу чоплусӣ накард. Ҳама сарҳоро пойин афканданд. Магар мешавад дарборе бо подшоҳе мустабид бидуни мутамаллиқу таъйидгар бошад?! Чун сухани ӯ мабнӣ бар худситоӣ набуд; балки шикояту ранҷидагии ӯ аз атрофиён буд, ки тамоми заҳматҳои ӯро надида гирифта ва дасиса мечиданд. Мехост бигӯяд, бо ин ҳама хадамот, чаро бо ман чунин мекунед?!

Дар ибтидои нишаст дар абёти "Шоҳнома" сухане аз мӯбадон набуд, вале ногаҳон ин ҷо ба ҷои ин ки бигӯяд бузургони лашкар сар ба зер афканданд, ин ҳаракатро барои мӯбадон матраҳ мекунад, яъне дубора нишон медиҳад, ки мӯбадон дар миёни лашкариён буданд ё фармондеҳии онҳоро доштанд. Таркиби дину зӯр ва ҷанговарӣ метавонад ба абзорӣ шудани дин кумак кунад. Инак ҳама мӯбадон, ки медонистанд шикваҳои шоҳ дуруст аст ва посухе надоштанд, сукут ихтиёр карда ва сар ба зер афкандаанд:

*Ҳама мӯбадон сар фиканда нагун,*
*Чаро кас наёраст гуфтан на чун.*

Агар сухани Ҷамшед масъалаи динӣ буд, мӯбадон мебоист аз худояшон дар баробари Ҷамшед дифоъ мекарданд. Ҳар чи бошад, қудрати Худо беш аз қудрати Ҷамшед аст, лекин масъала худоӣ кардан ва ғурури Ҷамшед нест; балки онҳо воқеан медонистанд Ҷамшед дуруст мегӯяд ва посухе надоштанд. Наметавонистанд хидмати Ҷамшедро нодида бигиранд, аммо масъалаи аслӣ қудрат буд. Мӯбадон ба шоҳе дар ихтиёри мӯбадон ниёз доштанд, ки Ҷамшед он набуд. Пас таъйиди худро аз ӯ бозгирифтанд. Ҷамшед, ки дар оғози подшоҳии худ мӯбад буд, аз миёни онҳо бархоста ва бо ҳимояти онҳо шоҳ шуда буд, инак, ки бо талошҳои бисёр

пуштибонии мардумӣ ёфта буд, ба мӯбадон эътиное надошт. Пас дар ин истизоҳ ройи эътимод наёвард:

*Чу ин гуфта шуд фарри Яздон аз ӯй,*
*Бигашту ҷаҳон шуд пур аз гуфтугӯй.*

Гарданфарозии Ҷамшед дар баробари мӯбадон сабаб шуд мӯбадон аз ҷойгоҳи динии худ истифода кунанд ва бо иттиҳоми динӣ ва рӯйгардонии ӯ аз дину аз Худо, таъйиди лашкариёнро барои кудето бигиранд:

*Манӣ чун бипайваст бо кирдигор,*
*Шикаст андар оварду баргашт кор.*

Ҷамшед бо он низоми табақотӣ иҷоза намедод, ки табақоти мухталиф дар кори ҳам дахолат кунанд:

*Аз ин ҳар якеро яке пойгоҳ,*
*Сазовор бигзиду бинмуд роҳ.*
*Ки то ҳар кас андозаи хешро,*
*Бубинад, бидонад каму бешро.*

Қудрат дар ҳавзаи сиёсӣ ба маънои тавоноии нуфузи ҳоким барои расидан ба ҳадафи матлуб бо мавонеи мутааддиде рӯбарӯст: "Қавонини илоҳӣ, табақоти иҷтимоӣ, ҳинҷорҳо ва мардум маҳдудкунандаи қудрат ҳастанд (Баҳромӣ).

Нишонаи коркарди дугонаи дин пайдост. Дин бо навъе механизми назорат, қудрати шоҳро низ дар даст гирифт. Иртиботи мустақим бо сиёсатро нишон дод ва амалан бар он султа ёфт. Абёт нишон медиҳад, <u>мӯбадон афроде сиёсатмадор буданд, ки аз дин ба унвони абзоре барои ба даст овардани қудрати бештар баҳра ҷӯстанд.</u>

Дар тамоми муддати подшоҳии Ҷамшед чирагии қудрати шаҳриёрӣ бар дин ошкор аст. Нахустин парвози инсон бо Ҷамшед шакл гирифт ва раҳсипарӣ бар обҳо бо киштии ӯ мумкин шуд. Пас Ҷамшед, ки бар ҳавову замин ва об сайтара ёфта буд, ниёзе ба фармонбарӣ аз мӯбадон надошт. Агар ӯ бо

сиёсат рафтор мекард ва мӯбадонро ба ҳеч намеангошт, чунин фарҷоме намеёфт. Дар тамоми муддате, ки машғули пешрафти сарзаминаш буд, ёде аз мӯбадон накарда ва дар парвоз бо девҳо ва низ тасаллут бар обҳо ва киштиронӣ, аз Худо сухане ба миён наёмад ва гӯӣ қатъи бандагӣ аз даргоҳи рӯҳониён карда буд. Ҷамшед сарвати зиёдеро бо пешрафти кишвар ба даст оварда буд ва ин сарват дар ихтиёри мӯбадони зоҳиран обид набуд. Ҳамаи инҳо асбоби норизоятӣ шуда ва замина барои сарнагунии шаҳриёр ба дасти ин табақа фароҳам гардид:

*Чи гуфт он сухангӯи бо фарру ҳуш,*
*Ки хусрав шудӣ, бандагиро бикӯш.*
*Ба Яздон ҳар он кас ки шуд носипос,*
*Ба дил-ш андар ояд зи ҳар сӯ ҳарос.*

Фармонбардорӣ аз табақаи диндорон муҷиби тадовуми фарра аст ва нофармонӣ фарро мекоҳад. Костани фар, костани пойгоҳ ва хор шудани шоҳ аст:

*Ба Ҷамшед бар тирагун гашт рӯз,*
*Ҳамекост он фарри гетифурӯз.*

Ҳоло навбати сиёсати пушти пардаи диндоронест, ки Ҷамшед солҳо онҳоро ба кӯҳ кучонида буд, то ба ибодаташон бипардозанд. Онҳо дар кори пешрафт ва ободонию маданият ҳунаре надоштанд. Пас мӯбадон бо ҳимояти тарафдорони низоми сармоядорӣ ба суроғи кишвари ҳамсоя мераванд; ҷойе, ки марде ҳамдини онҳо ҳукумат дорад. Бисёр низ сарватманд аст:

*Мар ӯро зи дӯшиданӣ чорпой,*
*Зи ҳар як ҳазор омадандӣ ба ҷой.*
*Ҳамон гови дӯшо ба фармонбарӣ,*
*Ҳамон тозиаспи гузидамарӣ.*
*Бузу меш буд ширвар ҳамчунин,*
*Ба дӯшизагон дода буд покдин.*

Мардос писаре дошт бо номи Беварасп. Дорандаи даҳ ҳазор асп, лекин ин писари бисёр сарватманд баҳрае аз меҳр набурда буд:

*Писар буд мар ин покдилро яке,*
*К-аш аз меҳр баҳра набуд андаке.*

Бинобар ин байт чаро эрониён бояд ӯро ба шоҳӣ баргузинанд? Ду абзори қудрат; яъне дин ва сарват дар ҳоли таркибу сохти аждаҳои қудратмандтаре буд то битавонад ҳар чи бештар дар кори табоҳии Эрону эронӣ пеш биравад. Диндорон мехостанд аз Ҷамшед интиқом бигиранд ва бемеҳрию беэътиноии ӯро посух гӯянд. Дин бо кумаки сармоядорон мехост дубора қудрати худро ба даст бигирад. (имрӯз ҳам, агар дуруст мушоҳида кунем, динмадорон аз сарватмандон ва ба истилоҳ, бизнесменон барои боло бурдани қудрату нуфузу ҳузур васеъ истифода мебаранд. Ҳатто дар замони шуравӣ ҳам, табақаи дорои ҷомеа: дукондорон, бозориён, майдафурӯшон, ҳаннотон, нуқтаҳои сӯзишфурӯшӣ, паҳлавонон, човандозон ва амсоли инҳо дар хидмати эшону муллову руҳонӣ қарор доштанд. Ин "имтиёзи табақотӣ"-ро руҳониёни замон, ки дар қолиби махсуму эшону домуллову шайху суфиву сайидзода зуҳур карда буданд, тавассути ибтикорту талқиноту таблиғоти саросарии худ аз худ карда буданд ва аз ҳисоби ба кор андохтани пружаи манипулятзияи зеҳнию фикрию ҳувиятӣ тоифаҳои дорову пулёбу соҳибнуфузи замонро ба худ ром намуда, бозиҳояшонро пиёда месохтанд. Имрӯз дар муҳити мо нуфузи аз ҳама зиёдро ҳамин табақа дорад ва бозориёну соҳибкорону пизишкону савдогарону олимону мансабталошон, ки ҳамагӣ як артиши бузургро ташкило медиҳанд, дар хидмати қишри руҳонӣ қарор доранд-С.С.)

Дар ҷое дигар аз "Шоҳнома" боз ҳам мӯбадон қудратнамоӣ кардаанд. "Яке аз фунуни мӯбадон барои

барқарории қудрат дар ростои авомири Аҳуроӣ, гузиниши шаҳриёр бар асоси усули динию ахлоқӣ ва барканории шоҳони бедодгар буд. Дар достони Яздигурд табақаи мӯбадон бар он буданд, ки Яздигурд дар тули подшоҳияш бедодгар буда, фарраи эзадӣ аз ӯ гусаста шуда ва дар фарзандаш Баҳром низ таҷаллӣ надорад. Пас бо ин баҳона иҷозаи подшоҳӣ ба фарзанд ва ҷонишини Яздигурд надоданд ва шоҳи дигаре бо номи Пир Хусрав интихоб мекунанд ва ҳамагон ба ӯ мулҳақ (ҳамроҳ, якҷо) мешаванд (Баҳромӣ).

Пас аз рӯйидани мор бар китфҳои Заҳҳок, аз Эрон хурӯше бармехезад ва кудето оғоз мешавад. Ҳоло ҳамон сипоҳи қудратманде, ки Ҷамшед сохта буд, гурӯҳ-гурӯҳ барои паймон бастан ба сарзамини тозиён меравандд.

“Ҳамеша сиёсати хориҷӣ яке аз манобеи қудрат будааст (Раҳимӣ) Эрониён ба сарзамине бегона рафтанд ва шоҳе ҳавлпайкарро, ки далеру сабуксор ва нопок аст, ба кишвари худ меоваранд. Ҳам онҳо, ки шоҳи ҳафтсадсолаи Эронро, ки сабаби ободонию хушӣ ва бемаргӣ буд, ба далели манӣ кардан, халъ мекарданд, читур мехостанд Заҳҳокеро, ки аз асос нопок буд, шоҳи кишвар кунанд?

Кишвари найзасавор бидуни шоҳ раҳо мешавад, Эрон чи дошт, ки бар сарзамини аслии Заҳҳок мечарбид ва ӯ ҳозир буд аз подшоҳӣ дар сарзамини худ даст бикашад ва бар садри кишвари бегона биншинад? Диндорони Эрон аз манбае динӣ дар сарзамини найзасавор дастур доштанд, ки чунин кунанд, бо ин ки аз ибтидои моҷаро, бадеҳӣ буд, ки Заҳҳок шоҳе сармоядор ва нопок аст. Онҳо мехостанд, ки Эронро бо он ҳама пешрафт дар дастёбӣ ба манобеъ ва баҳраманд аз донишҳои мухталиф, мустаъмараи найзасаворон кунанд.

Интиқоли қудрат аз тариқи кудето бо хоинони эронӣ ва бо кумаки сипоҳи тозӣ ба осонӣ ва суръат дар Эрон сурат гирифт.

Ҷамшед бо сипоҳе, ки солҳо дар тақвияти он кӯшида буд, ба ҷанг напардохт, балки тахтро тарк кард.

*Кайи аждаҳофаш биёмад чу бод,*
*Ба Эронзамин, тоҷ бар сар ниҳод.*
*Аз Эрону в-аз тозиён лашкаре,*
*Гузин кард, гирд аз ҳама кишваре.*
*Сӯи тахти Ҷамшед бинҳод рӯй,*
*Чу ангуштарӣ кард гетӣ бар ӯй.*
*Чу Ҷамшедро бахт шуд кундрав,*
*Ба танг андар омад ҷаҳондори нав.*

*Бирафту бад-ӯ дод тахту кулоҳ,*
*Бузургию дайҳиму ганҷу сипоҳ.*

Пас аз сад сол Ҷамшедро ёфтанд. Ҳоло ӯ нопокдин хонда мешавад:

*Чу сад солаш андар ҷаҳон кас надид,*
*Бар ӯ номи шоҳию ӯ нопадид.*
*Садум сол рӯзе ба дарёи Чин,*
*Падид омад он шоҳи нопокдин.*

Равшан аст, ки фатвои уламои дин ӯро нопок эълом мекунад то битавонанд ӯро бикӯшанд; зеро "вуҷуди шоҳ муқаддас аст; қатли ӯ ҳам тобу ба шумор меравад ва қотил ба подафраҳи он, интиқоме сахт бозпас хоҳад дод" (Тавассул Паноҳӣ).

Ҳоло ки рехтани хуни ӯ мубоҳ гардид, ҳамин ки ба чанги Заҳҳок афтод, бедиранг ва бидуни муҳокима бо арра ба ду ним шуд. Аз тарси равшангарии Ҷамшед ва хезиши мардумӣ ба ӯ иҷоза надоданд сухане бигӯяд ва дигаронро огоҳ кунад ва билофосила ӯро ба фаҷеътарин шакли мумкин куштанд:

*Чу Заҳҳокаш овард ногаҳ ба чанг,*
*Якояк надодаш суханро диранг.*

*Ба арра мар ӯро ба ду ним кард,*
*Ҷаҳонро аз ӯ пок бе бим кард.*

Фирдавсӣ дар байтҳои сипасин ба бегуноҳии Ҷамшед ишора мекунад ва дилгир аст:

*Аз ӯ беш бар тахти шоҳӣ кӣ буд,*
*Бар он ранҷ бурдан чи омад-ш суд!*

Ва албатта шоир ба хубӣ медониста, ки ин марг, марге сиёсӣ ва ҳосили найранг аст ва аз он ба "нағзбозии рӯзгор" таъбир мекунад. Сиёсате касиф, ки дилро ба дард меоварад:

*Яке нагзбозӣ бурун оварад,*
*Дил-т андарун дарду хун оварад.*

Фирдавсӣ ҳамвора пас аз марги қаҳрамонони достонҳояш андӯҳгин мешаваду менолад ва аз бевафоии дунё сухан мегӯяд. Лекин дар поёни достони Ҷамшед, дилтангии шоир аз фарҷоми Ҷамшед ба қадре зиёд аст, ки орзуи марг мекунад:

*Дилам сер шуд з-ин сарои сипанҷ,*
*Худоё, маро зуд бирҳон зи ранҷ!*

Натиҷагирӣ

Дар ин ҷустуҷӯ, ки фақат бахши асотирии "Шоҳнома"-ро мековад, ба робитаи дину сиёсат таваҷҷуҳ шудааст ва хонише дигар аз достони подшоҳони пешдодиро матраҳ мекунад. Ду қудрати динӣ ва қудрати шоҳиро гоҳ дар таомул ва гоҳ дар тақобули ҳам меёбад. Ҷамшед диндоронро ба ихтиёри худ раҳо карда ва ҳаримашонро пос медорад, аммо диндорон ҳамвора дар талош бар тасаллути бештар бар салтанат дида мешаванд.

Тавтеаи ниҳоди дин алайҳи салтанат барои ба даст овардани қудрат низ ба даст овардани сарват ва афзоиши чоҳу мавқеъият дар давлат аст. Тавтеа алайҳи Ҷамшед нухбакушӣ (нухба-баргузида, бартар, мунтахаб) аст. Ҷамшед нухбаест, ки дар куниши таърихии ҷомеа муассир воқеъ шуда. Ӯ

қаҳрамони мардум аст, ки бо кӯшишу тавонмандӣ кишварро ба маданият расонидааст. Шикасти ӯ ба далели қиёми мардумӣ набуд, балки ба далели ихтилоф бо табақаи мӯбадон дар муносиботи қудрат буд. Дар ин кашокаш, сиёсатмадорон, динро абзоре барои ба даст овардани қудрати бештар ба кор гирифтаанд ва фарраи эздӣ барсохтаи мӯбадон аст барои маҳори қудрати шоҳ.

Се омили дин, сиёсати хориҷӣ ва таомул бо сарзамини найзагузор, сарвату сармоя, бо иттиҳоди ҳамдигар сабаби интиқоли қудрат дар гузор аз Ҷамшед шуданд ва ҳадафи бузургтар ин буд, ки Эрон мустаъмараи саворони найзасавор шавад ва манобеву доштаҳои кишвари биҳиштин дар ғорату дар хидмати низоми динии хориҷӣ қарор гирад.

(Тайи таърих ҳамеша чунин будаву чунин хоҳад монд. Руҳониён, ки бо қудрату сарват умре зистаанд, ҳаргиз намегузоранд, ки нуфузашон дар мудирияти авом ва сиёсат аз даст биравад. Ин аст, ки ба Ҷамшед рашк варзиданд ва ба хотири аз султаву сиёсмату сарват дур кардани онҳо аз ӯ интиқом гирифтанд. Аз сӯйи дигар, тавре ки Фаронудӣ изҳор доштааст, авомили берунӣ ва такя ба беруну хавориҷ ҳамеша дар саргаҳи сиёсатмадориҳои мо будаву ҳаст. Ҳамеша роҳи наҷотро дар берун меҷӯем, ба худ ва қудрати худӣ ҳеҷ гоҳ такя намекунем, умеди таҳаввулоту тағйиротро дар берун меҷӯем, ба хориҷиён бовар мекунем. Ин формулаи сиёсӣ-мафкуравӣ ва бовардошти ҳувиятию ахлоқӣ асрҳои тулонӣ ба сифати унсуру ангезаи зеҳнӣ зиндагиамонро шаклу мазмуну муҳтаво медодааст. Ба ин маъно, то фарҳанги мо ба таври решаӣ тағйир напазирад ва барномаҳое ҷиддӣ дар қиболит зеҳну ҳувиятамон рӯйи даст нагирем, наметавонем, аз худ ба унвони миллати вораставу мутамаддин ва огоҳу худшиносу ҳувиятмадор муаррифӣ намоем. Аз сӯйи дигар, то замоне ки мо як фарҳанги пӯёе бар мабнои ақлу мантиқ ва донишу

биниши мантиқӣ насозем ва низоми арзишҳоямон (арзишҳои динӣ. миллӣ, дунявӣ)-ро дурустҳисобӣ ҷобаҷо накунем ва аносиру авомили хориҷиро дар ташаккулу таҳаввули сиёсату давлатдорӣ, аз як тараф ва фарҳангу маънавиёт, аз тарафи дигар, канор назанем, пирӯз нахоҳем буд, баръакс, дастнигар, беҳувият, хидматкор, манқурт, худбохта боқӣ хоҳем монд. Муҳимтар аз ҳама, омӯзишу таҳқиқи асотири бостонии миллӣ, аз ҷумла асотири Ҷамшед, Фаридун, Рустам, Сиёвуш, Исфандиёр ва амсоли инҳо моро ҳушдор месозанд, ки аз мусибату фоҷеаҳо танҳо аз тариқи ҳушёрӣ, зиракӣ, андешамандӣ, огоҳӣ, доноӣ ва худкифоӣ метавон раҳо шуд—С.С.).

Таҳияи Беҳрӯзи Забеҳулло,
мудири шуъбаи адабиёти муосири
Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

**Адабиёт**

1. Мухторов А. Ахтари тобони илми таърих: очерки публисистӣ-таърихӣ. -Душанбе: Сино, 2016.-150 с.

2. Мухторов А. Меҳри устод // Ахтари илму ирфон.-Душанбе: Ватанпарвар,2006.- С. 25-33.

3. Набиева Р. Ситораи дурахшони илму фарҳанги Машриқзамин //Ахтари илму ирфон.- Душанбе: Ватанпарвар,2006.- С. 35- 43.

4. Раҷабов З. Дорогой знаний (Из воспоминаний).-Душанбе: Ирфон, 1975. -152 с.

5. Раҷабов З. Страницы прошлого: (Из воспоминаний ветерана куль-турного строительства в Таджикской ССР).-Душанбе: Ирфон,1986.-256 с.

6. Раҷабова А. А. Мой дорогой Зариф // Ахтари илму ирфон.- Душанбе: Ватанпарвар, 2006. -С.56-63.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 18.02.2025*
*Барои нашр имзо шуд 11.03.2025*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70х100 1/8.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии "Дониш"- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*

**Илм ва Ҷомеа**________________________________________________